**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОМЕРЦИИ**

# МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗУИ "МАСОИЛИ МУБРАМИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР"

**10 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024**

# МАТЕРИЛЫ РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ ПО ТЕМЕ «АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ»

**10 ДЕКАБРЯ 2024 ГОДА**




**2025**

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

# ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОМЕРЦИИ

## МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗУИ “МАСОИЛИ МУБРАМИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР” 10 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024

## МАТЕРИЛЫ РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ ПО ТЕМЕ «АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ» 10 ДЕКАБРЯ 2024 ГОДА

**2025**

ББК: 67.4/67.9
УДК: 340.12

Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи “Масоили мубрами ҳуқуқи инсон дар шароити муосир”, 10 декабри соли 2024 / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Алиев Ф.Ш., н.и.ҳ., дотсент Ғайратов Т.М., н.и.и., дотсент Машокиров Ҷ.Н. ва н.и.и., дотсент Султонов З.С.

Материлы научно-практической конференции по теме “Актуальные проблемы прав человека в современных условиях”, 10 декабря 2024 года / Под ред. к.ю.н., доцента Алиев Ф.Ш., к.ю.н., доцента Гайратов Т.М., к.э.н., доцента Машокирова Дж.Н. и к.э.н., доцента Султонова З.С.

Матни маърӯзаҳо дар шакли асл нашр шудаанд ва барои мазмун ва аслияти онҳо масъулият ба зиммаи муаллифон мебошад.

Тексты статьи публикуются в оригинальном виде, ответственность за их содержание и оригинальность несут авторы.

© Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2025
© Таджикский государственный университет коммерции, 2025

## МУНДАРИЧА / ОГЛАВЛЕНИЕ


| № | Ному насаби муаллиф | Номи мавзуҳо | |
|---|---|---|---|
| | Пешгуфтор | | 6 |
| 1. | Раззоқов Б.Ҳ. | Баъзе масоили ташаккули истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ | 7 |
| 2. | Раззоқов Б.Ҳ. | Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – асоси ҳуқуқии ташаккули давлатдории миллӣ | 11 |
| 3. | Солеҳов М.А. | Баъзе пешниодҳо оид ба такмил додани Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи истифодабарии об | 18 |
| 4. | Гайратов Т.М.<br>Хакимов Ш.Ш.<br>Бобохониён Д.М. | Научно-практические проблемы обеспечения прав человека в контексте противодействию наркомании в Республике Таджикистан | 21 |
| 5. | Маҳмадхонов Т.<br>Рустамзода Ф.Р | Баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана | 24 |
| 6. | Курбонов Ш. ДЖ. | Особенности гражданско-правового регулирования института право удержания: от древности до Бухарского эмирата | 28 |
| 7. | Исмоилова З.И.<br>Гоибова М.А.<br>Орифова Ю.Х. | Расчетная сделка – как основание возникновения расчетных правоотношений: аргументы «за» и «против» | 36 |
| 8. | Бабаджанова К.Р. | Свободное использование произведений изобразительного искусства, постоянно находящихся в местах, открытых для свободного посещения | 41 |
| 9. | Машрабова М.Т. | Свобода договора: особенности отношений с кредитными организациями | 44 |
| 10. | Саидмуродова Ф.И. | Способы защиты имущественных прав супругов при разделе общего имущества | 47 |
| 11. | Ширинҷонов Ф.И. | Хусусиятҳои хоси ҷинояткории муташакили фаромиллӣ | 49 |
| 12. | Гайратов Т.М.<br>Бобохониён Д.М.<br>Хакимов Ш.Ш. | Концептуальные основы соблюдение прав человека при противодействии терроризму и экстремизму в Республике Таджикистан | 55 |
| 13. | Алиев Ф.Ш.<br>Ҳакимов Ш.Ш.<br>Бобохониён Д.М | Баъзе масъалаҳо оиди таълимоти ҳуқуқӣ | 58 |
| 14. | Иброҳимзода Б.Ф. | Баъзе масъалаҳо оид ба шартномаи сохтмони ҳиссагии биноиистиқоматӣ | 62 |
| 15. | Муминов Ш.Ф. | Мафҳум ва моҳияти сохтори ташкилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ | 68 |
| 16. | Маҳмадхонов Т. | Танзими ҳуқуқии фаъолияти рекламавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | 72 |
| 17. | Рустамзода Ф.Р.<br>Исмоилов А.Ш | Правовое регулирование отношений собственности: соотношение международного и внутригосударственного права | 75 |
| 18. | Сангканова Т. | Асосҳои ҳуқуқии ташкил, фаъолият ва қатъи минтақаи озоди иқтисодӣ | 79 |
| 19. | Сафарова З.М. | Баъзе масъалаҳо оид ба муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ | 86 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 20. | Ҳакимов Ш.Ш.<br>Бобохониён Д.М | Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир | 88 |
| 21. | Маҳмадхонов Т.<br>Рустамзода Ф.Р | Оид ба мафҳуми шартномаи хизматрасонии аудиторӣ | 92 |
| 22. | Алиев Ф.Ш.<br>Бобохониён Д.М.<br>Ҳакимов Ш.Ш | Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва роҳҳои баланд бардоштани он | 96 |
| 23. | Солеҳов М.А | Сущность социального государства | 99 |
| 24. | Мирзоева Қ.А.<br>Бобохониён Д.М.<br>Ҳакимов Ш.Ш. | Таърихи таъсисёбии прокуратура ва рушди он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол | 109 |
| 25. | Мавлонзода Ф.У.<br>Шарифова Д. | Тавсифи умумии механизми миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон | 112 |
| 26. | Яқубжонзода М. | Асосҳои ба вуҷуд омадан ва қатъ гаштани ҳуқуқ ба моликият | 115 |
| 27. | Яқубжонзода М. | Хусусият ва намудҳои ҳуқуқ ба моликият | 120 |
| 28. | Яқубжонзода М.<br>Шарифова Д. | Моҳият ва татбиқи ҳуқуқи инсон ба мерос | 124 |
| 29. | Сафарзода Эраҷ | Ҷойи ҳокимияти иҷроия дар партави муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 132 |
| 30. | Емомова А. | Ширкатҳо ва таносуби онҳо боҷамъиятҳои хоҷагидорӣ | 137 |
| 31. | Емомова А. | Вазъи ҳуқуқии ширкатҳо ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ тибқи қонунгузории хориҷӣ | 142 |
| 32. | Емомова А. | Вазъи ҳуқуқии дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ | 149 |
| 33. | Шарифова Д. | Механизмҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон | 155 |

# ПЕШГУФТОР

Мувофиқи моддаи 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Эътироф кардани инсон ва ҳуқуқу озодии ӯ ҳамчун арзиши олӣ аз ҷониби Конститутсия муҳимтарин падидаи либералӣ ва демократӣ мебошад, ки мақоми ҳуқуқии инсонро олитарин арзиш баён намудааст.

10-уми декабри соли 1948 дар арсаи байналмилалӣ аз ҷониби Созмони Миллалӣ Мутаҳҳид муҳимтарин санади ҳуқуқӣ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар қабул гардид. Эъломияи мазкур ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсонро эълон намуда, инсонро ҳамчун ашхоси озод муайян намуд. Ҳамин аст, ки Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба зуди аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, дар қонунгузории давлатҳо ифодаи худро ёфт.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани меъёр ва принсипҳои эъломияи мазкур, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат аз 25-уми апрели соли 2008 қайд намуданд, ки “Бо мақсади такмили минбаъдаи механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон Қонун “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид, ки он заминаҳои ҳуқуқии таъсиси мақоми махсусро дар баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи инсон таъмин мекунад”.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Рӯзҳои ид” 10-уми декарб ҳамчун Рӯзи Ҳуқуқи инсон муқаррар гардидааст.

Маҷмӯаи мазкур натиҷаи заҳмат ва самараи фаъолияти илмию амалии муҳаққиқони кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, инчунин муҳаққиқоне мебошад, ки бевосита ба мавзуи ҳуқуқи инсон таваҷҷӯҳи хоса доранд.

**БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ЯГОНАИ ҲУҚУҚӢ БО ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ**


Раззоқов Баҳодур Ҳаётович

д.и.ҳ.,профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
тел.: 918617980, e-mail: razzokov_b@mail.ru



*Фишурда:* Дар мақола масъалаҳои мубрами ташаккули истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ баррасӣ шуда, Муаллиф дар заминаи таҳлили омилҳои муайянкунанда ба хулоса меояд, ки ташаккули истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ мавзуи доғи ҳаёти ҳуқуқӣ боқӣ монда, матраҳи он муносибати низомноку илман асоснокро талаб менамояд. Дар ин ҷода таҳияи як навъ "харитаи роҳ" мақсаднок арзёбӣ мешавад, ки бояд силсилаи чорабиниҳоро ҷиҳати ягонасозӣ, стандартонӣ ва мураттабсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бар гирад.



*Калидвожаҳо:* Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истилҳоти конститутсионӣ, фазои ягонаи қонунгузорӣ, ягонасозӣ, стандартонӣ, мураттабгардонӣ.


Дар шароити муосир ба рӯзномаи ҳаёти ҳуқуқӣ ва давлатии Тоҷикистон масъалаи ташаккули истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ ҳар чӣ бештар ворид шуда, ниёз ба таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба дорад. Истифодаи истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ бо сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ рабт дошта, омили муҳими эъмори давлати ҳуқуқбунёд маҳсуб мешавад. Зиёда аз он, истилоҳоти ҳуқуқӣ ба самарабахшии фаъолияти ҳуқуқэҷодӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ таъсир дошта, дар низоми танзими иҷтимоӣ нақши муассир мебозад. Маҳз забон унсури ибтидоӣ эътироф мегардад, ки тавассути он иродаи субъкти ваколатдори ҳуқуқэҷод ифода ёфта, ба маълумоти шахсони дахлдор расонида мешавад.

Арзандаи таҳсин аст, ки аҳамияти масъала ва зарурати матраҳи он дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 08 феврали соли 2018 тасдиқ шудааст, таъкид мегардад: "...дар баъзе ҳолатҳо дар қонунгузории амалкунанда истилоҳот бо забони тоҷикӣ номуайян, гуногунмаъно ва тарзе истифода шудаанд, ки мазмуни меъёрии онро коста менамоянд" [1]. Илова мешавад, ки яке аз самтҳои афзалиятноки такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ - эҷод ва истифодаи калимаю истилоҳоти дурусти ҳуқуқии тоҷикӣ дар қонунгузорӣ мебошад. Ҳангоми истифодаи ин ё он истилоҳот дар қонунгузории амалкунанда на танҳо ба содда ва равону фаҳмо будани он, балки ба доираи фарогирии мазмуну мафҳуми муайян эътибор додан зарур аст, то ки шарҳи гуногуни меъёрҳо истисно гардида, татбиқи якхелаи онҳо таъмин карда шавад. Пешниҳод шудааст, ки дар оянда фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқии Тоҷикистон таҳия гардад [1].

Мусаллам аст, ки инкишофи минбаъдаи қонунгузории кишвар бо Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд дониста мешавад. Вале дарёфти натиҷаи дилхоҳ дар мавриди такя ба методологияи илман асоснок имконпазир мегардад. Акси ҳол, иҷрои ноқису нопурраи нақшаи чорабиниҳои он ногузир сар мезанад, ки аллакай мушоҳида мешавад. Таҳияи фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқ дар ҳайати дастаҷамъӣ қаблан низ иқдом шуда буд [2], вале таъсири он ба фаъолияти қонунэҷодӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқ чандон назаррас нашуд. Ҳанӯз ҳам ифодаи ҳамон як зуҳурот бо истилоҳи гуногун дар қонунгузорӣ боқӣ монда, омили таваккал дар ҳаёти ҳуқуқӣ мегардад. Масалан, истилоҳоти «истеҳсолот» ва «пешбурд» мувофиқан дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қонунгузории конститутсионӣ ва маъмурӣ барои ифодаи ҳомилони яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ то ҳол ду истилоҳ

гардиш доранд: «мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ» ва «мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ». Зимни танзими салоҳияти мақомоти давлатӣ қонунгузор гоҳ аз истилоҳи «таъсис медиҳад» истифода бурда, гоҳи дигар ба истилоҳи «ташкил мекунад» рӯ меорад. Ҳангоми мустаҳкамсозии намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар баъзе санадҳои қонунгузорӣ истилоҳи «муҷозот» ва дар дигари онҳо – «ҷазо» истифода мегардад. Ва ин қабил мисолҳоро аз матни санадҳои қонунгузорӣ хеле зиёд овардан мумкин аст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ барои ифодаи зарурати мураттабсозии истилоҳоти ҳуқуқӣ мафҳумҳои гуногун истифода мешаванд: ягонасозӣ, мураттабсозӣ, стандартонӣ, ҳамҷоясозӣ, ҳамоҳансозӣ ва ғ. Ин калимаҳо аз ҷониби муаллифон дар таносуби мухталиф истифода мешаванд. Мо ҷонибдори он андеша ҳастем, ки ягонасозӣ, стандартонӣ ва мураттабгардонӣ унсрҳои таркибии силсилавӣ баромад мекунанд, ки ба таъмини ҳамоҳангии қонунгузорӣ равона шудаанд: ягонасозӣ - ба низоми бутун даровардани меъёрҳои ҳуқуқиро дар назар дошта, тавассути он фаҳмиши якхела, шакли якранги онҳо таъмин мешавад, стандартонӣ – расман қабул намудани феҳристи истилоҳоти ягонашударо дар назар дорад, ки барои истифода дар санадҳои меъёрӣ ва дигари ҳуқуқӣ раво дониста мешавад ва ниҳоят, мураттабсозӣ – ба тартиби муайяни аз ҷониби мутахассисон эътироф шуда овардани истилоҳоти ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад [3, 14].

Матраҳи илман асосноки таъмини истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ нигоҳи низомнок ва мантиқиро тақозо дошта, ҳалли басти масъалаҳои рӯзмараи алоқаманд бо рушди қонунгузориро дар madди аввал мегузорад, ки ба бархе аз онҳо бо назардошти муҳиммият ишора менамоем.

Якум, дар матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой доштани баъзе истилоҳот, ки ба мафҳумҳои дар илми ҳуқуқшиносӣ маъмул мувофиқат намекунанд. Вазъи мавҷуда таҳлили коршиносӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илман асоснокро ҷиҳати таҳрири баъзе меъёрҳои конститутсионӣ тақозо менамояд. Фазои ягонаи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зарурати таъмини он дар сатҳи сиёсӣ гузошта шудааст, бояд маҳз аз истилоҳоти конститутсионӣ оғоз ёбад. Он дар навбати худ ба истифодаи калимаҳои дурусти ҳуқуқӣ бо забони тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард. Масалан, дар номи боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаи “вазифаҳо” истифода шудааст [4, 5], ки маънии зуҳуроти баррасишавандаро дуруст ифода намекунад. Дар ин маврид истифодаи калимаи “уҳдадориҳо” максаднок мебошад, ки ҳадди рафтори ҳатмии шахсро дар назар дорад.

Дуюм, дар қонунгузории ҷорӣ рушди устувор надоштани истилоҳоти конститутсионӣ. Ворид намудани истилоҳоти конститутсионӣ ба қонунгузорӣ маънои истифодаи калима ва ибораҳои матни Конститутсияи мамлакатро дар беистисно ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳаёти ҳуқуқӣ дар назар дорад. Масалан, дар қ.1 м.27 Конститутсияи ҷумҳурӣ ибораи «идораи давлатӣ» истифода мешавад [4,8]. Истилоҳи мазкур ба намуди муайяни фаъолияти давлатӣ ишорат менамояд, ки шаҳрвандон метавонанд аз иштирок дар он бархӯрдор бошанд. Вале дар қонунгузории маъмурӣ барои ифодаи ҳамин зуҳурот ибораи «идоракунии давлатӣ» васеъ истифода мегардад. Чунин мисолҳоро нисбати истилоҳоти дигари конститутсионӣ – «хидмати давлатӣ», «салоҳият», «ваколат» ва ғ. низ ёдовар шудан мумкин аст. Дар қонунгузории маъмурии кишвар рушд наёфтани истилоҳоти конститутсионӣ боиси нигаронӣ буда, натиҷаи дар аксар маврид сарфи назар гаштани тасвияҳои илми ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Сеюм, ҷой доштани номувофиқатӣ байни матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус қонунҳо, бо забони давлатӣ ва русӣ. Ин ҳолатро ҳатто зимни муқоисаи матни Конститутсияи ҷумухрӣ бо забони давлатӣ ва русӣ мушоҳида намудан мумкин аст: масалан, боби 2 бо забони русӣ чунин номгузорӣ дорад: “Права, свободы, основные обязанности человека и гражданина”. Баёни мазкур на танҳо тарҷумаи иштибоҳӣ аст, балки дар худ нуқси методологӣ низ дорад: андешаи ғалат ҳосил мешавад, ки дар сатҳи конститутсионӣ истилоҳи “асосӣ” танҳо ба уҳдадориҳо дахл дорад. Ҳамин зайл номувофиқатии мазмун дар чанде аз дигар меъёрҳои конститутсионӣ низ ба чашм мерасанд (моддаҳои 27, 84, 93 ва ғ.), ки дар ниҳояти кор нисбати зуҳуроти дахлдори ҳаёти ҳуқуқию давлатии мамлакат тасаввуроти

ғалат ба вуҷуд меоранд. Ин масъалаи доғи рӯз дар байни олимону коршиносон дер боз муҳокима шуда, бо фаъолияти номатлуби тарҷумонҳо рабт дода мешавад. Ҳанӯз соли 2008 яке аз олимони шинохтаи ҳуқуқи ватанӣ М.З.Раҳимзода нисбати ҳамин масъала бамаврид таъкид дошт: "тарҷумонҳо бештар ба равонии матни модда ва қонунҳо аҳамият дода, ба моҳият ва мазмуни ҳуқуқии онҳо эътибори кофӣ намедиҳанд» [5, 64].

Таваққуф ба масъалаи таносуби матни забони давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо забони русӣ бесабаб нест. Матни русии санадҳои меъёрии ҳуқукии Тоҷикистон низ эътибори расмӣ дорад ва пӯшида нест, ки афкори байналмилалӣ бо қонунҳои ҷумҳурӣ асосан тавассути забони русӣ шиносоӣ пайдо менамояд. Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва соири давлатҳои дуру наздик ба нашри теъдоди зиёди маҷмуаи қонунҳо ва шарҳи онҳо ба забони русӣ ниёз доранд. Аз ин боис масъалаи тарҷумаи дурусти онҳо ба забони русӣ аҳамияти хеле муҳим касб менамояд. Идомаи чунин вазъият дар амалия таваккалҳоро барои субъектҳои ҳуқуқ тавлид намуда, боиси муаммоҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ мегардад [6, 147].

Чорум, таъмин набудани ҳамоҳангӣ байни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ. Баъди тибқи стратегияи ислоҳоти идораи давлатӣ ба фаъолият оғоз намудани хадамоти назоратӣ дар қонунгузорӣ муқаррарот пайдо шуд, ки мақомоти санҷишӣ бояд «қоидаҳои гузаронидани санҷишҳо»-ро қабул намоянд. Чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар идораҳои дахлдор интишор шуданд. Зимни шиносоӣ ошкор гардид, ки мазмуни аксари онҳо бо муқаррароти қонунҳои соҳавӣ мувофиқат намекунанд ё чораҳои ҷавобгарии дар онҳо пешбинӣ шуда дар номгӯйи ҷазоҳои дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ҷой надоранд. Масалан, ба сифати чораи ҷавобгарӣ нисбати субъекти хоҷагидор барои вайрон кардани қонунгузорӣ татбиқ шудани «амрнома». Ҳол он ки истилоҳи мазкур дар қонунгузорӣ як навъи маъмули санади ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад ва қонунгузор онро намуди ҷазои маъмурӣ мустаҳкам намекунад.

Панҷум, тақлиди беасос ба моделҳои бегонаи ҳуқуқӣ. Дар лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ ин зуҳурот ҳамчун "тамоюлҳои ғарбикунонӣ ё шарқикунонии яктарафаи мундариҷаи қонунҳо" тавсиф ёфта, бо фаъолияти сохторҳои мухталифи байналмилалӣ ва гумоштаҳои онҳо рабт дода мешуд. Мутаассифона, дар таҳрири ниҳоии Консепсияи мазкур ин қисм хориҷ шуда бошад ҳам, эҳтимолияти хатарро ба низоми ҳуқуқи кишвар аз байн намебарад.

Дар амалияи қонунэҷодсозии Тоҷикистон чунин зуҳурот, ки ба мазмуну муҳтавои меъёрҳои конститутсионӣ ҷавобгӯ набуда, интиқоли сунъии арзишҳо аз оилаҳои ҳуқуқии бегона мебошанд, мушоҳида шуданд. Мисоли равшани он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад, ки аз 16 апрели соли 2012 эътибори ҳуқуқӣ дорад [7]. Қонуни мазкур нисбати низоми идораи давлатии Точикистон тасаввуроти ғалат ба вуҷуд оварда, аз он ба тариқи сунъӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ихроҷ менамояд. Моҳиятан, қонунгузор консепсияи оилаи ҳуқуқии англисии ташкили ҳокимияти давлатиро мустаҳкам намуд. Новобаста ба муроҷиатҳои чандинкаратаи мо ба мақомоти ваколатдори давлатӣ мазмуни он то ҳанӯз бознигарӣ нашудааст ва истиҳола дар мавқеи расмӣ боиси нигаронӣ мебошад.

Шашум, танзими парокандаи ҳуқуқӣ доштани фаъолияти қонунэҷодсозӣ, ки таъсири таваккалҳоро дар раванди он зиёд мегардонад. Ба ташаккули парламентаризми миллӣ ва афзудани сатҳи соҳибкасбии ҳайати вакилони мардумӣ нигоҳ накарда бояд иқрор шуд, ки раванди қонунэҷодсозӣ ҳанӯз ҳам ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест. Аз сабаби ноқис будани расмиёти (раванди) қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳо баъзан бо шитобкорӣ қабул шуда, боиси нигаронии қишрҳои мухталифи ҷомеа мегарданд. Чунин вазъият ба он меорад, ки аз эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани қонун чанде нагузашта, зарурати вориди тағйиру иловаҳо ба он пеш меояд.

Аз ин боис таҳия ва қабули қонун "Дар бораи расмиёти қонунгузорӣ" тақозо мешавад, ки тартиби таҳия, пешниҳод, муҳокима, баррасӣ, қабулу ҷонибдории қонунҳо ва экспертизаи

илмии қабл аз қабули лоиҳаи қонунҳоро танзим намуда, пайдоиши унсурҳои тасодуф ва таваккалро дар ҳаёти ҳуқуқӣ пешгирӣ созад.

Танзими дақиқи ҳуқуқии қонунэҷодсозӣ ва дар он пешбинӣ намудани унсурҳои ҷилавгирӣ ва ташхиси таваккалҳо талаботи замон мебошад. Вале гузориши масъала танҳо бо қабули қонун дар бораи фаъолияти қонунэҷодсозӣ маҳдуд намегардад. Масъала мураккабу фаррохтар аст, он ба тағйири консепсияи қонунгузории танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳидоят менамояд.

Қонун худ ба як маънӣ забони муошират байни давлат ва ҷомеа, мақоми расмӣ ва инсон баромад мекунад. Содда ва равону фаҳмо будани матни қонун танҳо қисмати аввали кор аст, мағзи масъала дар мазмуну мӯҳтавои он ниҳон аст, ки субъект манфиатбахш будани қонунро дарк намуда, дар риояи талаботи он ба бозии "мушу гурба" моил нагардад. Баҳри маъмул гаштани тарҳи рафтори ҳуқуқӣ дар танзими қонунгузорӣ тамоюли ҷазодиҳандагӣ дар ҳуқуқро бояд бартараф намуд. Зиёда аз он, худи майли ҷазодиҳандагӣ дар ҳуқуқ ба афзоиши таваккалҳо дар фаъолияти мақомоти давлатӣ боис мегардад. Аз ин рӯ, тавре яке аз олимони шинохтаи ҳуқуқи маъмурии Россия - Ю.А.Тихомиров асоснок таъкид менамояд, агар мо ба функсияи ҳавасмандсозандаи ҳуқуқ тақвият набахшем, наметавонем одамонро ба ҷустуҷӯйи қабули қарорҳои ташаббусӣ водор созем [8, 111].

Воқеан ҳам, рафтори барои тарафи идоракунанда дилхоҳ тавассути ташаккули ангезаҳое ба даст меояд, ки ба амал тибқи тарҳи дархостшаванда водор месозанд. Вале ноил шудан ба ин сифати қонунгузорӣ баъди таҷдиди назар намудани мафҳумҳои ҳуқуқ, давлат, ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ имконпазир мегардад. Ин мавзуҳо айни ҳол дар остонаи илми ҳуқуқшиносӣ истодаанд.

Ҳафтум, ҷой доштани меъёрҳои духӯра дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Чунин зуҳурот моҳиятан аз сифати қонунҳо манша гирифта, дар ниҳояти самаранокии қонунгузориро паст мегардонад. Яке аз василаҳои то ҳадди ақал фаровардани таваккали онҳо вусъати тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои ваколатдор баромад карда метавонад. Мутаасифона, аз ин ваколати худ қонунгузор ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ба таври матлуб истифода намебаранд.

Дигар зуҳуроти ба масъалаи бардошташуда рабт дошта - дар санадҳои сиёсӣ ҷой доштани истилоҳу мафҳумҳое мебошад, ки дар қонунгузорӣ мустаҳкам нашудаанд. Масалан, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти «ҳуқуқи миллӣ» ва «қонунгузории миллӣ» истифода мешавад. Вале барои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", ки дар таҳрири нав аз 30 майи соли 2017 эътибори ҳуқуқӣ дорад, ин мафҳумҳо номаълум мебошанд [9]. Ба қонунгузор зарур аст, ки мавқеи расмии худро муайян созад, то ки истилоҳоти баёншуда ба гардиши ҳуқуқӣ ворид гарданд.

Соири эродҳо нисбати мазмуни Консепсияи мазкур низ дахл дорад: номувофиқатии матни тоҷикӣ ва русӣ, ноқис баён ёфтани ниҳодҳои анъанавии соҳаҳои низоми ҳуқуқи Тоҷикистон (масалан, дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ - худидоракунии маҳаллӣ ё низоми интихобот). Ё худ, дар матни тоҷикӣ ибораи "таҳдиду хатарҳо" истифода шуда, дар забони русӣ ҳамин ибора "угрозы и вызовы" тарҷума шудааст. Мусаллам аст, ки ифодаи зуҳурот дар матни забони русӣ дуруст буда, дар матни тоҷикӣ иштибоҳ мебошад. Таҳдид – ин худ хатаре мебошад, ки дар шароитҳои муайян метавонад амалӣ гардад ва ба мамлакат зарари ҷиддӣ расонад. Дар ҳолати андешидани чораҳои матлуб қувваи таҳдид метавонад коста гардад ё умуман аз байн бурда шавад. Вале зуҳуроти дигар, ки дар забони русӣ "вызов" омадааст, "хатар" тарҷума намешавад. Истилоҳи мазкур бори аввал ба гардиши илмӣ аз ҷониби таърихшиноси маъруфи англис А.Тойнбӣ ворид карда шуд [10]. Дар рафти тадқиқи рушди тамаддунҳои башар ӯ ба хулоса омад, ки ҳаёту маммоти ҳар кадоми онҳо натиҷаи вокуниш ба мушкилоти нави ҳаёт буд. Истилоҳ ҳамин муаммои навбатӣ дар ин ё он соҳаи ҳаёти ҷомеаро ифода менамояд, ки ба забони тоҷикӣ барои ифодаи он калимаи "ситеза" бештар мувофиқ мебошад.

Ҳамин тавр, ташаккули истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ мавзуи доғи ҳаёти ҳуқуқӣ боқӣ монда, матраҳи он муносибати низомноку илман асоснокро талаб менамояд. Дар ин ҷода таҳияи як навъ "харитаи роҳ" мақсаднок арзёбӣ мешавад, ки бояд силсилаи чорабиниҳоро ҷиҳати ягонасозӣ, стандартонӣ ва мураттабсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бар гирад. Қадами аввал – таҳлили илмии коршиносии матни Конститутсия гашта, сипас, дар заминаи он номувофиқати байни матни тоҷикӣ ва русии Конститутсия ва дуюм, номувофиқати байни матни тоҷикӣ ва русии дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз байни бардошта мешавад. Анҷоми ин чорабиниҳо ба ташаккули фазои ягонаи қонунгузорӣ мусоидат намуда, имконоти фарроху муосидро барои дарёфти ҳамоҳангии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам меорад ва ба раванди ҳуқуқэҷодсозӣ ва самаранокии амали санадҳои ҳуқуқӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

Адабиёт:

1.Реҷаи дастрасӣ: www.portali-huquqi.tj: санаи вуруд: 01.03.2024.
2.Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ /Зери таҳрири М.А.Маҳмудов. Душанбе, 2009. -620с.
3.Фомина Л. Ю. Унификация нормативной правовой терминологии: Автореф. дис. ... к.ю.н. -Саранск, 2006.
4.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
5.Раҳимов М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои забони қонун // Давлат ва Ҳуқуқ. 2008. №1.
6.Раззоқов Б.Ҳ. Баъзе масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқии тасдиқи истилоҳоти конститутсионӣ дар қонунгузории маъмурӣ // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Забон ва сифати қонун». Душанбе, 2010.
7.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2012. №5. М.271.
8.Тихомиров Ю.А. Вступительное слово на круглом столе «Риски в публичном и частном праве» // Правовые аспекты государственного и муниципального управления. М., НИУ ВШЭ. 2014.
9.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. №5. Қ.1. М.271.
10.Тойнби А. Дж., Хантингтон С. Ф. Вызовы и ответы. Как гибнут цивилизации. М., 2016.

## КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – АСОСИ ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Раззоқов Баҳодур Ҳаётович — д.и.ҳ.,профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
тел.: 918617980, e-mail: razzokov_b@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур нақш ва аҳамияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эъмори давлатдории муосири миллӣ баррасӣ мегардад. Таъкид мешавад, ки Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии мамлакат баёнгари ворид шудани Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нави рушди худ буда, заминаи ҳуқуқии таҷдиди куллии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, низоми иқтисодию иҷтимоии кишварро фароҳам овард. Муаллиф ба раванди ташаккули давлат ва ҳуқуқи миллӣ дар заминаи арзишу ғояҳои конститутсионӣ баҳо медиҳад.

**Калидвожаҳо:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат ва ҳуқуқи миллӣ, раванди қонунгузорӣ, истилоҳоти конститутсионӣ, маърифати конститутсионӣ, фанни таълимии конститутсияшиносӣ.

Дар таълимоти муосири давлатдорӣ конститутсия дар як маънӣ ҷузъи фалсафаи давлат буда, ба маърифати қолаб даровардани фаъолияти ниҳодҳои давлат баҳри

некуаҳволии инсон асос ёфтааст. Маҳз ҳамин гуна санади бунёдӣ ва тақдирсозро халқи Тоҷикистон бо дарки масъулияти баланд дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда 30 сол муқаддам – 6 ноябри соли 1994 қабул намуд. Он дар шафақи соҳибихтиёрии давлатӣ аввалин маротиба дар рушди конститутсионии Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, на танҳо арзишҳои пешқадами сиёсиву ҳуқуқии башариятро инъикос намуд, балки моҳиятан онҳоро бо мазмуни нав ғанӣ гардонид. Нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба саволҳои зиёди рушди ҷомеа ва давлат ҷавоб гуфта, заминаи ҳуқуқии суббот ва сулҳу созишро дар кишвар фароҳам овард. Дар паёми навбатии Президенти ҷумҳурӣ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2023 бамаврид таъкид мегардад: “Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад” [1].

Воқеан ҳам, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ аз нигоҳи шакли қабул ва чӣ аз рӯйи мазмун дар рушди давлатию ҳуқуқии ватанӣ зуҳуроти бесобиқа маҳсуб меёбад. Ормонҳое, ки дар муқаддимаи (дебочаи) Конститутсияи ҷумҳурӣ дарҷ ёфтаанд, инчунин тавсифҳои моҳиятии Тоҷикистон, ки аз моддаи 1-уми он бармеоянд, ба фалсафаи давлатдории навини тоҷикон замина гузошта, ба ҳайси қутбнамои дигаргунсозиҳои сиёсиву ҳуқуқӣ хизмат мекунанд [2,8]. Санаи қабули Конститутсия ифодаи мушаххаси тантанаи демократия ва арзишҳои волои тамаддун баромад намуда, ҳамчун иди давлату давлатдорӣ эътироф мегардад.

Мафҳуми «давлатдорӣ» дар илми давлатшиносӣ яке аз масъалаҳои марказӣ ба шумор меравад. Он бо мафҳуми «давлат» наздик бошад ҳам, ҳаммаъно нест. Давлатдорӣ зуҳуроти васеътар буда, давлатро чун унсури марказӣ дар бар мегирад. Давлатдорӣ ифодаи тамоси ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеӣ, ҷанбаҳои фаъолияти онҳо мебошад. Ин зайл қаринаи тавсифи давлатдорӣ имкон медиҳад, ки новобаста аз шикасти давлати Сомониён, хатти таърихии ташаккули давлатдории тоҷиконро аз замонҳои ниёгон барқарор созем ва сабақҳои зарурировро аз он дарёбем. Ба чунин гузориши масъала дастовардҳои муосири илмӣ, ки ба шарофати татбиқи методологияҳои нави тадқиқи илмӣ ҳосил шуданд, низ мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, яке аз олимони пурмаҳсули соҳаи ҳуқуқшиносии ватанӣ - Э.Б.Буризода давраҳои зерини ташаккули зуҳуроти давлатдориро дар ҳудуди Тоҷикистон асоснок намудааст: аз ҳазорсолаи дуюми то мелод; таҳти таъсири тамаддуни зардуштӣ (ҳазорсолаи 1 то асри 8 мелодӣ); тамаддуни исломӣ (асри 8 - оғози асри 20); давлатдории омехтаи русию маҳаллӣ; давлатдории шуравии сотсиалистӣ; давлатдории милли муосири тоҷикон [3, 12].

Дар тавофут аз конститутсияҳои давраи шуравӣ Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз пардаи синфию мафкуравӣ озод буда, аз лиҳози сохтору мазмун аз онҳо куллан фарқ мекунад. Аввалан, тавсифи Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, эътирофи ҳуқуқҳои фитрии инсон, пурраҳокимияти халқ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, гуногунандешии сиёсӣ, волоияти Конститутсияи ҷумҳурӣ, унсури таркибии низоми ҳуқуқии кишвар донистани санадҳои ҳуқуқии байналмилалии расман ба тасвибрасида ва гуногуншаклии моликият – ҳар кадом арзиши бесобиқа маҳсуб ёфта, дар бунёди давлат ва ҷомеа ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Сониян, ба ҳайси василаи муҳими ҳифзи сохтори конститутсионӣ моддаи 100-уми Конститутсияи ҷумҳурӣ хизмат мекунад, ки тағйирнопазир будани шакли идораи (раёсати) ҷумҳурӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро муқаррар намуда, ҳамзамон, ҳадди такмили аркони давлатдориро муайян мекунад. Аз ин рӯ, ба қабули умумихалқии Конститутсия, ки қаблан зимни муҳокимаи умумихалқии он аз тарафи мардуми кишвар ва ҳамватанони бурунмарзӣ ба мақоми қонунгузор беш аз 8 ҳазор пешниҳод ворид гардида буд [4, 18], ҳамчун як навъ инқилоби осоишта дар ҳаёти ҷомеа баҳо додан мумкин аст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дигаргунсозиҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам оварда, ба таъсиси низоми

нави мақомоти ҳокимияти давлатӣ оғоз бахшид. Ба фаъолият шуруъ намудани Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор, Президент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия, Суди конститутсионӣ ҳамчун ниҳоди ҳифзи меъёрҳои конститутсионӣ, низоми мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроия – Маҷлисҳои вакилони халқ ва раисони вилоят, шаҳр, ноҳия саҳифаи тозаро дар бунёди давлатӣ боз намуданд. Фаъолияти мақомоти болономбурда ба пурраҳокимиятии халқ такя дорад, ки дар қисми 1 моддаи 6 Конститутсия мустаҳкам шудааст.

Халқи Тоҷикистон тибқи меъёрҳои конститутсионӣ ягона баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф мегардад. Эътирофи халқ ба сифати сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ маънои онро дорад, ки касе, ғайр аз худи халқи Тоҷикистон, ба пуррагӣ ба ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даъво карда наметавонад. Воқеӣ будани ҳокимияти халқӣ дар он ифода меёбад, ки халқ ҳокимияти худро ба касе гузашт накарда, мустақиман ва новобаста аз ҳама гуна неруи ҷомеӣ (гурӯҳи одамон) амалӣ менамояд. Ин хулоса аҳамияти муҳими амалӣ ва ояндабинӣ дорад, зеро дарки дурусти ҳуқуқию сиёсии он дар пешгирии ду майлони хавфноки манфӣ - қувват гирифтани авторитаризм ва дуршавии шаҳрвандон аз ҳокимияти расмӣ мусоидат менамояд. Нуқтаи муҳим дар баёни принсипи баррасишаванда он низ мебошад, ки Конститутсия тарзҳои асосии аз ҷониби халқ амалишавии ҳокимияти давлатиро пешбинӣ менамояд: бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ.

Аз мазмуни меъёрҳои конститутсионӣ боз як хулосаи дигар бармеояд: субъекти ҳокимияти давлатии ягона – халқи Тоҷикистон ҳокимияти худро тавассути мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ амалӣ менамояд, ки тасдиқи онро мо дар моддаи 9-уми Конститутсия меёбем. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва суд амалӣ мегардад. Чунин тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба се шоха - классикӣ эътироф мешавад, зеро ба таври қатъӣ талаботро нисбати шаклбандии ҳокимият инъикос менамояд. Ҳокимияти қонунгузориро Маҷлиси Олӣ (Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон), ҳокимияти иҷроияро Президент ва Ҳукумати кишвар, ҳокимияти судиро Суди конститутсионӣ, Суди олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ ва дигар судҳои умумишаҳрвандие, ки номгӯйи пурраашон дар қисми 2-и моддаи 84-уми Конститутсия оварда шудааст, амалӣ мекунанд. Ҳар кадом аз шохаҳои номбаршудаи ҳокимият дар доираи ваколати худ мустақиланд ва тобеи якдигар нестанд. Вале мустақилияти шохаҳои ҳокимияти давлатиро мутлақ фаҳмидан дуруст нест, зеро ҳеҷ яке аз онҳо дар танҳоӣ доираи бештари вазифаҳои функсионалии худро баррасӣ ва ҳал карда наметавонанд. Ин тамоси шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо бо номи «низомӣ боздошт ва муқовимат» маъмул аст, ки туфайли он ҳамоҳангии механизми ҳокимияти давлатӣ таъмин мегардад. Масалан, мувофиқи Конститутсия қабули қонунҳо салоҳияти Маҷлиси Олӣ бошад ҳам, танҳо баъди имзои Президент қонун эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Ё худ таъсиси Ҳукумати ҷумҳурӣ ба салоҳияти Президент мутаалиқ бошад ҳам, дар ташкили ин мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ Маҷлиси Олӣ низ иштирок дорад: ҳамаи фармонҳои Президент дар бораи таъину озод намудани аъзоёни Ҳукумат - Сарвазир, муовинони ӯ, вазирон ва раисони кумитаҳои давлатӣ ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод мегарданд. Ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар ташкили сатҳи олии ҳокимияти судӣ ҳамкорӣ доранд. Чунин тарзи ташкили ҳокимиятдорӣ назорати тарафайн ва мувозинати байни шохаҳои ҳокимияти давлатиро таъмин менамояд [5, 64].

Қадами навбатӣ дар таҷдиди низоми давлатдории кишвар ислоҳоти конститутсионии 26 сентябри соли 1999 гардид, ки натоиҷи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллии Тоҷикистонро (аз 27 июни соли 1997) расман мустаҳкам намуд. Сохтори дупалатагӣ гирифтани Маҷлиси Олӣ, яъне пайдо шудани Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, падидаи назарраси ин ислоҳот мебошад. Дар асосҳои касбӣ ба фаъолият шуруъ намудани Маҷлиси намояндагон дар бунёди давлатии Тоҷикистон бори аввал иқдом гардида, ба рушди парламентаризми миллӣ ибтидо гузошт.

Сохтори дупалатагӣ касб намудани парламенти кишвар, ки раванди маъмул дар таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад, барои такмили минбаъдаи фаъолияти қонунгузорӣ ва назардошти баробари манфиатҳои умумимиллӣ ва минтақавӣ шароити мусоид фароҳам овард [6, 17].

Ислоҳоти конститутсионии дуюм, ки 22 июни соли 2003 иқдом шуд, дар маҷмӯъ 56 моддаи Конститутсияи Тоҷикистонро бо тағйироту иловаҳо фаро гирифт. Зуҳуроти муайянкунандаи ислоҳоти навбатӣ ба таҳрири моддаи 5-ум нисбат дода мешавад, ки тибқи он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардиданд. Мазмуни меъёри конститутсионӣ ба он далолат менамояд, ки дар мамлакат ҳуқуқу озодиҳои инсон мақсад ва мазмуни қонунҳо, фаъолияти мақомоти қонунгузор ва иҷроия, низоми худидоракунии маҳаллиро муайян карда, тавассути ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд. Қонунҳо набояд қоидаҳои рафтореро муайян намоянд, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқ набошанд ё онҳоро халалдор созанд [7, 34], инчунин ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар фаъолияти худ ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба роҳбарӣ гирифта, набояд амале мухолифи он содир намоянд.

Навоварии муҳимтарини ислоҳоти сеюми конститутсионӣ, ки тавассути раъйпурсии умумихалқии 22 майи соли 2016 амалӣ гардид, поён фаровардани синну сол барои ишғоли яккатор мансабҳои ҳокимияти давлатӣ ва ворид намудани тағйироти таҳририӣ ба як зумра меъёрҳои конститутсионӣ мебошад. Ин иқдом, аз як тараф, баҳри фароҳам овардани имконоти фаррох барои ҷавонон ҷиҳати иштирок дар ҳаёти сиёсии кишвар нигаронида шуда, аз тарафи дигар, барои баёни саҳеҳи истилоҳоти ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ мусоидат менамояд.

Дар давоми амали Конститутсия низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сифатан тағйир пазируфт, беш аз ҳазор қонун таҳия гардид, ҳама қонунҳои конститутсионӣ қабул ва аксари онҳо дар таҳрири нав баён шуданд, теъдоди санадҳои қонунгузории кодификатсионӣ майли афзоиш дорад, сифати қонунҳо сатҳи баландтар касб намуд. Дар партави муқаррароти меъёрҳои конститутсионӣ қонунгузории маданӣ таҷдид ёфта, ба ҳаёти ҳуқуқӣ таҳрири нави Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид, ки дар танзими муносибатҳои ҷамъиятии молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ нақши муайянкунанда мебозад. Қонунҳои зиёде қабул шуданд, ки барои рушди иқтисоди бозорӣ ва ташаббусу фаъолнокии иқтисодии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ майдони фаррохи ҳуқуқиро фароҳам меоранд. Маҷмуи қонунҳо дар соҳаи рушди иҷтимоӣ ва амалисозии сиёсати иҷтимоии давлат қабул шуд, ки баҳри татбиқи принсипҳои давлати иҷтимоӣ равона гаштаанд. Басти қонунҳо дар соҳаи таҳкими иқтидори мудофиавӣ ва амнияти кишвар пиёда шуданд, ки барои давлати тозаистиқлол соҳаи навбунёд махсуб меёбад.

Дар заминаи муқаррароти Конститутсияи Тоҷикистон раванди бунёди ҷомеаи демократӣ дар кишвар сифати нав касб намуд, ки ҷавҳари онро ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд. Дар як муҳлати кӯтоҳи таърихӣ дар Тоҷикистон муҳити солими гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, табъу нашри воситаҳои ахбори умумии дорои ҷаҳонбинии мухталиф, фазои ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар падидаҳои назарраси демократӣ фароҳам оварда шуданд [8, 33]. Давлати Тоҷикистон баҳри таъмини силсилаи ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсон, ки дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар шудаанд, пайваста чораҳо меандешад. Масалан, боздоштани татбиқи ҷазои қатл аз соли 2003 нисбат ба занон ва аз соли 2004 нисбати ҳамаи шахсони воқеӣ, ки кафолати пурраи таъмини ҳуқуқ ба ҳаёт мебошад, аз ҷумлаи иқдомоти ҷиддии башардӯстона дар ин самт арзёбӣ мегардад. Гувоҳи навбатии эътимоди роҳбарияти сиёсии кишвар ба зарурати такмили минбаъдаи низоми кафолатҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон таъсиси ниҳодҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки фаъолияти он бо қонуни алоҳида танзим мешавад [9]. Мақсади ниҳоди мазкур тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдори онҳо, роҳбарон ва шахсони

мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон мебошад.

Ҳамзамон, мусаллам аст, ки эъмори давлати демократӣ кори якрӯза нест. Расидан ба ин ҳадафи наҷиб такмили асосҳои ҳуқуқии фаъолияти давлат, таҳкими иқтидори ниҳодҳои давлатӣ, тақвияти сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандонро тақозо менамояд. Кишвари азизи мо дар ибтидои роҳи демократӣ қарор дорад ва ба таври сунъӣ тезонидани ин раванд ба салоҳи кор нест. Таҷрибаи ибратомӯзи хориҷ собит менамояд, ки ҷомеа бояд имкониятҳои худро воқеъбинона арзёбӣ намуда, дар «уқёнуси пурталотуми» ҷаҳони имрӯза дар заминаи ризоияту ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш ва таъмини амният босубот пеш равад.

Маҳз бо назардошти мушкилоту норасоиҳои марҳилаи гузариш аз як сохт ба сохти дигар ва вокуниш ба ситезаву таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати ташаккули консепсияи «давлати миллии тоҷикон» ибрози андеша карда, онро усулан бо мафҳуми давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистон ҳамоҳанг донист. Низоми давлати миллӣ ҳамчун воситаи ҳифзи фарҳангу забони миллӣ, ваҳдату якпорчагии кишвар, иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ баромад мекунад. Сардори давлат дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат дар арафаи Наврӯзи соли 2011 махсус таъкид дошт, ки «соҳиби давлати миллӣ гаштани мо ҳаргиз маънои маҳдуд кардани ҳуқуқи дигар миллатҳоро надорад» [10]. Арзандаи таҳсин аст, ки афкори ҳуқуқии ватанӣ дар қатори намояндагони дигар илмҳои ҷомеашиносӣ ба консепсияи давлати миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро барҳақ чун василаи ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои воқеан миллӣ баррасӣ менамояд [11, 166].

Бояд тазаккур дод, ки эъмори давлати миллӣ схоластика набуда, амалан шуруъ шудааст. Қабули қонунҳо «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» (аз 08 июни соли 2007) ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (аз 2 августи соли 2011) хусусияти ташаккули ҳуқуқи миллиро низ ифода менамоянд. Ибтидои соли 2024 бо ташаббуси Ҳукумати ҷумҳурӣ санадҳои номбурдаи қонунгузорӣ дар заминаи таҷрибаи андӯхта ва талаботи замон таҷдиди назар шуда, мазмунан такмил ёфтанд. Аз 20 июни соли 2024 Қонунҳо “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”эътибори ҳуқуқӣ пайдо карданд [12]. Аз ин бармеояд, ки давлат ва ҳуқуқи миллӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоии айниву зарурии таҳкими давлатдории навини тоҷикон баромад намуда, дар заминаи суннатҳои ниёгон ва арзишҳои умумибашарӣ ба як ҳадафи умумӣ хизмат мекунанд: муназзам сохтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ворид намудани суббот дар ҳаёти ҷомеа.

Пойдориву устувории сулҳу суббот бақои миллат ва иқтидори давлат маҳсуб меёбад. Таъмини субботи ҷомеа ва сулҳу созиши иҷтимоӣ дар навбати худ ваҳдати миллиро тақозо дорад. Маҳз ваҳдати миллӣ кафолати рушди устувори Тоҷикистон ҳамчун давлати озоду соҳибистиқлол баромад мекунад. Таъмини ин арзиши бузург, ки дар ҷодаи он ҳанӯз соли 1997 қадами назаррас гузошта шуд, созиши қувваҳои сиёсӣ ва кишрҳои мухталифи ҷомеаро нисбати эътирофи манфиатҳои умумимиллӣ дар назар дорад. Чунин арзиши муттаҳидкунанда аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле бамаврид пешниҳод шуд: «Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол - Ватани маҳбуби ҳамаи мо» [13].

Ин ғояи наҷиб ба шарте ба ҳалқаи баҳамоварандаи тамоми мардуми кишвар, сарфи назар аз миллату забон, дину мазҳаб ва ақидаву мавқеи сиёсӣ, табдил меёбад, ки аҳолӣ маърифати баланди сиёсиву ҳуқуқӣ дошта, пайрави фарҳанги сулҳу таҳаммулпазирӣ бошад. Расидан ба ин ҳадаф дар навбати худ тарбияи инсони комилро тақозо дорад, ки дорои тафаккури ақлонӣ буда, моҳияти равандҳои сиёсии дохиливу хориҷиро дуруст дарку таҳлил карда тавонад. Ба шарофати тафаккури ақлонӣ инсон ба робитаи сабабию натиҷавии ҳар як зуҳуроти иҷтимоӣ сарфаҳм рафта, ба он баҳои оқилона дода метавонад [14, 47]. Ба ташаккули инсони комил тариқи таҳияи барномаҳои махсуси маърифатӣ аз муассисаҳои томактабӣ шуруъ намуда, бояд ба он дар ташкили таҳсили наврасону ҷавонон зимни инкишофи қобилияти идрокии онҳо дар муассисаҳои таълимӣ идома

бахшид. Танҳо дар чунин тарзи муносибати низомнок насли нави ташаббускор, дорои мафкураи демократӣ ва қодири таъсирбахшии созанда ба ҳокимият ташаккул меёбад. Инсони комил мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дошта, мақсади нерӯҳои ғаразноки берунӣ ва ҳадафи нақшаву барномаҳои давлати худро мустақилона ва ба таври дуруст дарку қабул карда метавонад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷоми дигаргунсозиҳои амиқ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё кард. Ислоҳоти иқтисодӣ, судӣ, ҳуқуқӣ ва маъмурӣ идома доранд, ки ҳадаф аз онҳо таъмини рушди устувор, таҳкими мустақилияти судҳо ва таъсиси низоми самарабахши идораи давлатӣ мебошад. Дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ дурнамо, мақсад, ҳадафу афзалиятҳои рушди дарозмуҳлати кишвар аниқу равшан муайян шуданд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ аз 1 декабри соли 2016 тасдиқ шудааст, ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ изҳор мешавад [15]. Барои ноилшавӣ ба ин мақсади олӣ ҳадафҳои зерини стратегии рушд барои 15 соли оянда муайян шудаанд: таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ; раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ; таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат; саноатикунонии босуръати кишвар. Дар доираи ҳар кадом аз ин ҳадафҳо маҷмуи тадбирҳо ба нақша гирифта шуда, пай дар пай амалӣ мегарданд. Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида тибқи омори расмӣ сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат то 21,2 фоиз (соли 2023) коҳиш ёфта, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоби миёна ҳамасола беш аз 8 фоиз таъмин шуда истодааст, ки нишондиҳандаи назарраси суръати рушди иқтисодиёт дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад.

Зимни амалисозии дигаргунсозиҳо ва ташаккули давлати миллӣ хеле муҳим аст, ки мазмун ва муҳтавои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳриф наёфта, дар санадҳои қонунгузорӣ ривоҷи эҷодкорона пайдо кунанд ва мустақиман татбиқ гарданд. Мутаасифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт мушкилоту муаммоҳо ҷой доранд. Раванди қонунэҷодсозӣ ҳанӯз ҳам ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест. Таҳлили як зумра қонунҳо нишон медиҳад, ки ихтилоф дар мазмун, номувофиқатӣ байни онҳо, истилоҳоти аз нигоҳи методологӣ иштибоҳӣ, ноҷӯрӣ дар матнҳо бо забони давлатӣ ва русӣ, ки низ интишори расмӣ маҳсуб меёбад, ҳанӯз ҳам ҷой доранд. Зиёда аз он, аз сабаби ноқис будани расмиёти қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳо баъзан бо шитобкорӣ қабул шуда, боиси душворӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ мегарданд ва қишрҳои гуногуни ҷомеаро нигарон месозанд. Чунин вазъият ба он меорад, ки аз эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани қонун чанде нагузашта, зарурати ворид кардани тағйиру иловаҳо ба он пеш меояд. Зуҳури қонунҳои ба муқаррароти Конститутсия ва қонунгузории конститутсионии Тоҷикистон мухолиф низ мушоҳида мегардад.

Идомаи чунин равандҳо ба амнияти ҳуқуқии кишвар таъсири манфӣ расонида, арзиши иҷтимоии меъёрҳои конститутсиониро коста мегардонанд. Бар замми он, чунин вазъият дар амалия таваккалҳоро барои субъектҳои ҳуқуқ тавлид намуда, боиси муаммоҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ мешавад. Мавҷудияти онҳо натиҷаи маърифати сатҳии муқаррароти конститутсионӣ, маънидоди ихтиёрона, ифодаи аёни нигилизми ҳуқуқӣ мебошад. Аз байн бурдани ин зайл зуҳурот танҳо дар заминаи бозсозии маърифати конститутсионӣ даст медиҳад, ки унсури калидии маърифати ҳуқуқӣ баромад намуда, муносибатро ба конститутсия, арзишҳои конститутсионӣ ва амалисозии онҳо дар назар дорад [16, 265]. Муҳим аст, ки барои шаҳрвандони Тоҷикистон, бахусус мансабдорони давлатӣ, эҳтиром, риоя ва иҷрои Конститутсия меъёри ҳамарӯзаи фаъолияти ҳаётӣ гашта, дар замири онҳо ҳисси садоқат ба ин санади эътибори олии ҳуқуқӣ бедор шавад. Танҳо аз ҳамон лаҳзае, ки ҳар як узви ҷомеа ба Конститутсия мисли мусулмони асил ба Куръони маҷид арҷгузорӣ мекунад, волоияти воқеии қонун ва пойдевори устувори ҳуқуқӣ барои давлати мустақили миллии тоҷикон таъмин хоҳад шуд.

Расидан ба ин ҳадаф зарурати дар сатҳи сифатан нав ба роҳ мондани таълиму тарбияи ҳуқуқии аҳолиро тақозо дорад, ки маҳҳаки онро омӯзиши васеи меъёрҳои конститутсионӣ ва тарғибу оммафаҳм гардонидани фалсафаи нави давлатдории миллии тоҷикон ташкил медиҳад. Дар ин ҷода бо иқдоми Президенти кишвар ба ифтихори таҷлили 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол эълон шудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» падидаи ҷолибу назаррас маҳсуб меёбад [1].

Дар самарабахш гардонидани таълиму тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ба роҳ мондани муколамаи баробарҳуқуқ ва созанда байни аз як тараф, давлат ва ҳама мақомоти он ва аз тарафи дигар, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои он бағоят муҳим арзёбӣ мешавад. Аз ҷумла, дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар заминаи таъмини шаффофият ва таҷҳизи фаъолият дар соҳаҳои муқарраршуда анҷоми силсилаи тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ зарур мегардад. Вазифаҳои нисбатан масъулиятнок, ба андешаи мо, бар дӯши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меафтад, ки бояд дар ҳамкорӣ ва ҷалби доираҳои илмию коршиносӣ ба таҳияи консепсияи фанни нави таълимӣ - «Конститутсияшиносӣ» иқдом намоянд.

Президенти кишвар дар суханронӣ зимни маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосноку ҷолиб иброз намуд, ки "ҷавҳари маърифати ҳуқуқиро риояи меъёрҳои Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ ташкил медиҳад" [17]. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҷойи фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» аз нигоҳи методӣ ба ҳайси фанни таълимӣ ҷорӣ намудани «Конститутсияшиносӣ» бештар муфид мебошад. Таълими ин фан ба насли наврас дар заминаи маърифати арзишҳои конститутсионӣ ба роҳ монда шуда, барномаи он бояд фарогири мавзуҳои нақши муосири ҳуқуқ ва давлат дар ҷомеа, аҳамияти қонун дар ҳаёти одамон, мавқеи шаҳрванд дар рушди давлатдорӣ ва шаклу усулҳои иштироки ӯ дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат бошад. Танҳо дар ҳамин сурат дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони мамлакат доир ба нақши Конститутсия дар ҳаёти ҷомеа ва давлат ва мавқеи минбаъдаи худ дар рушду ободии Ватан тасаввуроти том ҳосил шуда, тавсифҳои моҳиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол маърифат мегарданд. Дар партави даъвати Сардори давлат ҷиҳати сафарбар намудани иқтидори илмӣ баҳри шарҳу тавзеҳи меъёрҳои Конститутсия, ба андешаи мо, ин пешниҳод ояндабахш арзёбӣ мешавад.

Ҳамин тавр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгари ворид шудани Тоҷикистон ба марҳалаи сифатан нави таърихи инкишофи худ гашта, заминаи таҷдиди куллии низоми иқтисодию иҷтимоии кишварро фароҳам овард. Арзишҳое, ки дар он муқаррар шуданд, дар рушди давлатдории тоҷикон бесобиқа буда, аз ҷониби мутахассисону коршиносони шинохтаи хориҷӣ низ баҳои баланд гирифтанд. Ҳамчун санади эътибори олии ҳуқуқӣ Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол асосҳои ҳуқуқии давлат ва ҷомеа, дахлнопазирии арзи кишвар, шакли раёсат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳи миллӣ, забон ва рамзҳои давлатӣ, ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, асосҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистонро эълон кард.

Солҳои амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи интихоби дурусти шакли давлатдорӣ мебошад. Ба шарофати он ҷаҳониён Тоҷикистонро чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ, кишвари пешбарандаи сиёсати дарҳои кушод ва халқи Тоҷикистонро чун мардуми бунёдкор, фарҳангӣ ва озодихоҳ шинохтанд. Қабули ин санади муқаддас ва сарнавиштсоз 30 сол муқаддам маҷмуи ниятҳои неки халқро ба дастури кору зиндагии наслҳои имрӯзу фардо табдил дод ва роҳи рушди давлатдории миллии тоҷиконро барои садсолаҳо мунаввар намуд.

Адабиёт:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj: санаи муроҷиат: 10.09.2024.

2.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конституция Республики Таджикистан. Душанбе, 2016.
3.Буриев И. Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана. Душанбе, 2008.
4.Достиев А. С. Конституция Республики Таджикистан 1994 г.: история разработки, принятия и основные положения. Душанбе, 2001.
5.Раззоқов Б. Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия. Душанбе, 2010.
6.Ализода З.М. Становление института парламента в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики. Монография. Душанбе, 2011.
Дар марҳилаи кунунии рушди ҷамъият донишҳо оид ба меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ҷавонон ҷиҳати татбиқи пурраи ҳуқуқу озодиҳои онҳо зарур аст. Имрӯз, бештари ҷавонон ҳатто ҳадди ақали зарурии дониш ва малакаи аз худ намудани донишҳои ҳуқуқиро надоранд. Мутаносибан, ба иттилооти аҳолӣ ва махсусан ҷавонон расонидани маълумот дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиротҳои қонунгузорӣ муҳимтарин вазифаест, ки танҳо тавассути таълимоти ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки таълими ҳуқуқии ҷавонон аз тарафи субъектҳои гуногун (давлат

дар симои мақомоти он, ВАО, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ғайра), ки воситаҳои гуногуни тарбияи ҳуқуқиро истифода мебаранд, амалӣ карда мешавад.

Таълими ҳуқуқӣ фаъолияти мақсаднок ва муназзами давлат ва ҷомеа оид ба ташаккул ва такмил додани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ бо мақсади муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ ва таъмини раванди ташаккули маънавии шахс мебошад, ки идеяи бунёди давлати ҳуқуқбунёдро амалӣ менамояд. Таълими ҳуқуқӣ ин роҳи ба шаҳрвандон нишон додани ҳуқуқҳо ва имкониятҳои воқеии онҳо дар ҷомеа, муаррифӣ намудани чунин ҳуқуқҳо ва эътирофи ҳуқуқҳои дигар аъзои ҷомеа мебошад.

Бояд қайд намуд, ки рушди волоияти қонун, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон фарҳанги олии ҳуқуқиро тақозо мекунад, ки бидуни он амалишавии чунин арзишҳо ва принсипҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ, аз қабили волоияти қонун, афзалияти шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонашавандаи ӯ, таъмини боэътимоди ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ ғайриимкон аст. Сатҳи мувофиқи фарҳанги ҳуқуқӣ мавҷудияти омодагии ҳуқуқӣ ва низоми бовариро ба эътибори қонун, дарки зарурати риояи муқарроти он, доштани қобилият ва малака барои татбиқи қонунро ба вуҷуд меорад. Донише, ки дар ҷараёни таълими ҳуқуқӣ ба даст меояд, бояд ба эътиқоди шахсӣ, муносибати устувор барои риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ, сипас ба эҳтиёҷот ва одати дохилии риояи қонунҳои ҳуқуқӣ ва дар нишон додани рафтори ҳуқуқӣ зоҳир гардад.

Ҳама шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки новобаста аз ҷинс, синну сол, қавмият ва миллат, вазъи оилавӣ, вазъи саломатӣ, сатҳи даромад ва ҳама гуна ҳолатҳои дигар, маълумоти ҳуқуқиеро гиранд, ки ба манфиатҳои онҳо дахл дорад.

Ҳуқуқ ба иттилооти ҳуқуқӣ дахлнопазир аст. Ҳатто ҷавононе, ки бо қарори суд ҳуқуқашон маҳдуд гардидааст, аз ҳуқуқи гирифтани маълумоти ҳуқуқӣ маҳрум карда намешаванд, танҳо роҳҳои татбиқи он бо сабаби маҳрум шудан аз ҳуқуқи озодона ҳаракат намудан ва дастрасии озод ба иттилоот ба маҳдудиятҳои муайян дучор меоянд.

Оид ба масъалаи дар байни ҷавонон парваридани эҳтироми қонун, рафъи ҳеҷангорӣ (нигилизм)-и ҳуқуқӣ, аз тамоми воситаҳои мавҷудаи таълими ҳуқуқӣ ва маърифати аҳолӣ ба қадри кофӣ истифода бурдан лозим аст.

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондан ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар ин самт дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, таҳти № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»[7] бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, таҳти № 599 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030»[1], тасдиқ гардид.

Зарурати қабули Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат аз 26 декабри соли 2018, инчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти № 1005 тасдиқ гардидааст, бармеояд.

Аз ҷумла, дар Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ҳадафҳои зерини асосии сиёсати давлатӣ дар рушди саводнокии ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон муайян карда мешаванд:

- риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;
- таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- тарғиби арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он;
- баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат

ба он ва аз байн бурдани ҳеҷангорӣ (нигилизм)-и ҳуқуқӣ;

- байни шаҳрвандон ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузирии масъулияти ҳуқуқӣ;
- баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;
- ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон;
- ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон истифодаи иқтидори илмию фарҳангии ҷомеа[2].

Мураккабӣ ва бисёрҷанбагии мушкилоти таълими ҳуқуқӣ сабаби он мегарданд, ки баъзе паҳлуҳои ин намуди фаъолият ба қадри кофӣ таҳлил намегарданд. Ҳамзамон, роҳҳои гуногуни ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ тавассути таълим, консепсияҳои гуногуни тарбияи ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ, низоми таълими демократии шаҳрвандӣ ва ғайра мавҷуд мебошанд.

Самаранокии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ аз сатҳ ва сифати таълими ҳуқуқии ҷавонон ва донишҷӯён тавассути фанҳои таълимии ҳуқуқӣ вобаста аст. Дар шароити кунунии иҷтимоию иқтисодӣ дониши ҳуқуқӣ ҳамчун асоси ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамияти рӯзафзуни ҳаётӣ пайдо мекунад. Ҷавонон ба дарки он мерасанд, ки онҳо дар ҷомеаи тағйирёбанда ба ғайр аз қонун дигар воситаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худро надоранд ва нахоҳанд дошт. Аз ин рӯ, вазифаи таълими ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки на танҳо насли наврас, балки ҷавононро оид ба дониши ҳуқуқӣ таълим диҳанд ва дар шароити кунунии хавфу бuҳрон ин донишҳо ба онҳо кумак хоҳанд расонд.

Санади дигар, Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ин санад роҳҳои татбиқи кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандро барои гирифтани ёрии ройгони ҳуқуқӣ ва заминаи ташкилию ҳуқуқиро муқаррар менамояд[4] .

Бо вуҷуди ин, чораҳои андешидашудаи давлат, ки субъекти асосии самти баланд бардоштани самаранокии таълими ҳуқуқӣ дар тамоми сатҳҳо мебошад бенатиҷа мемонанд, агар аҳолӣ дар гирифтани чунин таҳсилот манфиатдор набошанд. Аъзои ҷомеа бояд на танҳо имконияти дастрасӣ ба «арзишҳои қонунӣ» дошта бошанд, балки инчунин зарурати татбиқи ин самтро дарк кунанд. Ҳар як фард бо назардошти сатҳи рушд (маълумот, синну сол, вазъи иҷтимоӣ, фаъолияти касбӣ) уҳдадор аст, ки аз мафҳумҳои умумии ҳуқуқӣ бархӯрдор бошад.

Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ тавассути таълимоти ҳуқуқӣ вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:
- омӯхтани қонунгузории ҷории Тоҷикистон;
- омӯзиши ҷараёни татбиқи қонунҳо;
- таҳқиқ ва шарҳи амали принсипҳои қонунгузорӣ;
- гузаронидани семинарҳои кушоди таълимӣ барои ҳайати профессорону омӯзгорон;
- ташкили раванди таълим ва таълим дар шакли суҳбат, дарс, семинар, лексия, мизи мудаввар, викторина, конфронс, озмун, фаъолияти лоиҳа ва ғайра дар мавзӯъҳои ҳуқуқӣ бо донишҷӯён;
- омӯзиш дар вариантҳои имконпазири рафтори ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои ҳаррӯза, ки дастгирии ҳуқуқиро талаб мекунанд;
- рушди арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии шахс тавассути омӯзиши қонун, анъана, таърих ва фарҳанги Тоҷикистон;
- дарки арзиш ва нақши ҳар як шаҳрванд (шахси мушаххас) дар рушди ҷомеа ва давлат.

Бахри ҳалли вазифаҳои қайдгардида чунин самтҳои низоми таълими ҳуқуқӣ бояд татбиқ карда шаванд:
- таълими ҳуқуқии шаҳрвандӣ, ки ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ равона шуда бошад;
- таълими иҷрои уҳдадориҳои конститутсионӣ;
- эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ;
-ташаккули дониш дар бораи низоми ҳуқуқӣ;
- таълими иҷтимоӣ-ватандӯстӣ, ташаккули рафтори фаъоли ҳуқуқӣ дар ҷавонон, ки ба тарзи

ҳаёти солим, татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои арзишӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ нигаронида шудааст;


**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**

1. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, № 253 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview .php?show detail =&sanad ID=403. (санаи муроҷиат: 09.08.2020 с.).
2. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, № 253 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview .php?show detail =&san*ad* ID=403. (санаи муроҷиат: 13.09.2020 с.).
3. Змановская Е.В., Рыбников В.Ю. Правовое поведение подростка и группы. – СПб.: Питер, 2010. – С. 352.
4. Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли 2015с. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://base. mmk.tj/view sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=590 (санаи муроҷиат: 13.09.2020 с.).
5. Певцова Е.А. Современные дефинитивные подходы к правовой культуре и правовому сознанию // Журнал российского права. – 2004. – № 3. С. 70 – 81.
6. Почтарь Т.М. Правовое воспитание в педагогических вузах: вопросы методологии и методики: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 47.
7. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 6.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.08.2019 с.).
8. Юлдошева Ҷ. Тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ. – Душанбе: Бухоро, 2013. – С. 55.


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ШАРТНОМАИ СОХТМОНИ ҲИССАГИИ БИНОИ ИСТИҚОМАТӢ


| | |
|---|---|
| Иброҳимзод Баҳодур Файзалӣ | Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон E-mail: bahodur.i7@mail.ru *Тел: 908-77-78-91.* |



Сохтмони манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир босуръат рушд ёфтааст. Ва аксаран чунин биноҳои истиқоматӣ на аз ҷониби сармояи давлатӣ, балки аз ҷониби худи шахси ҳуқуқӣ бо ҷалби маблағҳои ҳиссагузорон сохта мешавад. Чунин муносибат аз он ҷиҳат хуб аст, ки шаҳрвандон бо ин тарз имконияти бештарро барои соҳиб шудани манзили истиқоматӣ ба даст меоранд. Ва ин барои кишвари мо як таҷрибаи нав аст. Маҳз чунин равиши сохтмон ба инкишофи босуръати биноҳои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд. Шартномаи сохтмони ҳиссагии манзили истиқоматӣ, яке аз шартномаҳое мебошад, ки чунин муносибатҳоро ба танзим. Дар баробари ин дар амалияи чунин сохтмон мушкилотҳо ва норасогиҳои танзими ҳуқуқӣ ба назар мерасад, ки вобаста ба он дар мақолаи мазкур қайд карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** манзил, манзили истиқоматӣ, бино, шартнома, сохтмон, шартномаи сохтмони ҳиссагӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, сармоягузорӣ, шахсони ҳуқуқи, саҳмдорон, иштирокчиён.

Ҳуқуқи инсон ба манзил яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои иҷтимоист, ки дар Конститутсия муқаррар шудааст. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад. Он тавассути додани манзили истиқоматӣ дар манзилҳои фондҳои давлатӣ ва дигар манзилҳо тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ, иҷораи манзили истиқоматӣ, тавассути харидан ё сохтани манзил бо воситаҳои худӣ амалӣ карда мешавад. Имрӯз ташаккули бозори манзили дастрас ва фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб меравад.

Дар ҷомеаи муосир муносибатҳои молию пулӣ соҳаи муҳими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ буда, вобаста ба эҳёи муносибатҳои бозорӣ ва рушди бахши ғайридавлатии сохтмон, талаботи истеъмолкунандагон ба манзил хеле афзуда, мувофиқан ҳаҷм ва суръати сохтмон низ зиёд шуда истодааст.

Бинои истиқоматӣ, манзил дар бинои бисёрхонагӣ, манзили истиқоматии шахсӣ объекти молу мулки ғайриманқул буда, тибқи таъинот, яъне бо дарназардошти алоқаи зич доштан ба замин ба сифати чунин объект эътироф шудаанд. Молу мулки ғайриманқул ҳалқа (звено)-и асосии низоми муносибатҳои бозоргонӣ ба шумор меравад. Молу мулки ғайриманқул боигарии ассосии мамлакат аст, ки дорои хусусияти оммавию умумихалқӣ мебошанд. Дар илми муосир яке аз фаҳмишҳои категорияи “молу мулки ғайриманқул” иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки тибқи фаҳмиши мазкур молу мулки ғайриманқул талаботи гуногуни субъектонро қонеъ мегардонад.

Сохтмон соҳаи махсуси истеҳсолоти моддӣ ва аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ яке аз намудҳои муҳими фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии ба сохтмон алоқаманд чунин таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад ва мазмуни мушаххаси шакли ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби давлат татбиқ мешавад, бевосита ба он вобаста аст, ки сохтмон бо кадом тарз ташкил карда шудааст[1, С.47]. Яъне муносибатҳо вобаста ба сохтмон дар ҷомеа ба кадом шаклҳо ва тарзҳо амалӣ мегарданд, талаботи манфиатҳои иштирокчиён ба ҳифзи ҳуқуқӣ соҳаи мазкур кадом мушкилотро доро аст ва ба кадом механизмҳои самаранок зарурат дорад, ин ва дигар масъалаҳоро ба инобат гирфта, давлат танзими ҳуқуқии муносибатҳои сохтмонро бояд ба амал барорад.

Дар марҳилаҳои мушаххаси таърихӣ  ҳар як мамлакат, сохтмони бино, иншоот, иморат маъмулан аз ҳисоби воситаҳои худии ширкатҳои сохтмонӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар як муносибати иҷтимоӣ, аз ҷумла муносибатҳо вобаста ба сохтмонро навигариҳои илмӣ, технологӣ, инсонӣ ҳамроҳӣ менамояд. Ҳар як муносибати ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ шаклҳои мухталифи мавҷудиятро доро мебошанд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ доир ба сохтмон таърихи амиқ дошта, дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфтаанд.

Ба ақидаи Дикун А.В. маблағгузории нокифояи сохтмони манзил аз ҷониби давлат барои рушди сохтмон дар асоси ҳиссагӣ мусоидат кардааст[2, С.33], ва ин шакли ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул дар шароити кунунии кишвар маъмул шуда истодааст.

Дар заминаи ислоҳоти қонунгузорӣ яке аз шаклҳои маъмули ҷалби маблағ барои сохтмони молу мулки ғайриманқул бо мақсади минбаъд ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба манзил дар чунин объектҳо сохтмони ҳиссагӣ ба шумор меравад. Ин шакли иштирок муносибатҳои ҳуқуқиро байни иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ (саҳмдорон) ва ширкати сохтмониро оид ба ташкил, маблағгузорӣ ва таъмини сохтмони объектҳои молу мулки ғайриманқулро ба вуҷуд меорад. Иштироки ҳиссагӣ дар сохтмони биноҳои истиқоматӣ аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад. Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа, вақте ки сохтмони биноҳо аз ҳисоби иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ воқеияти объективӣ мебошад, ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии ҳамаи иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат аст.

Чунин ба назар мерасад, ки ҷолибияти сармоягузории созишномаҳои иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон аён аст. Аммо, дар баробари авлавиятҳои ин усули сармоягузорӣ, камбудиҳои эҳтимолӣ низ мавҷуданд, ки дар иҷрои бевиҷдононаи ӯҳдадориҳо аз ҷониби ширкатҳои

сохтмонӣ, инчунин дар сурати мавҷуд набудани назорати дахлдори мақомоти давлатӣ аз болои фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ ва вазъи молиявии онҳо ифода меёбад[3, С.134]. Ширкатҳои бевиҷдон аксар вақт бо маблағҳои саҳмдорон нопадид мешаванд ва онҳоро бе пул ва манзил мегузоранд.

Иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон падидаи ҳуқуқи маданӣ маҳсуб ёфта, барои низоми ҳуқуқии ҶТ нав мебошад, чунки муносибатҳои объективии ҷамъиятӣ алакай минёни субъектони ҳуқуқӣ пайдо гардида, танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо дар кишвар ба таври дахлдор ба роҳ монда нашудааст.

Иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон яке аз механизмҳои муҳимми беҳдошти ҳолати манзилии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон дар солҳои охир ба яке шаклҳои маъмули ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ табдил ёфтааст. Сабаби асосии чунин рушди босуръати ин муносибат дар он аст, ки ҷалби маблағ барои сохтмон ҳам ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва ҳам ба манфиати ширкатҳои сохтмонӣ аст.

Иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон яке аз шаклҳои маъмултарини ба даст овардани молу мулки ғайриманқул дар бозори “аввалия”-и манзил мебошад. Моҳияти иқтисодии иштироки ҳиссагӣ ба бастани шартнома хариду фурӯш ба истиснои шартномаи пудрат (коркард) шабоҳат дорад. Дар ҳарду ҳолат, як тараф ба тарафи дигар барои ба моликият гирифтани ашё (вобаста ба сохтмони ҳиссагӣ - биноҳои истиқоматӣ ё ғайриистиқоматӣ) маблағи пулӣ интиқол медиҳад.

Дар муддати тӯлонӣ, яке аз заминаҳои баҳсноки пайдоиши ҳуқуқи моликият ба биноҳои истиқоматӣ сохтани биноҳои истиқоматӣ бо истифодаи шартномаҳои” сармоягузорӣ” ба ҳисоб мерафт. Дар амал чунин созишномаҳо номҳои гуногун гирифтаанд, ба монанди “шартнома барои иштироки ҳиссагӣ дар маблағгузории сохтмон”, “шартнома дар бораи сармоягузории ҳиссагӣ", “ шартномаи дар бораи фаъолияти ҳиссагӣ дар сохтмони ҳиссагӣ", “шартномаи дар бораи иштирок дар сармоягузорӣ дар сохтмони манзил”, “шартномаи сармоягузорӣ барои сохтмони объект” ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳои мазкур истилоҳи “шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ” истифода бурда шудааст (бо дараназардошти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028). Аммо, чунин истилоҳ муносибатҳои ҷалби маблағҳои шахсони воқеию ҳуқуқиро барои сохтмон пурра фарогир намебошад. Чунки на танҳо сохтмони манзили истиқоматӣ, балки дилхоҳ намуди сохтмон (бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, иморат) шуда метавонанд. Аз як тараф, дуруст аст, ки муносибатҳо вобаста ба ҷалби маблағҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ барои сохтмон танҳо дар самти манзили истиқоматӣ дар шароити муосири кишвар вуҷуд дорад, талаботи объективии танзими ҳуқуқӣ танҳо нисбат ба ин самт ба вуҷуд омадааст. Аммо, дилхоҳ санади меъёрии ҳуқуқӣ дар як сатҳи дахлдор бояд хусусияти пешгӯикунанда дошта бошад, яъне муносибатҳои эҳтимолие, ки дар оянда имконияти ба вуҷуд омаданро доранд, бояд онҳоро низ танзим намояд. Дар оянда мумкин аст, ки дар кишвар муносибатҳои вобаста ба иштироки ҳиссагӣ дар дигар навъҳои сохтмон, ба монанди биноҳои ғайриистиқоматӣ, иншоот, манзилҳои шахсӣ низ ба вуҷуд ояд. Бо ҳамин назардошт, дар кишвар бояд муносибатҳои мазкур на танҳо дар қисмати иштироки ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ, балки иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шавад.

Шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон яке аз шартномаҳои мустақили ҳуқуқи маданӣ ба шумор меравад, чунки хусусиятҳои хосаи худро дорад ва таҳияи қоидаҳои махсуси ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии алоҳидаро тақозо менамояд. Ба андешаи Петрухин М.В. нишонаҳои шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон хусусиятҳои мавзӯи шартнома, ҳадафҳои гуногуни тарафҳои ин шартнома, мавҷудияти унсурҳои оммавӣ, ки барои ҳимояи манфиатҳои тарафи заиф пешбинӣ шудаанд, зарурати бақайдгирии давлатии шартнома, тағйиротҳои он, инчунин додани ҳуқуқи талаб кардан аз ин шартнома имкон медиҳад, ки

онро ҳамчун як шартномаи мустақил, ки ба гуруҳи шартномаҳои иҷрои кор мансубанд, баррасӣ карда шавад[4, С.8].

Дар аввал, сохтмони ҳиссагӣ дар Аргентина байни солҳои 1983 ва 1989 пайдо гардидааст. Дар он замон вазъи иқтисодии кишвар ниҳоят ноустувор буд ва пули миллии он босуръат паст мешуд. Бо сабаби бӯҳрони шадиди иқтисодӣ, аксарияти аҳолии кишвар зери хатари камбизоатӣ қарор доштанд, бонкҳо аз додани кредит саркашӣ менамудан, зеро он манфиатовар набуд. Роҳбарияти Аргентина ба ҷуз тағйир додани сиёсати иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаи сохтмон, роҳи дигаре надошт ва бо ин мақсад, соли 1985 барномаи махсуси манзил таҳия ва амалӣ карда шуд[5].

Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ҷалби маблағҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ барои сохтмон.

Вобаста ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон дар мамлакатҳои аъзои ИДМ як қаттор санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ қабул гардидааст, аз ҷумла: дар Федератсияи Россия Қонуни федералӣ «Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони биноҳои бисёрҳуҷрагӣ ва дигар объектҳои ғайриманқул» аз 30 декабри соли 2004, №214; дар Ҷумҳурии Қазоқистон Қонун «Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзил» аз 7 апрели соли 2016, №486; дар Ҷумҳурии Туркманистон Қонун «Дар бораи шарикии ҳиссагии биноҳои истиқоматӣ ва дигар объектҳои ғайриманқул» аз 31 марти соли 2012, №289; дар Ҷумҳурии Белорус амри Президент «Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзилҳои бисёрҳуҷрагӣ» аз 15 июни соли 2006, №396; дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон фармони Президент «Дар бораи чораҳо оид ба танзими раванди шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзилҳои бисёрҳуҷрагӣ» аз 27 майи соли 2020; дар Ҷумҳурии Қирғизистон Низомнома «Дар бораи тартиб ва шартҳои ҳиссагии сохтмони манзилҳои бисёрҳуҷрагӣ дар шаҳри Бишкек» аз 27 ноябри 2008, №20.

Барои мамлакатҳои аъзои ИДМ аз тарафи Ассамблеяи байнипарлумонӣ Қонуни намунавӣ (моделӣ) "Дар бораи сохтмони объектҳои молу мулки ғайриманқул дар асоси ҳиссагӣ" қабул гардидааст, ки муносибатҳоро дар самти мазкур ба таври пурра танзим намудааст. Қонуни мазкур муносибатҳоеро танзим менамояд, ки вобаста ба ҷалби маблағҳо аз шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ (иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ) барои сохтмони манзил дар асоси ҳиссагӣ бо мақсади ҷуброни хароҷоти чунин сохтмон ва пайдоиши ҳуқуқи моликияти иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ ба объекти сохтмони ҳиссагӣ ва ҳуқуқи моликияти умумӣ нисбати объектҳои ба моликияти умумӣ дар объекти молу мулки ғайриманқул аст. Ғайр аз ин, Қонуни мазкур кафолати ҳимояи ҳуқуқҳо, манфиатҳои қонунӣ ва моликияти иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ, инчунин дигар шахсонеро, ки дар муносибатҳои сохтмони ҳиссагӣ иштирок мекунанд, муқаррар менамояд.

Иштироки муштарак дар сохтмон таваҷҷӯҳи махсуси қонунгузорро талаб мекунад, зеро ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо хароҷоти калони сармояи иштирокчиён алоқаманд аст.

Мавҷуд набудани санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон оқибатҳои номусоид, ба монанди аз ҳимояи ҳуқуқӣ маҳрум мондани соҳибони ояндаи молу мулки ғайриманқул, истифодаи нодурусти маблағҳои иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ аз ҷониби ширкати сохтмонӣ, вайрон кардани мӯҳлати истифодаи он, мушкилот дар бақайдгирии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул вобаста ба набудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ барои қитъаи замин ё иҷозатномаҳои сохтмон ва ғайраро ба вуҷуд меорад.

Омилҳое, ки зарурати танзими ҳуқуқии иштироки ҳиссагӣ дар сохтмонро талаб менамояд, инҳо шуда метавонанд:

– мавҷудияти талаботи объективии ҷомеа. Талаботи объективии ҷомеа омили асосии қабули санадҳои қонунгузорӣ маҳсуб меёбад. Дар ҷомеа, байни шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва ширкатҳои сохтмонӣ алакай муносибатҳои ҷалби маблағҳо барои сохтмон ба вуҷуд омадааст. Муносибати бавуҷудомадаи мазкур ба таври муътадил, низомнок рушд накарда, балки мураккабиҳои муайянро ба миён овардааст, ки танзими ҳуқуқиро тақозо мекунанд;

– мавҷудияти баҳсҳои зиёди судӣ оид ба масъалаи мазкур. Дар таҷрабаи судҳои кишвар дар якчанд соли охир вобаста ба масъалаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон баҳсҳои зиёд ба миён омадааст, ки асоси бавуҷудоии ин баҳсҳо аз мавҷуд набудани маҳзани меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бевиҷдонии ширкатҳои сохтмонӣ дар иҷрои ӯҳдадориҳои вобастагӣ дорад;

– мавҷуд набудани расмигардонии шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон ҳамчун шартномаи дар қонун пешбининашуда. Дар қонунгузории амалкунанда ягон қоидаи махсус дар бораи барасмиятдарории ин шартнома ҷой надорад, аз ҷумла тасдиқи нотариалӣ ва ё бақайдгирии давлатиро пешбинӣ наменамояд, ки чунин ҳолат метавонад заминаи муайянро барои поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳиссагузорон ба вуҷуд орад;

– поймол гардидани ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ҳангоми иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ҳамчун ҳиссагузор. Аксар вақт ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандоне, ки барои сохтани биноҳои истиқоматии бисёрҳуҷрагӣ бо мақсади ба ҳуқуқи моликият ба даст овардани минбаъдаи манзил маблағгузорӣ кардаанд, аксар вақт поймол карда мешаванд. Ин аз бисёр ҷиҳат аз набудани танзими дурусти ҳуқуқии муносибатҳое, ки аз сохтмони муштарак бармеоянд, вобаста аст[6, С.5]. Аз ҳама бештар вайрон кардани шартҳои шартномаи иштироки ҳиссагӣ аз ҷониби ширкати сохтмонӣ зуд-зуд ба таъхир афтодан (боздоштан ё қатъ кардани пурраи) сохтмони иншоот мебошад. Ҳангоми сохтани чунин хонаҳо меъёрҳои шаҳрсозӣ вайрон карда мешаванд, ба соҳибони ин бинои истиқоматӣ шабакаҳои муҳандисӣ дода намешавад, чунин биноҳои ғайриқонунӣ бо қарори суд вайрон карда мешаванд;

– барои соҳибони ояндаи молу мулки ғайриманқул амалан ҳеҷ гуна ҳимояи ҳуқуқӣ вуҷуд надорад, ки дар натиҷаи он аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ сӯиистифодаи зиёд ба амал меоянд, ба монанди муҳлати таҳвили объект вайрон карда мешавад, объектҳо бо камбудиҳои назаррас интиқол дода мешаванд, пардохти иловагӣ барои объекти молу мулки ғайриманқули сохташаванда ё аллакай сохта шуда талабот пешниҳод карда шуданд. Имконнопазирии бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба объектҳои молу мулки ғайриманқули аллакай сохташуда аз сабаби надоштани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин, ки дар он объекти молу мулки ғайриманқул бо тартиби муқарраршуда сохта шудааст ё ягон иҷозатнома вуҷуд надорад ва ғайра;

– масъалаи мушаххас намудани ҳуқуқ ба ҷалби маблағҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ барои сохтмон аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ. Дар мамлакат имрӯзҳо бо дарназардошти мавҷуд набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқ дилхоҳ ширкатҳои сохтмонӣ имконият доранд, ки маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои сохтмони молу мулки ғайриманқул ҷалб намоянд. Аммо, аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ бармеояд, ки ба ҳама гуна ширкатҳои сохтмонӣ имконияти ҷалби маблағҳоро барои сохтмон додан имконнопазир аст. Танҳо ба ширкатҳои сохтмоние ҳуқуқи ҷалби маблағ бояд дода шавад, ки имкониятҳои молиявӣ, техникӣ ва таҷрибаи ғании корӣ дар сохтмон дорад. Тибқи моддаи 3 Қонуни намунавӣ (моделӣ) “Дар бораи сохтмони объектҳои молу мулки ғайриманқул дар асоси ҳиссагӣ” ширкати сохтмоние, ки ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ аст, ҳуқуқ дорад аз иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ барои сохтмони объекти молу мулки ғайриманқул дар асоси шартнома барои иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ маблағ ҷалб кунад: 1) мавҷудияти ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва хулосаи мусбии экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳа; 2) ҳаҷми маблағҳои худи таҳиягар бояд ҳадди аққал 15% арзиши нақшаи сохтмон (бунёди) объектҳои молу мулки ғайриманқули дар эъломияи лоиҳаи сохтмон пешбинишударо ташкил диҳад; 3) ӯҳдадорӣ оид ба кредит, қарз, ссуда, ба истиснои қарзҳои мақсаднок, ки бо ҷалби маблағҳои иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ ва бо сохтмони (бунёди) объектҳои молу мулки ғайриманқул дар доираи як иҷозатнома алоқаманд нестанд; 5) молу мулки ба ширкати сохтмонӣ тааллуқдошта барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои шахсони сеюм, инчунин таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои худи ширкати сохтмонӣ, ки бо ҷалби маблағ аз иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ ва бо сохтмони (бунёди) молу мулки ғайриманқул дар доираи як иҷозати сохтмон алоқаманд нестанд, истифода бурда нашавад; 6) ширкати сохтмонӣ талаботи устувории молиявиро риоя намояд ва дигар талаботҳо.

Дар сархати 6, банди 39 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028»,[7] ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст, пешбинӣ шудааст, ки "бо мақсади танзими муносибатҳои марбут ба сохтмони манзил бо ҷалби маблағҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии саҳмгузорон таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ" ба роҳ монда шавад".

Ҷалби маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои сохтмон дар қонунгузорӣ бевосита мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода нашудааст. Муносибати мазкур хусусияти молумулкӣ дорад, аз ин рӯ, предмети ҳуқуқи маданиро ташкил медиҳад ва тавассути шартнома ба роҳ монда мешавад. Дар қонунгузории маданӣ шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон мустақиман ҳамчун шартномаи мустақил муқаррар нагардидааст. Аз як тараф, ин ягон мушкилот нест, чунки қонунгузории маданӣ ба ҳар як субъект имконияти бастани шартномаҳои дар қонун пешбининашудаи бо асосҳои умумию моҳияти қонунҳои маданӣ мутобиқро иҷозат медиҳад. Бо ҳамин назардошт, ҳиссагузорон ва ширкати сохтмонӣ муносибати худро метавонанд тавассути бастани шартномаи ҳуқуқи гражданӣ ба расмият дароранд ва онро дар шакли оддии хаттӣ ба расмият дароранд. Аммо, шартномаи мазкур шартномаи мураккаби ҳуқуқи гражданӣ аст, ки талаботи хосса дорад. Маҳз мавҷуд набудани талаботи ягона ва қоидаҳои ҳатмӣ дар шароити муосир омил гардидааст, ки ширкатҳои сохтмонӣ "фурӯши дуката"-и як объекти ғайриманқулро анҷом диҳанд. Аз ин сабаб, шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон ҳатман бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, зеро предмети он объекти молу мулки ғайриманқул (сохтмон) буда, пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул, инчунин маҳдудияту гарониҳо нисбат ба он ҳатман бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Бо мақсади дар соҳаи сохтмони манзили ҷумҳурӣ ворид намудани механизми муосири бозоргонӣ ва ташкили шароити мусоид барои ҷалби фаъоли сармоягузорӣ, таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар раванди шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони объектҳои молу мулки ғайриманқул, бахусус манзилҳои бисёрҳуҷрагӣ, инчунин пурзӯр кардани кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дар сохтмони ҳиссагӣ иштироккунанда, бояд Қонуни ҶТ "Дар бораи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон" қабул карда шавад.

**Рӯйхати адабиётҳо.**


1. Дикун, А.В. Договор участия в долевом строительстве: проблемы теории и правоприменительной практики: дисс. канд. юрид. наук. Ростов-на-Дону. 2011.
2. Крушевская М.В. Значение изменений, внесенных в законодательство о долевом строительстве// Правовые вопросы строительства. 2011. № 1.
3. Ковалева О.А., Гагал Е.А. Некоторые проблемы правового регулирования договора участия в долевом строительстве жилья. Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского, 2017, № 2.
4. Петрухин М.В. Проблемы правового регулирования договора участия в долевом строительстве объектов недвижимости: дисс. канд. юрид. наук. Москва. 2010.
5. Абрамов А. Долевое строительство: история и практика // Жилищное право. – 2013. – № 2.
6. Резцова Е.В. Правовая природа договора долевого участпя в жилищном строительстве; дисс. ... канд. юрид. наук. Москва. 2006.
7. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6.02.2018, №1005.

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ СОХТОРИ ТАШКИЛИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

**Муминов Шаҳром Файзуллоевич** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, уновонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ. Тел: +992 985719015. E-mail: Shakhrom.muminov.98@bk.ru

Сохтори ташкилӣ ҳамчун пояи ҳар як муассиса буда, ҳамчун нақшае хизмат мекунад, ки иерархия, муносибатҳо ва роҳҳои иртиботиро дар дохили созмон муайян мекунад. Дар асл, сохтори ташкилӣ, ташкили нақшҳо, масъулиятҳо ва хатҳои ҳисоботиро дар бар мегирад, ки тарзи тақсими вазифаҳо, қабули қарорҳо ва тақсимоти захираҳоро танзим мекунанд. Он ҳамчун чаҳорчӯбе хизмат мекунад, ки на танҳо муносибатҳои расмии байни шахсони алоҳида ва воҳидҳоро муайян мекунад, балки ба ҷараёни иттилоот, салоҳият ва назорат дар тамоми созмон таъсир мерасонад. Моҳияти сохтори ташкилӣ дар қобилияти он барои мусоидат ба возеият, самаранокӣ ва ҳамоҳангӣ дар манзараи ташкилӣ иборат аст. Бо вуҷуди ин, мафҳуми сохтори ташкилӣ статикӣ нест; он дар вокуниш ба динамикаи дохилӣ ва беруна, аз ҷумла тағйирот дар шароити бозор, пешрафти технологӣ ва рушди ташкилӣ инкишоф меёбад. Ҳамин тариқ, созмонҳо аксар вакт бо мушкилоти тарҳрезӣ ва мутобиқсозии сохторҳои худ мубориза мебаранд, то дар муҳити доимо тағйирёбандаи тиҷорат устувор ва ҷавобгӯ бошанд.

**Калидвожаҳо:** сохтори маъмурӣ, ташкили барномаи таълимӣ, муносибати байни омӯзгорон ва донишҷӯён, барномаҳои таълимӣ, дастури академӣ, хадамоти дастгирии академӣ, стандартҳои аккредитатсия, сиёсати академӣ, рушди ҳайати профессорон ва омӯзгорон

Сохтори ташкилӣ ҷанбаи бунёдии ҳама гуна ташкилот аст, хоҳ он тиҷорат, ташкилоти ғайритиҷоратӣ, муассисаи давлатӣ ё ягон муассисаи дигар. Он ҳамчун чаҳорчӯбе хидмат мекунад, ки муносибатҳо ва нақшҳои расмӣ дар дохили созмонро муайян мекунад. Аҳамияти сохтори ташкилиро аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан мумкин нест, зеро он ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти созмон, аз ҷумла алоқа, қабули қарор, самаранокӣ ва мутобиқшавӣ бевосита таъсир мерасонад.

Пеш аз ҳама, сохтори ташкилӣ ба муоширaт ва ҳамоҳангсозӣ дар дохили созмон мусоидат мекунад. Бо дақиқ муайян кардани муносибатҳои гузоришдиҳӣ, иерархияҳо ва каналҳои иртибот, он имкон медиҳад, ки иттилоот дар сатҳҳо ва шӯъбаҳои гуногун бемаънӣ гарданд. Ин кафолат медиҳад, ки кормандон нақш ва масъулиятҳои худро дарк мекунанд, медонанд, ки ба кӣ гузориш додан лозим аст ва метавонанд дар самти ҳадафҳои умумӣ самаранок ҳамкорӣ кунанд. Сохтори хуб тарҳрезишуда нофаҳмиро кам мекунад, такрори кӯшишҳоро коҳиш медиҳад ва ҳисси ягонагӣ ва кори дастаҷамъиро дар байни кормандон мусоидат мекунад.

Илова бар ин, сохтори ташкилӣ дар равандҳои қабули қарорҳо нақши ҳалкунанда мебозад. Он чаҳорчӯбаи қабули қарорҳо, ваколатҳо ва татбиқи он дар дохили созмонро муқаррар мекунад. Масалан, сохтори иерархӣ маъмулан қабули қарорро аз боло ба поён дарбар мегирад, ки дар он салоҳият ва қудрати қабули қарор дар сатҳҳои болоии идоракунӣ мутамарказ шудаанд. Баръакси ин, сохтори ғайримарказонидашуда имкон медиҳад, ки мустақилият ва салоҳияти бештари қабули қарорҳо дар сатҳҳои поёнии созмон дода шавад. Интихоби сохтор аз омилҳои гуногун, аз қабили андозаи созмон, саноат, фарҳанг ва ҳадафҳои стратегӣ вобаста аст.

Самаранокӣ ҷанбаи дигари калидӣ мебошад, ки ба сохтори ташкилӣ таъсир мерасонад. Сохтори хуб тарҳрезишуда метавонад ҷараёни корро ба тартиб дарорад, тақсимоти захираҳоро оптимизатсия кунад ва бесамарии бюрократиро ба ҳадди ақал расонад. Масалан, сохтори функсионалӣ кормандонро дар асоси малака ва таҷрибаи махсуси онҳо

гурӯҳбандӣ мекунад, ки сарфаи миқёс ва таҷрибаро фароҳам меорад. Баръакс, сохтори матритса хатҳои ҳисоботи функсионалӣ ва ба лоиҳа асосёфтаро муттаҳид намуда, чандирӣ ва ҳамкории байнифунксионалиро фароҳам меорад. Бо мутобик кардани сохтор бо максаду вазифахои ташкилй, самаранокии онро баланд бардоштан ва захирахоро самараноктар истифода бурдан мумкин аст.

Ғайр аз он, сохтори ташкилӣ ба қобилияти созмон барои мутобиқ шудан ба тағирот дар муҳити беруна таъсир мерасонад. Дар манзараи динамикӣ ва мураккаби тиҷоратии имрӯза, ташкилотҳо бояд чолок бошанд ва ба мушкилот ва имкониятҳои пайдошаванда ҷавобгӯ бошанд. Сохторҳои чандир, ба монанди иерархияи ҳамвор ё сохторҳои органикӣ, ба кормандон имкон медиҳанд, ки ба шароити тағйирёбандаи бозор, ниёзҳои муштариён ва пешрафти технологӣ зуд вокуниш нишон диҳанд. Бо мусоидати навоварӣ, эҷодкорӣ ва мутобиқшавӣ, ин сохторҳо ба созмонҳо имкон медиҳанд, ки дар муҳити ноором рақобат кунанд ва рушд кунанд.

Хулоса, аҳамияти сохтори ташкилиро аз ҳад зиёд нишон додан мумкин нест. Он ҳамчун асоси ҳар як созмон хидмат мекунад, ки чаҳорчӯбаро барои муошират, қабули қарор, самаранокӣ ва мутобиқшавӣ таъмин мекунад. Тавассути тарҳрезӣ ва татбиқи сохтори мувофиқ, ки ба ҳадафҳо, арзишҳо ва муҳити созмон мувофиқат мекунад, созмонҳо метавонанд фаъолияти худро баланд бардоранд, ба ҳадафҳои худ ноил шаванд ва муваффақияти дарозмуддатро дар манзараи динамикии тиҷорати имрӯза нигоҳ доранд.

Сохтори ташкилӣ ба чаҳорчӯба ё конфигуратсияи муносибатҳои расмӣ, нақшҳо, масъулиятҳо, каналҳои иртиботӣ ва иерархияи гузоришдиҳӣ дар дохили созмон дахл дорад. Он муайян мекунад, ки чӣ гуна вазифаҳо тақсим карда мешаванд, ҳамоҳанг карда мешаванд ва назорат карда мешаванд, то ба ҳадафҳо ва вазифаҳои муассир ноил шаванд.

Дар асл, сохтори ташкилӣ тарзи тақсими ташкилот ба воҳидҳо ё шӯъбаҳои гуногун ва чӣ гуна муносибатҳои ин воҳидҳо бо ҳамдигарро нишон медиҳад. Ин муайян кардани сатрҳои салоҳият ва ҳисоботдиҳӣ, муайян кардани силсилаи фармонҳо ва ташкили тақсими қудрати қабули қарорҳоро дар бар мегирад.

Унсурҳои асосии сохтори ташкилӣ иборатанд аз:

1. **Иерархия:** Танзими сатҳҳои салоҳият ва масъулият дар дохили созмон, ки маъмулан дар диаграммаи ташкилӣ тасвир шудааст. Ин иерархия муносибатҳои ҳисоботиро аз роҳбарияти боло то сатҳи амалиётӣ нишон медиҳад.
2. **Шӯъбабандӣ:** Гурӯҳбандии шахсони алоҳида ва захираҳо ба шӯъбаҳо ё воҳидҳои алоҳида дар асоси омилҳо ба монанди функсия, маҳсулот, ҷуғрофӣ ё сегменти муштарӣ. Ин барои осон кардани тахассус ва ҳамоҳангсозӣ дар дохили созмон кӯмак мекунад.
3. **Фазои назорат:** Шумораи тобеон ё кормандоне, ки мудир ё мудир бевосита назорат мекунад. Доираи танги назорат нишон медиҳад, ки гузоришҳои мустақим барои як менеҷер камтар аст, дар ҳоле ки доираи васеи назорат гузоришҳои мустақимро пешниҳод мекунад.
4. **Марказизатсия ва ғайримарказизатсия:** Дараҷаи мутамарказ шудани салоҳияти қабули қарор дар зинаҳои болоии созмон (марказкунонӣ) ё дар сатҳҳо ва воҳидҳои гуногун тақсим карда мешавад (ғайримарказизатсия).
5. **Ба расмият даровардан:** Дараҷае, ки қоидаҳо, расмиятҳо ва протоколҳои стандартии амалиётӣ дар дохили созмон муқаррар карда шудаанд. Сатҳи баландтари расмикунонӣ дастурҳои возеҳтар ва равандҳои стандартиро талаб мекунад.

Сохтори ташкилӣ дар дохили созмон якчанд ҳадафҳоро иҷро мекунад:

- Он возеҳият ва роҳнаморо дар бораи нақшҳо, масъулиятҳо ва муносибатҳои гузоришдиҳӣ таъмин мекунад ва ба ин васила иштибоҳро кам мекунад ва ба масъулият мусоидат мекунад.
- Он тавассути таъсиси каналҳои расмӣ барои ҷараёни иттилоот ва қабули қарорҳо алоқа ва ҳамоҳангиро осон мекунад.

- Он тавассути беҳсозии тақсимоти захираҳо, ба тартиб даровардани ҷараёни кор ва кам кардани зиёдатӣ, самаранокӣ ва маҳсулнокӣ афзоиш медиҳад.
- Он қобилияти ташкилӣ ва мутобиқшавиро тавассути имкон додан ба тағирот дар муҳити беруна дастгирӣ мекунад.
- Он тавассути ташаккули меъёрҳо, арзишҳо ва интизориҳои рафторӣ ба фарҳанг ва шахсияти созмон мусоидат мекунад.

Умуман, сохтори ташкилӣ як унсури бунёдии тарҳрезии ташкилӣ буда, ба чӣ гуна ташкил, идора ва иҷро кардани кор барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва иҷрои интизориҳои ҷонибҳои манфиатдор таъсир мерасонад.

Фаҳмидани сохтори ташкилӣ дар контекстҳои гуногун аз сабаби таъсири назарраси он барои фаъолияти созмон, самаранокӣ ва устуворӣ муҳим аст. Новобаста аз он ки дар соҳаи тиҷорат, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои давлатӣ ё ягон муассисаи дигар, фаҳмиши сохтори ташкилӣ барои якчанд сабабҳо муҳим аст:

1. **Ҳамоҳангсозии стратегӣ**: Фаҳмиши амиқ дар бораи сохтори ташкилӣ ба роҳбарон имкон медиҳад, ки сохторро бо ҳадафҳо ва ҳадафҳои стратегии созмон мувофиқ созанд. Тавассути тарҳрезии сохторе, ки самти стратегиро дастгирӣ мекунад, захираҳоро метавон самаранок тақсим кард ва саъю кӯшишро ба самтҳои афзалиятнок, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва қобилияти дарозмуддати созмон равона кардан мумкин аст.
2. **Самаранокии амалиётӣ**: Донистани сохтори ташкилӣ имкон медиҳад, ки равандҳои амалиётӣ ва ҷараёнҳои корӣ оптимизатсия карда шаванд. Бо роҳи мувофик кунондани вазифахо, рольхо ва масъулиятхо бо структура, кам-будихоро ошкор ва бартараф кардан мумкин аст, ки ин боиси баланд шудани хосилнокии мехнат, кам шудани харочот ва бехтар истифода бурдани захирахо мегардад.
3. **Қабули қарорҳои муассир**: Сохтори ташкилӣ ба равандҳои қабули қарорҳо ва тақсимоти ваколатҳо дар дохили созмон таъсир мерасонад. Фаҳмидани сохтор ба роҳбарон ва менеҷерҳо барои паймоиш кардани каналҳои қабули қарорҳо, ба таври мувофиқ вогузор кардани масъулиятҳо ва кафолат додани қабули қарорҳо дар сатҳи дурусти иерархия кӯмак мекунад, ки қобилият ва посухгӯиро афзоиш диҳад.
4. **Муошират ва ҳамкорӣ**: Сохторҳои гуногуни ташкилӣ ба шаклҳои гуногуни муошират ва ҳамкорӣ мусоидат мекунанд. Фаҳмидани сохтор ба кормандон кӯмак мекунад, ки каналҳои иртиботиро паймоиш кунанд, муносибатҳои ҳисоботиро дарк кунанд ва дар байни шӯъбаҳо ё воҳидҳо самаранок ҳамкорӣ кунанд. Ин ба кори дастаҷамъӣ, навоварӣ ва табодули дониш мусоидат намуда, ба фаъолияти созмон мусоидат мекунад.
5. **Идоракунии тағирот**: Дар замонҳои тағирёбии ташкилӣ, хоҳ аз сабаби афзоиш, таҷдиди сохтор, якҷояшавӣ ё вайроншавии беруна, фаҳмидани сохтори мавҷуда барои идоракунии самараноки тағирот муҳим аст. Роҳбарон метавонанд таъсири тағиротро ба сохтор пешгӯӣ кунанд, нуқтаҳои эҳтимолии муқовиматро муайян кунанд ва нақшаҳои гузаришро тарҳрезӣ кунанд, ки халалдоршавиро ба ҳадди ақалл кам кунанд ва муттасилии амалиётро таъмин кунанд.
6. **Фарҳанги ташкилӣ**: Сохтори ташкилӣ ва фарҳанг бо ҳам зич алоқаманданд. Фаҳмидани сохтор дар бораи меъёрҳо, арзишҳо ва интизориҳои рафторӣ дар дохили созмон фаҳмиш медиҳад. Роҳбарон метавонанд ин фаҳмишро барои ташаккул ва таҳкими атрибутҳои фарҳангии дилхоҳ, мусоидат ба ҷалби кормандон, ӯҳдадорӣ ва ҳамоҳангӣ бо ҳадафҳои созмон истифода баранд.
7. **Мутобиқшавӣ ва устуворӣ**: Дар муҳити динамикӣ ва мураккаби тиҷорати имрӯза, ташкилотҳо бояд мутобиқ ва устувор бошанд. Фаҳмидани сохтори ташкилӣ ба роҳбарон дар тарҳрезии сохторҳое кӯмак мекунад, ки чандирӣ, навоварӣ ва посухгӯиро ба шароити тағйирёбандаи бозор, пешрафтҳои технологӣ ва дигар омилҳои беруна мусоидат намуда, қобилияти созмонро барои пешрафт дар замонҳои ноором таъмин мекунанд.

Хулоса, фаҳмидани сохтори ташкилӣ дар заминаҳои гуногун муҳим аст, зеро он ба роҳбарон имкон медиҳад, ки стратегияро бо сохтор ҳамоҳанг созанд, самаранокии амалиётро баланд бардоранд, қабули қарорҳои муассир ва муоширатро осон кунанд, тағиротро идора

кунанд, фарҳанги созмонро ташаккул диҳанд ва мутобиқшавӣ ва устувориро инкишоф диҳанд. Бо дарки нозукиҳои сохтори ташкилӣ, роҳбарон метавонанд созмонҳоро ба таври муассир тарҳрезӣ, идора ва паймоиш кунанд, то муваффақияти устувор ва бартарии рақобатро ба даст оранд.

Консепсияи сохтори ташкилӣ таҳаввулоти назарраси таърихиро паси сар кардааст, ки бо омилҳои гуногун, аз ҷумла тағйирот дар заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва идоракунӣ ташаккул ёфтааст. Таҳаввулоти сохтори ташкилиро метавон тавассути давраҳои гуногуни таърихӣ мушоҳида кард, ки ҳар яки онҳо бо равишҳо ва парадигмаҳои алоҳида тавсиф мешаванд:

1. **Шаклҳои ташкилии ибтидоӣ (давраи пеш аз индустриалӣ)** :

- Дар тамаддунҳои қадим ва ҷомеаҳои ибтидоӣ, созмонҳо маъмулан хурдмиқёс ва ғайрирасмӣ буданд, ки бо сохторҳои оддии иерархӣ дар асоси хешутаборӣ ё қабилавӣ хос буданд.
- Ҷамъиятҳои кишоварзӣ ба системаҳои феодалӣ ва манориализм такя мекарданд, ки сохторҳои иерархӣ дар атрофи моликияти замин ва истеҳсолоти аграрӣ буданд.

2. **Инқилоби саноатӣ ва сохтори бюрократӣ (асрҳои 18-19):**

- Инқилоби саноатӣ дар сохтори ташкилӣ тағйироти назаррас ба амал овард, зеро корхонаҳо ва корхонаҳои калон ба вуҷуд омаданд.
- Афзоиши капитализми саноатӣ боиси инкишофи сохторҳои ташкилии бюрократӣ гардид, ки онро назарияи бюрократизми Макс Вебер мисол овард. Бюрократияҳо ба қоидаҳои расмӣ, тақсимоти меҳнат, иерархияи ҳокимият ва муносибатҳои ғайришахсӣ таъкид мекарданд.

3. **Менеҷменти илмӣ ва тайлоризм (охири асри 19 - ибтидои асри 20):**

- Принсипҳои идоракунии илмии Фредерик Тейлор муносибати навро ба ташкили кор ҷорӣ намуда, ба самаранокӣ, стандартизатсия ва махсусгардонӣ аҳамият медоданд.
- Тейлоризм барои таҳлили мунтазами равандҳои кор, стандартизатсияи супоришҳо ва татбиқи системаҳои музди меҳнат барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ҷонибдорӣ мекард.

4. **Ҳаракати муносибатҳои инсонӣ (1920-1930):**

- Ҳаракати муносибатҳои инсонӣ, ки аз ҷониби Элтон Майо ва дигарон пешбарӣ шудааст, нуқтаи назари механикии созмонҳоро зери шубҳа гузошт, ки аз ҷониби идоракунии илмӣ пешбарӣ карда мешаванд.
- Ин ҳаракат аҳамияти омилҳои иҷтимоӣ, рӯҳияи кормандон ва муносибатҳои байнишахсӣ дар фаъолияти созмонро таъкид кард. Он нақши гурӯҳҳои ғайрирасмӣ, шаклҳои муошират ва қаноатмандии кормандонро таъкид кард.

5. **Назарияи системаҳо ва назарияи ҳолатҳои фавқулодда (миёнаҳои асри 20)** :

- Назарияи системаҳо, ки аз ҷониби назариячиён ба монанди Людвиг фон Берталанффи таҳия шудааст, созмонҳоро ҳамчун системаҳои мураккабе, ки аз қисмҳои бо ҳам алоқаманд иборатанд, баррасӣ карданд.
- Назарияи ҳолатҳои фавқулодда пешниҳод кард, ки ба сохтори ташкилӣ ва идоракунӣ ягон муносибати ягона вуҷуд надорад. Ба ҷои ин, тарҳи ташкилӣ бояд ба омилҳои дохилӣ ва беруна, аз қабили андоза, технология, муҳити зист ва стратегия вобаста бошад.

6. **Ташкилотҳои матритсавӣ ва сохторҳои ба даста асосёфта (охири асри 20)** :

- Нимаи охири асри 20 пайдоиши созмонҳои матритсавӣ ва сохторҳои ба даста асосёфтаро дид, ки ҳадафи онҳо беҳтар кардани чандирӣ, ҳамкорӣ ва навоварӣ буд.
- Сохторҳои матритсавӣ муносибатҳои дугонаи ҳисоботиро ҷорӣ карданд, ки дар он кормандон ҳам ба шӯъбаҳои функсионалӣ ва ҳам гурӯҳҳои лоиҳа тааллуқ доштанд, ки барои ҳамоҳангсозии бештар ва ҳамгироӣ дар сарҳадҳои ташкилӣ имкон медиҳанд.

7. **Ташкилотҳои шабакавӣ ва сохторҳои виртуалӣ (асри 21)** :

- Пайдоиши технологияи рақамӣ ва ҷаҳонишавӣ боиси болоравии созмонҳои шабакавӣ ва сохторҳои виртуалӣ гардид.
- Ташкилотҳои шабакавӣ бо сарҳадҳои моеъ, қабули қарорҳои тақсимшуда ва такя ба шабакаҳои таъминкунандагон, шарикон ва муштариён тавсиф мешаванд. Сохторҳои

виртуалӣ технологияро барои имкон додани кори дурдаст, гурӯҳҳои виртуалӣ ва ҳамкории онлайн истифода мебаранд.

Дар тӯли таҳаввулоти таърихии худ мафҳуми сохтори ташкилӣ аз сохторҳои оддии иерархӣ ба шаклҳои мураккабтар ва чандир табдил ёфт, ки динамикаи тағйирёбандаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологиро инъикос мекунанд. Имрӯз сохтори ташкилӣ дар вокуниш ба ҷаҳонишавӣ, рақамисозӣ ва тағирот дар фарҳанги ташкилӣ ва амалияи идоракунӣ таҳаввулро идома медиҳад.

### Адабиёт


1. Ивашкина, С.Г. Гражданско-правовой статус государственной корпорации: автореф. дисс. … канд. юрид. наук:12.00.03 / Ивашкина Софья Геннадьевна. – М., 2011. – 29 с.
2. Кокурин, А.В. Некоторые особенности юридических лиц публичного права / А.В. Кокурин, И.В. Кокурина // Пробелы в российском законодательстве. – 2012. – №2.
3. Ровный Валерий Владимирович Государственные и муниципальные унитарные предприятия: ключевые положения одноименного закона и доктрины // Сибирский юридический вестник. – 2003. – №4.
4. Табаров, Ф.Д. К вопросу о понятиях и признаках государственных предприятий // Вестник Педагогического университета. – 2014. – №3-2 (58).
5. Фирсова, Н.А. К Вопросу о понятии предприятия и его организационной структуре // Экономика и социум. – 2018. – №10 (53).
6. Шаймарданов, Т.Р. Унитарные предприятие в современном гражданском обороте // Скиф. – 2020. – №8 (48).


## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ РЕКЛАМАВӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Маҳмадхонов Т. — номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионӣ



**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи танзими ҳуқуқии фаъолияти рекламавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Фаъолияти рекламавӣ дар муносибатҳои тиҷоратӣ аҳамият калонро соҳиб аст.



**Калидвожаҳо:** иттилооот, иттилооти конфиденсиалӣ, сирри тиҷоратӣ, сирри хизматӣ, иттилооти дастрасаш маҳдуд, шартномаи литсензионӣ.


Реклама ҳамчун як намуди махсуси иттилоот барои бомуваффақият ба роҳ мондани фаъолияти тиҷоратӣ аҳамияти калон дорад. Муносибатҳое, ки оид ба реклама ва фаъолияти рекламавӣ ба вуҷуд меоянд, дар асоси Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама ба танзим даровард мешаванд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003[5], дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

Барои танзими фаъолияти рекламавӣ санадҳои гуногуни тавсиявӣ низ аҳамияти калон доранд. Кодекси байналхалқии таҷрибаи рекламавӣ, ки 2 декабри соли 1986 аз тарафи сессияи 47 Шӯрои иҷроияи Палатаи савдои байналмилалӣ қабул шудааст, аз ҷумлаи чунин ҳуҷҷатҳо бо ҳисоб меравад. Кодекс маҷмуи қоида, меъёрҳои урфу одат ва одоби муомилоти

кориро дар бар мегирад, ки ба таври ихтиёрӣ аз тарафи имзокунандагони ин ҳуҷҷат риоя карда мешаванд.

Дар асоси ин Кодекс дар Федератсияи Россия маҷмуи меъёрҳои одат ва қоидаҳои муомилоти кории реклама қабул гардидааст, ки хусусияти тавсиявӣ дорад[3, С.170]. Қайд кардан лозим аст, ки санадҳои номбаргардида ҳангоми коркарди қонунҳои рекламавӣ ҳамчун сарчашма хизмат кардаанд.

Мутобиқи банди якуми моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 реклама иттилооте аст, ки дар ҳар шакл тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо паҳн мешаванд, барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамоянд.

Фаъолияти рекламавӣ яке аз муносибатҳои муҳимми иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар мамлакатҳои хориҷӣ, масалан Франсия, Италия ва Англия аз болои фаъолияти рекламавӣ рекламавӣ назорати сахти давлатӣ муқаррар гардидааст[11, С.326].

Дар фаъолити рекламавӣ шахсони зерин иштирок мекунанд: рекламадиҳанда, истеҳсолкунандаи реклама, паҳнкунандаи реклама.

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 мафҳумҳои иштирокчиёни реклама, яъне рекламадиҳанда, истеҳсолкунандаи реклама ва паҳнкунандаи реклама дода шудааст.

Рекламадиҳанда. Рекламадиҳанда шахси воқеӣ ё ҳуқуқие аст, ки барои тайёр кардани реклама ба истеҳсолкунандаи реклама супориш медиҳад.

Истеҳсолкунандаи реклама. Истеҳсолкунандаи реклама шахси воқеӣ ё ҳуқуқиест, ки рекламаро тайёр мекунад. Ба сифати истеҳсолкунандаи реклама бештар ташкилотҳое амал менамоянд, ки барои ин фаъолият махсус гардонда шуданд. Дар Федератсияи Россия садҳо ташкилотҳои рекламавӣ амал мекунанд, ки ба фаъолити рекламавӣ машғуланд. Дар баъзе фирмаҳо шуъбаҳои махсуси рекламавӣ ташкил карда мешаванд, ки барои омода сохтани рекламаҳои корхонаи худ фаъолият менамоянд [10, С.168]. Кайд кардан лозим аст, ки дар фаъолияти рекламавӣ истеҳсолкунандаи реклама нақши назаррас дорад. Воқеан, ҷолиб будани реклама маҳз ба фаъолияти истеҳсолкунандаи реклама вобастагӣ дорад. Асосан, ба тайёр ва таҳияи реклама бояд шахсоне машғул шаванд, ки дар ин соҳа ихтисосманд мебошанд.

Паҳнкунандагони реклама. Инҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҷойгиркунии рекламаро ба воситаи радио, телевизион, шабакаи алоқа ва ғайра анҷом медиҳанд.

Истифодакунандагони реклама тамоми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки реклама ба диққати онҳо расонда мешаванд, аз ин рӯ реклама ба иттилооти ба ҳама дастрас мансуб аст [11, С.329].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 мафҳумҳои зерини асосии фаъолити рекламавӣ низ қайд шудааст:

- рекламаи номуносиб - рекламаи беviҷдонона, нодуруст, беодобона, ошкоро бардурӯғ, пинҳонӣ ё дигар рекламае, ки дар он ба вайронкунии талабот нисбати мазмун, вақт, маҳал ва тарзи паҳнкунӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода шудааст;
- рекламаи мутақобил - рад кардани рекламаи номуносиб, ки бо мақсади барҳам додани оқибатҳои он паҳн карда мешавад;
- аксепт - ҷавоби шахсе, ки офертаи ба ӯ пешниҳод кардашударо гирифтааст;
- сарпарастӣ - аз ҷониби шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ гузоштани саҳм (дар шакли пешниҳоди молу мулк, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, хизматрасонӣ, анҷом додани корҳо) ба фаъолияти шахси дигари воқеӣ ва ҳуқуқӣ (кӯмакгиранда) бо шартҳои паҳн кардани рекламаҳои кӯмакгиранда оид ба сарпараст ва молҳои ӯ.

Натиҷаи фаъолияти рекламавӣ дар давраи иқтисоди бозорӣ ҳамчун мол соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ карда мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки реклама мумкин аст, пурра ё қисман объекти ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он бошад зеро дар эҷоди он нерӯи интеллектуалии инсон сарф мегардад.

Фаъолияти рекламавӣ ҳамчун як намуди фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти соҳибкорӣ як қисми таркибии фаъолияти иқтисодӣ аст. Мутобиқи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Фаъолияти рекламавӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад. Бақайдгирии фаъолияти рекламавӣ хеле муҳим мебошад. Асосҳои ҳуқуқии бақайдгирии давлатии фаъолияти рекламавӣ дар моддаҳои 24 ва 51 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014[6], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009[8] акс ёфтанд.

Бақайдгирии давлатии фаъолияти рекламавӣ амали мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар хусуси ба расмият даровардани фаъолияти мазкур аст. Фаъолияти рекламавӣ дар ҳамон вақт қонунӣ ҳисоб карда мешавад, ки ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Мувофиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад

Бақайдгирии давлатии фаъолияти рекламавӣ дар асоси принсипҳои оммавӣ буданаш, ба ҳама дастрас будан, аниқии он амалӣ карда мешавад.

Мақомоти давлатии ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад, ҳангоми бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла фаъолияти рекламавӣ ба шартҳои мавҷудаи қонун илова ва дигаргунӣ дохил намояд.

Рад кардани бақайдгирии давлатӣ танҳо дар ҳолате мумкин аст, ки ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирӣ пешниҳоднамудаи шаҳрвандон ба талаботҳои қонун ҷавоб надиҳанд.

Аз тарафи мақомоти бақайдгирӣ рад намудан ва ё саркашӣ кардан аз бақайдгирӣ мувофиқи қонун сабаби ҷавобгарӣ мегардад. Дар ин ҳолат шахс метавонад ба суд муроҷиат ва ҳуқуқи худро ҳимоя намояд.

Дар фаъолияти рекламавӣ дар байни рекламадиҳандагон, истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони реклама муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Муносибатҳои ҳуқуқи иштирокчиёни фаъолияти рекламавӣ робитаи

онҳо буда, хусусиятҳои худро доранд.

Муносибатҳои ҳуқуқи иштирокчиёни фаъолияти рекламавӣ намуди асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёнаш дар асоси шартномаҳои маданӣ ба вуҷуд омада, ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд.

Барои он ки фурӯшанда ё истеҳсолкунандаи мол аз реклама истифода барад, бояд бо дигар субъектҳои ҳуқуқ ду намуди шартномаро ба имзо расонад.

Аввалан, вай шартномаро оид ба тайёр кардани реклама бо истеҳсолкунандагони (тайёркунандагони) реклама, сониян, бо мақсади паҳн кардани он шартномаро бо паҳнкунандагони реклама мебандад.

Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти рекламавӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 муайян карда шудааст. Меъёрҳое, ки доир ба ин масъала муқаррар карда шудаанд, хислати императивӣ доранд.

Мутобиқи моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 ба шахсоне, ки дар натиҷаи рекламаи номуносиб зарари маънавӣ ва моддӣ расонда мешавад, метавонанд, ба суд муроҷиат намоянд.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ (иттиҳодияҳо), ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ метавонанд мақомоти худтанзимкуниро дар соҳаи реклама таъсис диҳанд.

Рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи реклама ҳуқуқ доранд бо ариза оид ба пурра ё қисман бекор кардани қарори мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд муроҷиат намоянд аст.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016.
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022// Сайти
3. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. http:// www. mmk. Tj.
4. Международный кодекс рекламной практики// Сборник законодательных и иных правовых актов и документов по рекламе. -М., 2000.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 // АМО Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2003.- № 8. -М.457.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014// Сайти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. http:// www. mmk. Tj.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009// АМО Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2009.- № 5.- М.316.
8. Маҳмадхонов Т Назаров Б.,Сафарова З.М., Валиев Р.Н.Комплекси (маҷмуаи)
9. таълимӣ-методӣ аз ҳуқуқи тиҷорат. Маводи таълимӣ. -Душанбе: «Ашӯриён», 2019.
10. Пугинский Б.И. Коммерческое право России. - М.: Изд. «Зерцало», 2008.
11. Предпринимательское (Хозяйственное) право. Учебник. /Под ред. С.А.Зинченко и Г.И. Колесника. -М.: Издательско торговая корпорация «Дашков и К», 2008.


## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОТНОШЕНИЙ СОБСТВЕННОСТИ: СООТНОШЕНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО И ВНУТРИГОСУДАРСТВЕННОГО ПРАВА


**Рустамзода Ф.Р.** — доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права ТГУК, кандидат юридических наук, Душанбе, Республика Таджикистан, Тел.: 933508151

**Исмоилов А.Ш.** — старший преподаватель кафедры коммерческого и антикоррупционного права ТГУК, Душанбе, Республика Таджикистан, Тел.: 935800343



В данной статье рассматривается вопрос соотношения правового регулирования отношений собственности в международном праве и национальном праве.



**Ключевые слова:** право собственности, частная собственность, международные договоры, внутреннее законодательство, Инкотермс.



Дар мақолаи мазкур масъалаи таносуби танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба моликият дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ оварда шудааст.



**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи моликият, моликияти хусусӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории дохилӣ, Инкотермс.

This article discusses the question of the relationship between the legal regulation of property relations in international law and national law.

**Key words:** property right, private property, international treaties, domestic legislation, Incoterms.

Право собственности – одно из уникальных явлений жизнедеятельности общества, государства, и каждой отдельной личности. Занимая в системе вещных прав центральное место, право собственности, пожалуй, является самой распространенной и исторически известной категорией гражданского права, и не только. Какую бы отрасль права мы ни рассматривали, отмечает Г.К. Дмитриева, одно из важных мест в ней занимает вопрос о собственности. И это не случайно. Ведь каждый человек, невзирая на возраст и социальную принадлежность; организация, вне зависимости от организационно - правовой формы; государство – от формы государственного устройства и формы правления, удовлетворяют свои потребности путем господства над определенными благами, обладая некой долей собственности над определенными вещами. Важно также отметить, что залогом устойчивого развития экономики (как внутренней, так и внешней) является стабильность экономических отношений, выступающей в качестве основы развития общества и государства в целом, где важнейшим экономико-правовым институтом является как раз таки рассматриваемый нами институт собственности.[13.С.127 -132].

В доктринах международного частного права предметом дискуссий выступают соотношение и взаимодействие национального и международного права, а также вопросы о роли и значении таких договоров в регулировании внутригосударственных отношений.

В последнее время вопросы о месте международных договоров в национальных правовых системах, механизме их реализации в национальном праве государств рассматриваются с учетом анализа национальных законодательств государств - участников СНГ. Указанные проблемы нашли отражение в работах А.Н. Беседина, С.А. Джамалдинова, В С. Иваненко и др. [1, 84].

В рамках данного диссертационного исследования следует обратить внимание на то, что конституции, гражданские кодексы, законы о международных договорах всех государств - участников СНГ закрепляют положения, определяющие место международных договоров среди актов национальных законодательств государств. Эти нормы имеют различные формулировки, общий смысл которых сводится к следующему.

Во первых, международные договоры (ратифицированные, признанные, вступившие в силу) являются составной частью системы законодательства (Азербайджан) [4], частью законодательства (Киргизия, Республика Беларусь) [5], частью правовой системы (Армения, Таджикистан, Российская Федерация), действующим правом в государстве (Казахстан).

Во вторых международные договоры подлежат добросовестному исполнению и имеют приоритет в случае коллизий с нормами национального законодательства.

Наряду с приоритетом международных норм широко известные базисные условия - международные обычаи в международной торговле. Так, для единообразного понимания правил, регулирующих отношения продавца и покупателя по каждому базисному условию, Международная торговая палата в Париже впервые в 1936 году опубликовала свод международных правил по толкованию торговых терминов – Инкотермс. В 1953, 1967, 1976, 1980 и 1990, 2000 и 2010 гг. в документ были внесены значительные изменения. В настоящее время «Инкотермс» действуют в редакции 2010 года.

С правовой точки зрения Инкотермс представляют собой свод обычно-правовых норм, созданных многолетней коммерческой практикой и имеющих факультативный характер. Они юридически обязательны для продавца и покупателя лишь при наличии в договоре прямой ссылки на этот документ. Поэтому предприниматели, которые желают использовать «Инкотермс», должны четко указать, что они в договоре руководствуются каким его изданием.

Например, базисные условия «Инкотермс-2000» часто используемые отечественными предпринимателями в Республике Таджикистан полностью следуют структуре «Инкотермс-1990», в которых эти условия были для облегчения понимания сгруппированы в четыре категории, отличающиеся между собой по существу, начиная с термина, согласно которому продавец только предоставляет товар покупателю непосредственно в своих помещениях (категория EX WORKS).

Далее идет вторая категория «F», согласно которой продавец обязан поставить товар перевозчику, назначенному покупателем (термины группы «F»- FCA, FAS и FOB).

Согласно терминам третьей группы «С», продавец обязуется заключить договор перевозки, но без принятия на себя риска потери или повреждения товара или дополнительных затрат после отгрузки и отправки товара (CFR, CIF, CPT и CIP).

Четвертую группу составляют термины «D», согласно которым продавец должен нести все расходы и риски, необходимые для доставки товара в страну назначения (DAF, DES, DEQ, DDU и DDP).

Таким образом, «Инкотермс-2000» содержит правила толкования порядка тринадцати торговых терминов, которые могут быть избраны сторонами при заключении договоров международной купли-продажи. По сравнению с изданием 1990 года «Инкотермс-2000» внесло существенное изменение в распределение обязанностей между сторонами [3, 346].

Как указывалось ранее, в регулировании взаимоотношений контрагентов по международным коммерческим сделкам важную роль играют международные торговые обычаи и обыкновения. Обобщение и унификация таких обычаев и обыкновений представляются весьма полезными для развития успешных коммерческих связей между предприятиями различных стран. Поэтому организации предпринимателей, создаваемые как в отдельных странах, так и имеющие международный характер, заинтересованы в проведении такой деятельности.

Большое значение в создании благоприятной правовой среды для реализации деловых отношений в сфере международных экономических отношений имеет деятельность Международной торговой палаты (МТП). Созданная в 1919 году, Палата обозначила в качестве своей основной цели содействие бизнесу и последовательно проводит деятельность в этом направлении. Основным инструментом, обеспечивающим достижение указанной цели, является разработка рекомендаций для использования предпринимателями в договорной практике.

Основной причиной разработки Инкотермс явились значительные различия в торговых терминах, принятых в отдельных странах (и даже портах одной страны), а также различия по этому вопросу в законодательстве отдельных стран. Главной целью стандартизации в Инкотермс базисных условий поставки товара и четкого изложения отдельных обязанностей продавца и покупателя является обеспечение единообразного понимания общепризнанных и широко используемых коммерсантами ключевых понятий при заключении международных сделок [2, 70].

Заметим, что до сих пор остается открытым и спорным де-юре вопрос применения в Республике Таджикистан положений Инкотермс в любой её редакции. Некоторые страны пошли по пути признания этих базисных условий. Например, на основании Закона Российской Федерации «О торгово-промышленных палатах» постановлением Правления Торгово-промышленной палаты Российской Федерации от 28 июня 2001 года,№117-13 (п. 4), Инкотермс признаны торговым обычаем, что имеет важное практическое значение для обеспечения определенности и предсказуемости их применения участниками международной купли-продажи товаров, а также участниками смежных международных контрактов. Таким образом, в России в отличие от Республики Таджикистан на основании ст. 5 и п. 5 ст. 421 ГК РФ базисные условия Инкотермс признаются одним из регуляторов имущественных отношений сторон.

Обоснованность применения торговых обычаев признается всеми авторитетными центрами международного коммерческого арбитража, в частности в созданном в 2015 в г. Душанбе Международном коммерческом арбитраже при Торгово-промышленной палате Республики Таджикистан. В соответствии с ч.3 ст. 43 Закона Республики Таджикистан «О международном коммерческом арбитраже» во всех случаях арбитраж принимает решение в соответствии с условиями договора и с учетом торговых обычаев, применимых к данной сделке.

Арбитражный Регламент Международного арбитражного суда МТП, являющегося одним из наиболее авторитетных международных арбитражных институтов, ежегодно рассматривающим сотни международных коммерческих споров, содержит аналогичное правило: во всех случаях состав арбитража принимает во внимание положения контракта и соответствующие торговые обычаи.

Инкотермс, таким образом, представляют собой свод правил толкования терминов поставки, называемых базисными условиями поставки товаров. Условно можно выделить две группы вопросов, по которым в Инкотермс предлагается единообразное толкование: 1) коммерческие; 2) юридические.

Наиболее важными коммерческими вопросами, урегулированными в Инкотермс, являются следующее: определение цены, которая непосредственно зависит от согласованного сторонами базисного условия поставки; распределение обязанностей сторон по перевозке и выполнению погрузочно-разгрузочных работ; распределение обязанностей сторон по представлению отгрузочных, платежных и иных документов, а также необходимых извещений; распределение обязанностей сторон по страхованию товара, т.е. по обеспечению рисков, которым может быть подвергнут товар в период транспортировки; распределение обязанностей сторон по обеспечению надлежащей упаковки товара; распределение обязанностей сторон по осуществлению инспектирования товара; распределение обязанностей сторон по выполнению таможенных формальностей, необходимых для вывоза и ввоза.

Следовательно, выбор базисного условия поставки определяет цену, распределение между продавцом и покупателем расходов по доставке товара, а в конечном счете коммерческую эффективность сделки международной купли-продажи, так как и продавцу, и покупателю сразу становится ясен объем принимаемых каждым из них обязанностей.

## ЛИТЕРАТУРА:


1. Беседин А.Н. Развитие гражданского законодательства в государствах - участниках Содружества Независимых Государств: Дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. - М., 2005.
2. Гражданское и торговое право зарубежных государств: учебник / Отв. Ред. Е.А. Васильев, А.С. Комаров. - 4-е изд., перераб. И доп В 2-х т. – Т.II. Междунар. Отношения, 2006. С.70.
3. Гражданское и торговое право зарубежных стран: Учебное пособие/ Под общей редакцией В.В. Безбаха и В.К. Пучинского. – М.: МЦФЭР, 2004. –С. 346.
4. Конституция Азербайджанской Республики: принята на всенародном голосовании (референдуме) 12 нояб. 1995 г., ст. 148.
5. Конституция Кыргызской Республики: принята 5 мая 1993 г.: С изм. и доп. от 10.02.1996 г, ст. 12; о международных договорах Республики Беларусь: Закон Респ. Беларусь, 23 окт. 1991 г ст. 27.

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛ, ФАЪОЛИЯТ ВА ҚАТЪИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

Сангканова Т. ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои мубрами асосҳои ҳуқуқии ташкил, фаъолият ва қатъи минтақаи озоди иқтисодӣ баррасӣ менамояд. Минтақаи озоди иқтисодии саноатӣ (истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ) минтақае мебошад, ки ба ҳавасмандгардонии рушди соҳаи саноат равона карда шудааст. Ин намуди минтақаҳо бо роҳи ба низоми махсуси ҳуқуқии минтақаҳои озоди иқтисодӣ гузаронидани ташкилотҳои мавҷудаи алоҳида ва субъектҳои хоҷагидорӣ барпо карда мешаванд. Дар ин намуди минтақаҳо таҷдиди сохтор, азнавсозӣ, тағйир додани самти фаъолияти корхонаҳо бо мақсади ҷалби сармоя ба соҳаҳои афзалиятноки саноатӣ, самти инноватсионӣ, ҷорӣ намудани технологияи муосир амалӣ карда мешаванд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобаста ба хусусияти фаъолияташон ба намудҳои муайян ҷудо мешаванд ва инчунин метавонанд хусусиятҳои якчанд шакли функсионалии (маҷмӯии) минтақаҳои озоди иқтисодиро дар бар гиранд. Минтақаи озоди иқтисодӣ метавонад аз якчанд қитъаи алоҳидаи тахти идораи ягона иборат бошад. Минтақаҳои озоди иқтисодиро дар чунин намудҳо таъсис додан мумкин аст: саноатӣ (истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ); савдо ва тиҷоратӣ; хизматрасонӣ; инноватсионӣ, илмӣ - таҳқиқотӣ ва ҷорикунанда.

**Калидвожаҳо:** сармояи хориҷӣ, технологияи нав, инфрасохтори муосир, шуғли аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, бозори дохилӣ ва истеъмолӣ, маҳсулоти саноатӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, технологияи нав, барои бунёди инфрасохтори муосир, ҷиҳати мусоидат ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин ғани намудани бозори дохилӣ ва истеъмолӣ, маҳсулоти саноатӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ қабул карда шуд. Ҷиҳати иҷрои санадҳои мазкур, айни замон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон чор минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст, аз ҷумла МОИ «Суғд», МОИ «Панҷ», МОИ «Данғара» ва МОИ «Ишкошим»[12].

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба амалияи хоҷагии давлатҳои гуногун устувор ворид шудаанд. Онҳо дар давлатҳои алоҳида таъсис дода шуда, фаъолият мекунанд. Дар асоси маълумоти оморӣ дар ҷаҳон беш аз 2 ҳазор минтақаҳои озоди иқтисодӣ амал мекунанд[8, С.104]. Аввалин маротиба ҳолати ҳуқуқии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Конфенсияи байналмилалӣ оид ба соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиётҳои гумрукӣ (Киота, 18 майи соли 1973) дарҷ гардидааст[14, С.52].

Минтақаи озоди иқтисодии савдо ва тиҷоратӣ минтақаи озоди иқтисодие мебошад, ки ҳудуди он барои такмилдиҳӣ, коркард, ба навъҳо ҷудокунӣ, борбандӣ, тамғагузорӣ ва нигоҳдории молҳои ба минтақа воридшаванда бо мақсади минбаъд ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва ё аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудан истифода мегардад. Минтақаҳои озоди иқтисодии савдо ва тиҷоратӣ дар фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, нуқтаҳои бо ҳам пайвастшавандаи магистралҳои нақлиёти автомобилгард, маҳалҳои наздисарҳадӣ ва дар қитъаҳои дигари маҳдудкардаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд, ки аз тариқи онҳо интиқоли байналмилалии молу маҳсулот мунтазам сурат мегирад.

Минтақаи озоди иқтисодии хизматрасонӣ минтақаи озоди иқтисодие мебошад, ки дар ҳудуди он корхонаю ташкилотҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии сайёҳӣ, табобатӣ ва муоличавӣ, машваратӣ (консалтингӣ), муҳандисӣ-техникӣ (инжинирингӣ), миёнаравӣ, молиявӣ ва қарзӣ, аудиторӣ, суғуртавӣ ва дигар хизматрасониҳо ҷойгир шудаанд.

Минтақаи озоди иқтисодии инноватсионӣ, илмию таҳқиқотӣ ва ҷорикунанда минтақаи озоди иқтисодие мебошад, ки дар ҳудуди он фаъолияти корхонаву ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, илмию таълимӣ, таҷрибавию конструкторӣ, такмили ихтисос, истеҳсолоти таҷрибавӣ дар соҳаи технологияи муосири истеҳсоли молу маҳсулот ва кашфиётҳои нави самараноки техникӣ (ноу-хау) ба роҳ монда мешавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар иқтисодиёти байналмилалӣ нақши мухимро мебозанд. Онҳо на танҳо ба рушди давлати дар он амалкунанда балки давлатҳои ҳамсоя, ки ҳамкории иқтисодӣ, мубодилаи мутақобила, рақобати рақибон дар он ҷой дорад, мусоидат мекунанд[7, С.114].

Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» аз 25 марти соли 2011, № 700[2] ба роҳ монда мешавад. Қарор дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи низомнома ва нақшаи ҳудудии минтақаи озоди иқтисодиро барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низомномаи минтақаи озоди иқтисодӣ ва ҳудуди онро тасдиқ менамояд. Манбаъҳои маблағгузории хароҷот барои таъсис ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷумла нигоҳдории маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар марҳилаи ташкил ва сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаи озоди иқтисодиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Масалан Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" (МОИ "Суғд") шакли истеҳсолию инноватсионӣ, соли 2008 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон[11] ва Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон[6] ташкил карда шудааст. Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” дар қисмати ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ҷойгир шудааст. Масоҳати умумии МОИ “Суғд” 320 гектарро ташкил медиҳад. Дар ин қисмати шаҳр дар оянда аз ҳисоби заминҳои холӣ то 2000 гектар васъе намудани ҳудуди МОИ “Суғд” имконият ҳаст. Мавҷудияти инфрасохтори истеҳсолӣ ва коммуникатсионӣ дар ин макон, дар наздик ҷойгир шудани хонаҳои истиқоматии шаҳри Хуҷанд, мавҷудияти кӯпруки нав дар Сирдарё ва дурнамои сохтмони шохаи роҳи оҳан то МОИ “Суғд” боиси ҷойгиршавии минтақаи озоди иқтисодӣ дар ин макон аст. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ як аз шартҳои асосӣ дар интихоби макони мусоид барои оғози бизнес аст. Барои корхонаҳое, ки маҳсулоташон ба содирот равона мешавад МОИ “Суғд” макони мусоид мебошад. Шабакаи рушдкардаи нақлиётии шаҳри Хуҷанд барои содирот ва тиҷорат бо кишварҳои хориҷии дуру наздик имконияти васеъ эҷод мекунад. Шоҳроҳи байналмилалӣ бевосита аз назди даромадгоҳи асосии МОИ “Суғд” мегузарад.

Мақсади асосии ташкили МОИ "Суғд":

- ҳавасмандгардонии рушди иқтидори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо роҳи ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ ва менеҷмент;

- таъмини иштироки самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар дар тақсимоти баналмилалии меҳнат, тараққӣ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ;

- рушди шаҳрсозӣ дар минтақаҳои атрофи МОИ "Суғд", ташкил намудани инфрасохтори муосири муҳандисию нақлиётӣ, телекоммуникатсионӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;

- ташкили шабакаи истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, бунёди истеҳсолоти молу маҳсулоти рақобатноки содиротӣ;

- таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, беҳтар намудани қобилияти харидорӣ, афзун гардидани даромади коргароне, ки дар МОИ "Суғд" кор мекунанд ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа[9].

Мӯҳлати амали МОИ "Суғд" 25 сол мебошад. Мӯҳлатҳои давраи гузариш ҳангоми қорӣ кардани низоми МОИ "Суғд" аз тарафи маъмурияти минтақа на зиёдтар аз 7 сол аз рӯзи қабул кардани қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад. Мӯҳлат ва шартҳои давраи гузариш пеш аз қатъи амали низоми МОИ "Суғд" аз ҷониби Маъмурияти МОИ муайян мегардад. Дар ин мавред шартҳои давраи гузариш на дертар аз 3 сол то қатъи амали минтақаи озоди иқтисодӣ фаро мерасанд. Дар тамоми давраи амали низоми МОИ "Суғд" дар ҳудуди минтақа дар баробари забони давлатӣ забонҳои муошиарати байнидавлатӣ - русӣ ва англисӣ забонҳои корӣ ба ҳисоб мераванд. Барои дароз кардани мӯҳлати амали МОИ "Суғд" аз ҷониби Маъмурияти МОИ ба мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ хулосаҳои иқтисодӣ оид ба дароз кардани мӯҳлати фаъолияти МОИ "Суғд" пешниҳод мегардад, ки инҳоро дар бар мегирад: ояндабинӣ ва барномаи минбаъдаи рушди МОИ "Суғд": баҳои самаранокии фаъолияти МОИ "Суғд".

Дар ҳудуди МОИ "Суғд" вазифаи идоракуниро маъмурияти МОИ иҷро менамояд, ки онро роҳбар ба ӯҳда дорад. Тартиби фаъолияти Маъмурияти МОИ бо Низомнома муайян карда мешавад. Маъмурияти МОИ мақоми идоракунандаи МОИ "Суғд" буда, фаъолият ва рушди МОИ "Суғд" ва ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои МОИ-ро дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои пешбинишуда таъмин менамояд. Маъмурияти МОИ шахси ҳуқуқӣ буда, дар шакли ташкилию ҳуқуқӣ ҳамчун муассисаи давлатии ҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад. Маъмурияти МОИ дар тобеияти мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ қарор гирифта, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи мазкур ва Оиннома, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ тасдиқ мегардад, фаъолият менамояд.

Маъмурияти МОИ дорои мӯҳр бо акси Нишон давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номгузории "Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" ба забонҳои давлатӣ ва англисӣ, суратҳисобҳо, рамзи хусусӣ, атрибутика ва дигар нишонаҳо мебошад. Маъмурияти МОИ фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Хароҷот барои нигоҳдории дастгоҳи Маъмурияти МОИ аз ҳисоби буҷети МОИ "Суғд" тибқи сметаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақоми ваколатдори давлатии молиявӣ барои соли навбатии молиявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Ҳуқуқу ваколатҳои Маъмурияти МОИ ан инҳо иборатанд:

- таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаи рушди МОИ "Суғд", аз ҷумла нақшаи генералии минтақа;
- таҳияи буҷети мустақили минтақа, атсдиқи он тибқи тартиби муқарраргардида ва таъмини иҷрои он;
- таҳияи нақшаи қобаҷокунии субъектҳои МОИ дар сарҳади ҳудуди МОИ "Суғд" бо назардошти таклифҳои онҳо, аз ҷумла хароҷоти молиявии ҳар як субъекти МОИ барои пешниҳоди минбаъдаи он ба мақоми ваколатдори давлатии идоракунандаи минтақаҳои озоди иқтисодҳ;
- таҳияи сметаи хароҷот оид ба ободдонии сарҳади ҳудуди муайяншудаи МОИ "Суғд";
- мувофиқи нақшаи ҷойгиршавии инфрасохторҳои гумрукӣ бо мақоми ваколатдори давлатии гумрукҳ;
- таъмини ягонагӣ ва фаъолияти пурсамари МОИ "Суғд";
- таъмини рушди МОИ "Суғд" бо роҳи ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ, воситаҳои молиявии ташкилотҳои ватанию хориҷӣ дар шакли қарзҳои имтиёзнок, қарз ва грантҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақоми ваколатдори давлатии молиявҳ;
- ташкили маъхази иттилоотию таҳлили фаъолият ва рушди иқтисодии МОИ "Суғд";
- ҳимояи манфиатҳои субъектҳои МОИ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалб намудани сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ ва дигар намуди захираҳо;

- назорати риояи низомии ҳуқуқии МОИ "Суғд", таҳияи тағйиру иловаҳо ба Низомнома ва баррасии масъала тибқи тартиби муқарраргардида;

- таъмини назорати давлатӣ ва назорати истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ дар ҳудуди МОИ "Суғд" бо мақсади иҷрои қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ оид ба масъалаҳои рушди МОИ "Суғд";

- пешниҳоди замин барои иҷора ба субъектҳои МОИ, инчунин дигар иншооти МОИ "Суғд";

- ташкили маркази иттилоотӣ, бизнес-инкубаторҳо, анборҳо, биноҳом маъмурӣ, иншооти истеҳсолӣ ва дигар сохторҳои зарурӣ барои таъмини фаъолияти пурсамар ва рушди МОИ "Суғд";

- ҳамоҳангсозии корҳои ташкилотҳои илмӣ, лоиҳавӣ, саноатӣ, сохтмонӣ ва дигар муассисаҳои ватанӣ ва хориҷие, ки барои ташкил ва таъмини фаъолияти МОИ "Суғд" ҷалб мешаванд;

- баррасии бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории довталабон;

- ба довталабон додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҷойгиршавӣ ва нишонии ҳуқуқӣ дар МОИ "Суғд";

- танзими робитаҳои МОИ "Суғд" бо бозори байналмилалӣ;

- ташкили омӯзш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои МОИ "Суғд", иштирок бар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ташаккули кадрҳо, шуғл, сиёсати ҷавонон ва муҳоҷират дар минтақа;

- ташкили конфронсҳо, машваратҳо, семинарҳо ва ғайра;

- ба имзо расонидани шартномаҳо бо субъектҳои МОИ;

-ташкил ва пешбурди дафтари бақайдгирии сертификатҳои;

- додани сертификатҳо ба субъектҳои МОИ;

- такмили шаклҳои идоракунии хоҷагии МОИ "Суғд" ва амалигардонии истифодаи масоҳатҳои заминҳои давлатӣ ва моликияти хусусӣ дар ҳудуди МОИ "Суғд";

- таъмини азхудкунии маблағҳо дар лоиҳаҳое, ки моҳияти умумиминтақавӣ ддоранд;

- хизматрасонӣ дар гирифтан ва ба расмият даровардани раводиди даромад ва баромад, ки дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд;

- додани рухсатномаҳо барои даромадан ба ҳудуди МОИ "Суғд";

- ташкил ва назорати фаъолияти воҳидҳои ҳарбикунонидашудаи ҳифзи иншооти МОИ "Суғд". Сохтор ва шумораи воҳидҳои дар боло зикршуда аз ҷониби Маъмурияти МОИ дар мувофиқа бо вазоратҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

- ҳар семоҳа ба мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешниҳод намудани ҳисобот оиди фаъолияти МОИ "Суғд";

- амалигардонии дигар ваколатҳое, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Низомнома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

Давлат ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектҳои минтақаи озоди иқтисодиро дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, кафолат медиҳад. Маҷмӯи кафолатҳои давлатӣ оид ба ҳифзи моликият, сармоягузорӣ ва истифодаи қитъаи замин, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ татбиқ мегардад. Моликияти субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди милликунонӣ, реквизитсия ва ё мусодира қарор мегирад. Ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ҳуқуқи ба хориҷа интиқол додани маблағи даромади онҳо ва дигар маблағҳо бо асъори хориҷие, ки ба таври қонунӣ дар натиҷаи фаъолияти онҳо дар минтақаи озоди иқтисодӣ ба даст омадааст, кафолат дода мешавад. Давлат ҳимояи пурра ва бечунучарои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои минтақаи озоди иқтисодиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз барҳамдиҳии минтақаи озоди иқтисодӣ низ кафолат медиҳад. Дар сурати пеш аз мӯҳлат барҳамхӯрии минтақаи озоди иқтисодӣ ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ҳуқуқи давом додани фаъолият тибқи қайду шартҳои

аз лаҳзаи гирифтани мақоми субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ доштаашон кафолат дода мешавад. Зарар, фоидаи аздастдода ва зарари маънавие, ки ба субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ё шахсони мансабдор дар натиҷаи дахолати беасос ба фаъолияти онҳо расонида мешаванд, бо тартиби судӣ ҷуброн карда мешаванд. Давлат нисбати ӯҳдадориҳои субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ, ҳамчунин субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ нисбати ӯҳдадориҳои давлат ҷавобгар намебошанд.

Тағйироти иқтисоди ҷаҳонӣ, ноустувории вазъи геополитикӣ аз ҳисоби бисёрқутбӣ муқарраршуда, ташаккули марказҳои нави рушди иқтисодӣ як вектори равшани рушди иқтисоди Русия - гузариш аз самти ашёи хом ба инноватсиони, технологӣ ва технологӣ мебошад. инкишоф. Асоси ин гу-зариш бояд азнавсозии микьёсан васеи сохахои пешбарандаи иктисодиёт бошад, ки он ба тараккиёти технологии онхо нигаронида мешавад. Дар байни афзалиятҳои рушди иқтисодӣ ба ташаккули минтақаҳои махсуси иқтисодии рақобатпазир, ки дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ на танҳо нуқтаи афзоиши минтақаҳои алоҳида, балки муҳаррики рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ мегарданд, таваҷҷӯҳи махсус бояд дод. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки иқтисодие, ки дар асоси инноватсионӣ амал мекунад, метавонад устувор ва пешрав бошад.

Онхо дар ибтидои индустрикунонй, хамчунин дар мархалахои минбаъдаи он барои мусоидат кардан ба татбики стратегияи афзоиши содирот ва воридоти мол пайдо шуданд.

Мавҷудияти намудҳои гуногуни минтақаҳо аз нақши онҳо ҳамчун воситаи рушди иқтисодии минтақа вобаста аст, ки имкон медиҳад ҷалби сармояи хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва азхудкунии қувваи кории зиёдатӣ, қувваи корӣ ва идоракунӣ, интиқоли технология ва дониш, инчунин ба манбаи рушди иқтисодии хориҷӣ табдил ёбад. асъор ва даромадҳои андоз ва ҳамчун гузариш ба бозорҳои хориҷӣ хизмат мекунад. Минтақаҳои МОИ инчунин барои ҳавасмандгардонии хоҳиши соҳибкорони миллӣ барои иштирок дар истеҳсоли намудҳои ғайрианъанавии маҳсулоти содиротии кишвар истифода мешаванд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ташкили самараноки МОИ метавонад на танҳо ба рушди иқтисоди кишвар такон диҳад, балки онро ба мақоми пешсафи ҷаҳонӣ табдил диҳад. Мисоли ин Чин аст, ки яке аз баландтарин суръати рушди иқтисодӣ дар ҷаҳон аст, ки сеяки қаламрави он минтақаи махсуси иқтисодӣ мебошад.

Минтақаҳои махсуси иқтисодӣ метавонанд ба таъсиси механизми муассири ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ, саноатӣ ва технологӣ дар минтақаҳо мусоидат кунанд. Таъсиси МОИ барои сармоягузорони давлатӣ ва хусусӣ ба ҳар ду ҷониб судманд аст. Ҷалби васеи сармоягузориҳо ба иқтисоди Русия тавассути таъсиси МОИ ба ҳалли чунин мушкилот, аз қабили навсозии истеҳсолот, рушди иқтидори илмию техникии кишвар, тавсеаи истеҳсолот ва таъсиси корхонаҳои нав мусоидат мекунад. ҷойҳои корӣ[15, С.365].

Қайд карда мешавад, ки «соҳибкории хурд, ки ҳамчун шакли махсуси фаъолияти иқтисодӣ амал мекунад, унсури асосӣ ва нишондиҳандаи рушди иқтисоди Русия мебошад» [3, С.184-189]. Ба рушди соҳибкории хурду миёна сиёсати фаъоли давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ташаббусҳои соҳибкорӣ ҳам дар сатҳи федералӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, ҷузъҳои асосии системаи инноватсионии рушди иқтисодӣ ба ҳама маълуманд: ғояҳо, таҷрибаи соҳибкорӣ, манбаъҳои маблағгузорӣ ва ҷомеаҳое, ки ҷузъҳои гуногунро дар як объекти ягона муттаҳид мекунанд.

Дар Федератсияи Россия рушди муассисаи МОИ барои ҳалли масъалаҳои афзоиши босуръати иқтисодии як қатор корхонаҳо, соҳаҳо ва комплексҳои территориявию [1] истеҳсолӣ пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, ин муассисахо бояд яке аз роххои ба системам муносибатхои иктисодии чахонй дохил кардани Россия дар шароите гарданд, ки ба вай дар бозорхои дохилй ва хоричй бо давлатхои хоричй ракобат кунанд.

Гузашта аз ин, таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ низ бо сабабҳои объективӣ вобаста аст. Ҳамин тавр, аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки «вазъияти иқтисоди Русия бештар аз ҷониби вазъи иқтисодии минтақаҳои Русия муайян карда мешавад» [3, С.124-127].

Дар Русия танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкил ва фаъолияти МОИ бо Қонуни федералии № 116-ФЗ «Дар бораи минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар Федератсияи Россия»

(минбаъд Қонуни МОИ) танзим карда мешавад. Мувофики модда. Моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи МОИ» дар қаламрави Федератсияи Русия, минтақаҳои махсуси иқтисодии намудҳои зерин метавонанд таъсис дода шаванд:

1) минтақаҳои махсуси иқтисодии саноатӣ ва истеҳсолӣ;

2) минтақаҳои махсуси иқтисодии техникӣ ва инноватсионӣ;

3) минтақаҳои махсуси иқтисодии сайёҳӣ ва рекреатсионӣ;

4) минтақаҳои махсуси иқтисодии бандарӣ.

Ҷудо кардани МОИ ба минтақаҳои саноатӣ-истеҳсолӣ, технологӣ-инноватсионӣ, туристӣ-рекреатсионӣ ва бандарӣ пеш аз ҳама вобаста ба намудҳои фаъолияте, ки сокинон метавонанд дар ҳудуди МОИ-ҳои дахлдор машғул шаванд, амалӣ карда мешавад. Намудҳои фаъолияте, ки дар МОИ иҷозат дода мешаванд, ҳангоми таъсиси он аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Русия муайян карда мешавад.

Аксарияти имтиёзҳое, ки барои сокинони МОИ муқаррар шудаанд, бо қонунгузории минтақавӣ танзим карда мешаванд. Ба ин қонунгузории андози минтақавӣ дар робита ба ваколатҳои субъект оид ба танзими унсурҳои андоз, қонунгузории буҷетӣ аз рӯи ваколатҳои субъекти пешбининамудаи Кодекси буҷети Федератсияи Русия, дигар қонунгузории минтақавӣ, ки бақайдгирӣ ва фаъолияти резидентҳоро танзим мекунанд, дохил мешаванд. дар худуди МОИ.

Дар сатҳи минтақавӣ таҷрибаи ташкили ташкилотҳои махсусгардонидашуда, ки бо масъалаҳои ҷалби сармоя ва рушди МОИ, паркҳои технологӣ, паркҳои саноатӣ, кластерҳо ва ғайра машғуланд, дар ҳудуди вилоят мушоҳида мешавад. Мисоли ин метавонад вилояти Калуга, ки дар он як қатор ташкилотҳои махсус фаъолият доранд[5].

Корпоратсияи ҶСК рушди вилояти Калуга Ҳадафҳои ин корпоратсия инҳоянд: рушди инфрасохтори паркҳои саноатӣ ва технологӣ дар вилояти Калуга; ташкили маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ. "Агентии рушди минтақавӣ"-и вилояти Калуга, ки соли 2000 аз ҷониби ҳукумати вилоят таъсис ёфтааст, як воситаи асосии амалӣ кардани ташаббусҳои стратегии ҳукумати минтақа гардид. Ҳадафи агентӣ ҷалби сармоя ба иқтисодиёти вилояти Калуга мебошад.

Агентии рушди инноватсионӣ - Маркази рушди кластерӣ дар вилояти Калуга (AIRKO). Ҳадафи агентӣ эҷоди манбаъҳои нави рушди иқтисодӣ тавассути рушди соҳаҳои хурду миёна дар кластерҳои инноватсиони, инчунин фароҳам овардани шароит барои пайдоиш ва пешбурди инноватсия, ташаккули манбаъҳои нави рушд, инкишофи сектори баландтехнологии иктисодиёт ва кластерхои территориявй дар вилояти Калуга.

Дар ҳудуди вилояти Калуга аз соли 2012 МОИ истеҳсоли саноатии Людиново фаъолият мекунад. Масоҳати умумии МОИ 1024,6 га мебошад.Намудҳои асосии соҳаҳои дар ҳудуди ин МОИ инкишофёфта инҳоянд: истеҳсоли мошину таҷҳизот, коркарди чӯб ва истеҳсоли маснуоти чӯб, истеҳсоли қисмҳо ва лавозимот барои мошинҳо ва муҳаррикҳои онҳо, таҷҳизоти тиббӣ, асбобҳо[10].

Реҷаи махсуси фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди МОИ пеш аз ҳама дар пешниҳоди навъҳои гуногуни имтиёзҳои гумрукӣ, андоз, молиявӣ ва маъмурӣ ба резидентҳои он зоҳир мегардад.

Асосҳои қонунгузорӣ ва меъёрии минтақа бехатарии сармоягузориро кафолат медиҳанд. Дар вилояти Калуга хамаи монеахои маъмурй бархам дода шуда, тартиби бакайдгирии сохибкори, гирифтани литсензия, ичозатнома ва тасдик ба кадри имкон содда карда шудааст. Барои дастгирии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилояти Калуга муассисаҳои рушд таъсис дода шудаанд. Инҳо Агентии рушди минтақавӣ мебошанд, ки барои сармоягузорон ба таври ройгон хадамоти машваратӣ пешниҳод мекунанд ва Корпоратсияи рушди минтақавӣ, ки хидматрасонии рушдро пешкаш мекунад. Муносибати инфиродӣ ба ҳар як лоиҳа қоидаи асосии ҳамкории байни маъмурияти вилоят ва сармоягузорон мебошад.

Дар ҳудуди МОИ Людиново ба сокинон намудҳои зерини имтиёзҳо дода мешаванд: андоз аз даромад, андоз аз нақлиёт, андози замин ва андоз аз арзиши иловашуда.

Илова ба имтиёзҳои дар боло зикршуда дар ҳудуди МОИ нисбат ба даромади шаҳрвандони хориҷӣ, ки резидентҳои МОИ кор мекунанд ва ба мутахассиси баландихтисос тасниф шудаанд, ставкаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба андозаи 13 фоиз (банди 3 моддаи 224) татбиқ карда мешавад. Кодекси андози Федератсияи Русия). Илова бар ин, нисбат ба ин шахсон, қонунгузории Федератсияи Русия низоми соддакардашудаи муҳоҷиратро пешбинӣ мекунад.

Имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ дар асоси шаҳодатномаи бақайдгирии шахсро ҳамчун резиденти МОИ, ки Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Русия додааст, дода мешавад. Санадҳои қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва пардохтҳое, ки вазъи андозсупорандагон – резидентҳои МОИ-ро бад мекунанд, ба истиснои санадҳои қонунгузории Федератсияи Русия дар бораи андозҳо ва пардохтҳои марбут ба андозбандии молҳои зераксизӣ, нисбат ба резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намешаванд. МОИ дар давраи амали шартнома оид ба гузаронидани фаъолияти саноатӣ ва истеҳсолӣ[13].

Ҳамин тариқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии минтақаҳои озодӣ иқтисодӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда пурра танзим шудааст, ки заминаи муайян барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодиёти давлатро фароҳам меорад.

**Адабиёт:**


1. Актуальные вопросы развития экономики России: коллективная монография/под общей редакцией Н.А. Адамова. -М.: Институт исследования товародвижения и конъюнктуры оптового рынка, 2013, 344 с.
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167.
3. Балынин И.В. Анализ макроэкономических показателей регионального развития субъектов Российской Федерации в 2008-2012 годах // РИСК: Ресурсы, информация, снабжение, конкуренция. 2015. № 1. С.124-127.
4. Балынин И.В. Развитие малого предпринимательства в Российской Федерации в 2011-2013 гг.// Theoretical & Applied Science. 2015. № 1 (21). С. 184-189.
5. Интернет ресурс - map.investkaluga.com.
6. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд"» аз 29 октябри соли 2008 № 1146 //. (санаи муроҷиат: 14.01.2019)
7. Кравченко А.В., Еленко А.Е. Анализ зарубежного опыта создания свободных экономических зон // АНИ: экономика и управление, 2016. Т.5. №3 (16) С.114.
8. Мищенко В. В., Гурьевских В.В. Создание свободных экономических зон и их функционирование в экономике Алтайского края // Известия Алтайского государственного университета, 2001. С.104.
9. Низомномаи Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" аз 29 октябри соли 2008 № 1146. (санаи муроҷиат: 14.01.2019)
10. Официальный портал органов власти Калужской области - www.admoblkaluga.ru.
11. Постановление Правительство Республики Таджикистан от 1 октября 2008 года, №469 «О Положении Свободной экономической зоны "Сугд"»// http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=13976. . (санаи муроҷиат: 14.01.2019)
12. Рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // http://fez.tj/tj/about_sez/40-rushdi-mintaaoi-ozodi-itisodyi-dar-umurii-toikiston.html. (санаи муроҷиат: 14.01.2019)
13. Соглашение между Правительством Российской Федерации, Правительством Калужской области и Администрацией муниципального образования «Город Людиново и Людиновский район» Калужской области о создании на территории муниципального района «Город Людиново и Людиновский район» Калужской области особой экономической зоны промышленно- производственного типа от 25.01.2013 №С-10-ОС/Д14.

14. Ткачева Л.В. Сравнительно-правовой анализ положений законодательства о создании и функционировании Свободных экономических зон в различных странах// Вестник Таганрогского института управления и экономики, 2015. №2. С.52.
15. Турсунмухамедов И.Г., Александров Е.Л. «Особые экономические зоны как фактор привлечения инвестиций в региональную экономику». Коллективная монография «Экономика и общество: проблемы и перспективы модернизации в России», глава 16. Пенза, Изд. ПГУ, 2013, с.356.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ГУМРУКӢ

Сафарова З.М. — муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Муносибати ҳуқуқи гумрукӣ гуногунҷабҳа ва мураккаб мебошад, ки пайвастагии ногусастанӣ бо хусусияти комплексии предмети ҳуқуқи гумрукӣ дорад. Муносибати ҳуқуқи гумрукӣ як навъи нави муносибатҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро, ки аз сохтори фаъолияти гумрукӣ ҷудонопазиранд ва бо меъёри ҳуқуқи гумрукӣ танзим мешаванд ва предмети ҳуқуқи гумрукиро ташкил медиҳанд[4, 37].

Воқеан дар муносибати ҳуқуқи гумрукӣ принсипи ҳокимиятӣ ва тобеият нақши муайянро ишғол менамояд, вале ҳеҷ гоҳ ин асос намешавад, барои хулоса баровcovаранд, ки ба муносибати ҳуқуқи гумрукӣ принсипи баробарҳуқуқӣ хос нест. Зеро дар кисми 1 моддаи 11 Кодекси гумруки ҶТ зикр шудааст, ки: «Ҳамаи шахсон барои интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ … ҳуқуқи баробар доранд»[1, С. 105].

Ба муносибати ҳуқуқи гумрукӣ чунин хусусиятҳо хос аст. Якум муносибати ҳуқуқи гумрукӣ хусусияти комплексӣ дорад, зеро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ иштирок менамоянд. Масалан, меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноӣ, ҳуқуқи андоз ва ғайра.

Дуюм, муносибати ҳуқуқи гумрукӣ хусусияти сарҳадӣ дорад, ки мазмунаш дар он аст, ки он ҷудонопазир аст аз интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ ва ё муносибатҳое, ки бо чунин интиқол вобастаанд.

Сеюм, муносибати ҳуқуқи гумрукӣ, хусусияти ташкилӣ дорад, ки мазмунаш дар он аст, ки ташаккулкунанда ва муайянкунандаи ин муносибатҳо давлат мебошад.

Чорум, дар муносибати ҳуқуқи гумрукӣ пайваста яке аз тарафҳо – мақомоти гумрукӣ баромад мекунад, ки он ифодакунандаи хусусияти ҳокимиятию давлатӣ доштани муносибати ҳуқуқи гумрукӣ аст.

Панҷум, муносибати ҳуқуқи гумрукӣ хусусияти пулӣ ва молумулкӣ дорад, зеро субъект дар ҳама маврид бо амали фаъолу ғайрифаъол ва миёнаравию ёрирасонӣ дар интиқоли молҳои арзишнок ва воситаи пулӣ аз сарҳади гумрукӣ ифода мегардад.

Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ аз нигоҳи унсурҳои гуногун таснифот карда мешаванд:

1. Аз нигоҳи фардикунонии субъектҳо – муносибатҳои гумрукӣ ба умумӣ ва мушаххас ҷудо мешаванд. Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии умумӣ иштирокчиёнаш ҳамаи субъектҳое, ки соҳаи қонунгузории гумрукӣ эътироф кардааст, ҳисоб мешаванд. Дар навбати хеш муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии умумӣ ба ду намуд ҷудо мешавад. Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии умумирухсатдиҳанда ва муносибати ҳуқуқи гумрукии умумиманъкунанда. Ба ҳайси муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии умумирухсатдиҳанда қисми 1 моддаи 11 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мисол шуда метавонад, ки дар он омадааст: «Ҳамаи шахсон барои интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ, ба истисноия ҳолатҳои пешбини намудаи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баробар доранд».

Дар мисоли овардашуда мазмуни унсури «умумирухсатдиҳанда» дар он ифода мегардад, ки дар бахши вориду содири мол дигар субъектҳоро ӯҳдадор сохтааст, ки содирнамоии рафторие, ки ин баробариро халалдор месозанд худдорӣ намоянд. Муносибати ҳуқуқи гумрукии умумиманъкунанда он муносибатҳое мебошанд, ки қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир кардани чунин рафторро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ манъ кардааст ва нисбаташон ҷазоро пешбинӣ месозад. Мисол, ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ва ғайра.

Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии мушаххас бошад ин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ дарҷгарди номгӯи иштирокчиёни муносибатҳо мебошад. Дар моддаи 108 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масоил чунин арзёбӣ гаштааст: «Соҳиби анбори нигоҳдории муваққатӣ шахси ҳуқуқии ватание буда метавонад, ки ба Реестри соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ дохил карда шуда бошад». Дар ин ҷо натиҷаи фардикунонии субъекти муносибатҳои гумрукӣ муқаррар шудааст, ки дар натиҷа субъект - соҳиби анбори муваққатӣ мебошад.

Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии мушаххас ба мутлақ ва нисбӣ ҷудо мешаванд. Муносибатҳои гумрукии мушаххаси мутлақ чунин муносибате мебошад, ки дар натиҷаи фардикунонии субъекти муносибатҳои гумрукӣ дорандаи ҳуқуқи субъективии як тараф (субъект) муайян мегардад. Ё бо ибораи дигар гӯем муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии мутлақ он муносибатҳое мебошанд, ки дар онҳо як тараф, асосан дорандаи ҳуқуқи субъективӣ маълум аст, вале дорандаи ӯҳдадории юридикӣ норавшан аст. Яъне як субъекти муносибатҳои гумрукӣ соҳиби ҳуқуқи субъективӣ аст ва тамоми субъектҳои дигари муносибатҳои гумрукӣ ӯҳдадоранд, ки ин ҳуқуқи субъективиро поймол накунанд. Ба ин банди 2 моддаи 249 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мисол шуда метавонад. Ягона муқарраротe, ки тарафҳои муносибатҳоро муайян месозад, ин мақомоти давлатӣ мебошад, ки ба ҳайси дорандаи ҳуқуқи субъективӣ баромад мекунад. Дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ӯҳдадор мебошанд, ки аз поймол кардани ҳуқуқи субъективии мақомоти давлатӣ худдорӣ намоянд [2, С.21].

Муносибати ҳуқуқи гумрукии мушаххаси нисбӣ бошад, мазмунаш дар он аст, дақиқ муқарраркунандаи субъектҳои муносибатҳои гумрукӣ мебошад, ва муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии онҳо низ аст. Мисол, қисми 2 моддаи 446 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи дақиқ иштирокчиёни муносибатҳои гумрукӣ – Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кардааст.

Воқеан муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии нисбӣ чунин муносибатҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар онҳо ду тараф муайян буда нисбати якдигар соҳиби ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо мебошанд.

2. Вобаста ба давомнокии мӯҳлаташон муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ ба доимӣ ва муваққатӣ ҷудо мешаванд.

Муносибатҳои доимии ҳуқуқи гумрукӣ бо мавҷудияти субъектҳо амал мекунад. Ба ҳайси муносибатҳои доимӣ мисол шуда метавонад муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии умумӣ.

Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии муваққатӣ мавҷуд аст то иҷро кардани амалиёти муайян, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ дарҷ гардидааст. Ба ин мисол мешавад, муносибати декларант ва мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва ғайра.

3. Вобаста ба иҷроиши функсияҳояш ҳуқуқи гумрукӣ муносибатҳои гумрукиро ба танзимкунанда ва ҳифзи ҳуқуқӣ тақсим менамояд.

Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии танзимкунанда тибқи меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ муқарраркунии ҳаҷми ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳо дар фаъолияти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Муносибатҳои ҳифзи ҳуқуқӣ пайдоишашон бо меъёрҳои ҳифзиҳуқуқии гумрукӣ асоснок гаштанд, ки бо рафтори зиддиҳуқуқӣ вобастагӣ доранд. Бо ёрии барқарор кардани ҷавобгарӣ нисбати ҳуқуқвайронкунӣ муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ ҳифз мегарданд.

4. Аз рӯи тақсимоти ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳо, муносибатҳои ҳуқуқи гумрукиро ба оддӣ ва мураккаб чудо месозанд. Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии оддӣ чунин муносибатҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дорои як ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ мебошанд [3, С.47]. Мисол, қисми 1 моддаи 408 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукии мураккаб як қатор ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо пешбинӣ месозад. Мисол, моддаи 414 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон «муоинаи шахс».

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. Раджабов М.Н. Понятие, виды и структура таможенных правоотношений //Сборник научных трудов молодых учёных юридического факультета ТНУ. Выпуск №1, Душанбе.: Эҷод, 2007. – С.92-101.Расолеев В.Н. Таможенное право России. Москва, 2006.
2. Раҷабов М.Н. Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Васоити таълимӣ). Душанбе, Эҷод, 2012.
3. Таможенное право: учебник / В. В. Таболин, Д. И. Аминов, К. В. Васильева [и др.]; под ред. Л. Л. Грищенко. — Москва: КноРус, 2020.
4. Чернявский А.Г. Таможенное право: учебник / А.Г. Чернявский. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: ЮСТИЦИЯ, 2016.


## МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР


| | |
|---|---|
| Хакимов Шахбоз Шодибоевич | ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон 988-78-17-78, e-mail: shahbozhakimov97@mail.ru |
| Бобохониён Довуд Маҳмадраҷаб | ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон 907-00-46-74: e-mail: d.bobohoniyon@mail.ru |


*“... Имрӯз дар кишвари мо дар бобати мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ки яке аз проблемаҳои муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, тамоми заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фароҳам оварда шудаанд...”*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир масъалаи мураккаб ва муҳими байналмилалӣ буда, бо ҷиноятҳои муташаккилитрансмиллӣ, тиҷорати силоҳ ва инсон, терроризм ва экстремизм, ки ба суботу амният ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар алоҳидагӣ ба як кишвар ва дар маҷмӯъ ба минтақаҳо таҳдид дорад, алоқаманд мебошад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ омили нерӯманде, ки инкишофи ҷиноии вазъи вобаста ба мухаддиротро муайян мекунад, чун пештара истеҳсоли маводи нашъадор дар Афғонистон боқӣ мемонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хатти пеши мубориза бо қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ба кишварҳои минтақа, Россия ва Аврупо қарор гирифта, зарфи ду даҳсола дар ҳамаи доираҳои ҳамкориҳои байналмилалии зиддимухаддиротӣ фаъолона ширкат мекунад. Тӯли ин муддат даҳҳо созишномаи байни давлатӣ дар самти назорати маводи мухаддир, аз ҷумла бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Иттиҳодияи Аврупо, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва дигарон имзо шудааст. Барномаҳои давлатии зиддимухаддиротии Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намуда, ҳамчунин ба шарофати кӯмакҳое, ки аз ҷониби кишварҳои маблағгузор, Раёсати СММ оид ба мухаддирот ва ҷиноятқорӣ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар барои таҳкими иқтидори мақомоти салоҳиятдори Тоҷикистон расонида мешавад, кишвари мо дар муқобилият бо таҳдиди мухаддиротӣ ҳиссаи эҳсосшаванда мегузорад.

Мусаллам аст, ки аз соли 1991 то ба имрӯз вазъияти мубориза бо гардиши ғариқонунии маводи мухаддир тағйир ёфтааст. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки кишт, фуруш ва

истеъмоли маводи мухаддир хеле зиёд шудааст. Гувоҳи онро метавон аз шарҳи вобаста ба маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи чанд соли ахир мушоҳида намуд.

Мувофиқи ин маълумот соли 1991 дар Ҷумхурии Тоҷикистон 18477 ҷинояти умумӣ ба қайд гирифта шуда буд, ки 503-тои он ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир марбут буданд. Дар солҳои баъдӣ дар кишвар ҳиссаи ҷиноятҳои мухаддиротӣ афзуда, соли 1996 ба 8,4% (1127 ҷиноят) расид. Сатҳи аз ҳама баланди он дар давраи мавриди таҳлил қарор гирифта соли 2000 ба қайд гирифта шуда буд - 16,4% (2367). Дар соли 2001 ҳиссаи ҷиноятҳои мухаддиротӣ чун аксарияти мутлақи онҳо дар қиёс ба соли 2000 чандон зиёд тағйир наёфтанд ва 16,1% ё худ 2270 ададро ташкил доданд. Аммо дар панҷ соли минбаъда теъдоди ҷиноятҳое, ки ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд мебошанд, бардавом коҳиш ёфтанд. Соли 2006 аз ҷумлаи ин ҷиноятҳо 726 адад ба қайд гирифта шуданд, ки 6,4% аз шумораи ҷиноятҳои умумиро ташкил медиҳад[1,6]. Соли 2011 дар Тоҷикистон 16864 ҷиноятҳои умумӣ ба қайд гирифта шудааст. Ин яке аз нишондиҳандаҳои баланд дар зарфи бист соли охир ба ҳисоб меравад. Бештар аз ҳама ҷиноятҳои зидди шахсият, иқтисодӣ ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ба қайд гирифта шудааст. Аз ин рӯ дар соли 2011 ҳиссаи ҷиноятҳои мухаддиротӣ 5,5%-ро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ҳамагӣ 0,1% тағйир ёфтааст. Яке аз сабабҳои зиёд шудани ҷиноятҳои умумӣ такмили ба қайдгирӣ ва тартиби сабти онҳо мебошад.

Ҳамасола бештар аз 95% ҳамаи ҷиноятҳои мухаддиротии ба қайд гирифташуда аз рӯи ду моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади фурӯш (моддаи 200 КҶ ҶТ) ва муносибати ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 201 КҶ ҶТ), ки барояшон ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, сурат мегиранд [2,58-63]. Соли 2011 теъдоди парвандаҳои ҷиноятие, ки мутобиқи моддаи 289 КҶ ҶТ (Қочоқ) оғоз карда шудаанд, дар қиёс басоли 2010 56,5% афзудааст. Соли 2011 дар муқоиса ба соли 2010 шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда аз рӯи моддаи 200 КҶ ҶТ 18,2% ва аз рӯи моддаи 201 КҶ ҶТ 5,9% зиёд шуд. Дар ҷумҳурӣ афзоиши миқдори ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар ҳамаи минтақаҳо аз 1,3% дар НТҶТ то 38,1% дар ВМКБ-2, ба мушоҳида мерасад, гарчанде ки дар қаламрави ВМКБ ҳар сол теъдоди ками ҷиноятҳои умумӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои мухаддиротӣ ба қайд гирифта мешаванд. Дар вилояти Хатлон соли 2011 сатҳи баланди афзоиши ҷиноятҳо бо моддаи 200 КҶ ҶТ – бештар аз 38% ба қайд гирифта шуд, ҳамчунин афзоиши дукаратаи онҳо бо моддаи 289 КҶ ҶТ ба мушоҳида расид. Ҳамзамон бо ин нишондиҳандаи афзоиши ҷиноятҳо бо моддаи 201 КҶ ҶТ пасттарин ба шумор рафта, 3,6 %-ро ташкил дод. Соли 2011 дар муқоиса бо соли 2010 шумораи шахсони ҳабсшуда барои содир кардани ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир 8,6% афзуд. Зиёд шудани шумораи ҳабсшудагон дар вилояти Суғд 31,1%, ВМКБ 20% ва шаҳри Душанбе 5,3% ба мушоҳида расид. Ҳамзамон бо ин теъдоди шахсони барои ҷиноятҳои мухаддиротӣ ҳабсшуда дар вилояти Хатлон ва НТҶТ мутаносибан 21,7% ва 5% коҳиш ёфт. Ба мисли солҳои пештара соли 2011 низ шумораи асосии ҷиноятҳои мухаддиротиро шахсоне содир кардаанд, ки ҷои кори доимӣ надоранд (86,3% ва ё 795 нафар) [3,7-8].

Падидаи носолиме, ки дар ин давра ба вуҷуд омад ба истеъмол ва фуруши ғайриқонунии маводи мухаддир машғул шудани занон ва ноболиғон мебошад. Тадқиқоти сотисологӣ нишон медиҳад, ки иллати асосии ин падида оғози ноороміҳо, вазъи бади иҷтимоию иқтисодии мардум буд, ки махусан занон ва ноболиғон осебпазир буданд. Бояд гуфт, ки сарҳадоти муштараки мо бо Афғонистон ва наздикӣ бо Покистон низ дар кори ба ин вабои асри ҶҶ моил шудани занон мебошад.

Қабули Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 вобаста ба фаъол гардидани ҷиноятҳои трансмиллӣ, аз ҷумла муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо (минбаъдмаводи мухаддир) алоқаманд мебошад. Тамоили болоравии сатҳи муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва истифодаи ғайритиббии онҳо зиёд шудани теъдоди гирифторони вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумлаи

истеъмолкунандагони маводи мухаддир ба солимии аҳолӣ, амният ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад.

Дар Тоҷикистон вазъият дар самти мубориза бо маводи нашъаовар бисёр ташвишовар аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки динамикаи ҷиноятҳои содиркардаи шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста ба маводи нашъаовар ҳам дар дохил ва ҳам дар берун афзоиш меёбад.

Масъалаи дигар вазъияти нашъамандӣ дар худи Тоҷикистон аст, ки бештар ҷавонон ба он майл мекунанд. Бешубҳа яке аз сабабҳои асосӣ бекорӣ дар байни ҷавонон аст. Дигар масъала дар ҳамсоягии бо кишвари тавлидкунандаи маводи нашъадор қарор доштани Тоҷикистон мебошад.

Нашъамандӣ танҳо мушкилии як кишвар нест. Ин масъала имрӯз ба проблемаи умумиҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Дар ибтидои қарни 20-ум инсоният фаҳмид, ки маводи мухаддир силоҳи бузургтарин ва фалокатовари қатлии ом аст. Хатари маводи мухаддирро аз силоҳи атомӣ болотар мешуморам. Агар аз таркишҳо ва фалокатияроқи атомӣ 230 ҳазор фавтида бошанд, аз вабои маводи мухаддир бошад, ҳар рӯз то даҳҳо ҳазор одамон дар сайёра нобуд мешаванд.

Сарҳади давлатии Тоҷикистон бо ҶИА беш аз 1344 км – ро ташкил мекунад. Ин натанҳо сарҳади Тоҷикистон мебошад. Барои ҳамин мубориза ва пешгирии воридшавии маводи нашъаовар пеш аз ҳама дар сарҳад бояд ба роҳ монда шавад. Дар ин роҳ кӯмаки дигар кишварҳо зарур мебошад. Тоҷикистон аъзои Созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, чандин Созишнома ва Протоколи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба имзо расонидааст. Дар доираи ин ҳуҷҷатҳо бояд ҳамкориҳо бештар ва беҳтар карда шаванд.

Масъалаи дигари ниҳоят ҷиддӣ ин пешгирии нашъамандӣ мебошад. Нашъамандин бемор аст, узвиҷомеа мебошад, аз дигар сайёра наомадаст, аз осмон наафтодааст, дар байни мо зиндагӣ дорад. Вайро бояд табобат кунем, ӯ ниёз ба кӯмак дорад. Имрӯз ҷомеа ба сухани баланду таъсирбахш ниёз дорад. Дар корҳои таблиғотӣ имкониятҳои олимон, шоирон, мутахассисони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, равоншиносон, инчунин рӯҳониён, зиёиён, варзишгарони маъруф, модарон ва дигаронро, ки дар ҷомеа соҳиби иззату эҳтиром ва обрӯю эътибор мебошанд, самаранок истифода бурдан аз манфиат холӣ нест.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бо гардиши ғайри қонунии маводи нашъадорро яке аз аввлавиятсиёсати амниятии худ медонад ва пайваста бо ин вабои аср мубориза менамояд. Бо ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ҳамкорӣ дорад. Ба хусус бо Афғонистон, ки кишвари муҳимтарини тавлидкунандаи маводи нашъаовар аст.

Нашъамандӣ ва ҳуқуқвaронкуниҳое, ки ба муомилот ва паҳн намудани воситаҳои нашъадор алоқаманди дорад, яке аз масъалҳои мубраме мебошнд, ки ҷамъияти имрӯзаи мо ба онҳо бархӯрд дорад. Мутаасифона ба ин ҳодисаҳои номатлуб ҳамватанони мо беш аз пеш майл мекуннд. Ба хусус ин масъала аз он ҷиҳат ташвишовар аст, ки дар байни нашъамандон аксариятро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ин вазъият албатта аз ҳам зиёд роҳбарияти давлати моро ва кулли табақаи пешқадами ҷамъиятро ба ташвиш овардааст.

Ба чораҳои андешидашуда нигоҳ накарда, мутаасифона шумораи одамони истифодабарандаи нашъа ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои ба он алоқаманд дар Тоҷикистон рӯз аз рӯз афзуда истодааст. Ин ҳолат ба якчанд сабабҳо вобастагӣ дорад. Яке аз сабабҳои афзудани чунин ҳодисаҳои номатлуб ба андешаи мо ин аст, ки табақаи васеъи аҳолии ҷумҳурии мо шаҳрвандони мо дар бораи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзимдарории масъалаҳое, ки кадом амалҳои зиддиҳуқуқӣ бо нашъа ҷиноят ҳисобида мешаванд ва барои ҳуқуқвайронкуниҳои ба муомилоти ғайриқонунӣ ва паҳн кардани маводи мухаддир алоқамандбуда, барои моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор, парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда, инчунин барои ташкил ё нигаҳдошти фасодхона барои истеъмоли онҳо чи гуна ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст то ҳанӯз тассавуроти мукамал надоранд.

Аз ин лиҳоз ҷамъияти мо ба чунин як маҷмӯаи махсусе, ки дар он санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии ба масъалаҳои мубориза ба муқобили нашъамандӣ, муомилоти ғайриқонунӣ ва паҳн кардани маводи мухаддир дахлдор бошад аз ҳад зиёд ниёз дорад.

Ба ғайр аз ин дар маҷмӯа бо мақсади баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии аҳолии ҷумҳуриямон ва асосан ҷавонон маводи меъёрии ба хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии ноболиғон ҷой дода шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳибистиқлол ба як қатор Конвенсияҳои байлхалқӣ доир ба масъалаҳои нашъамандӣ ҳамроҳ шудааст, ки дар ин бора қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд.

Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи ягонаи соли 1961 оид ба маводи нашъаовар бо ислоҳҳои мутобиқи Протоколи соли 1972 ба он воридгардида, 14 декабри соли 1996 таҳти рақами 376, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи соли 1971 дар бораи маводи мадхушкунанда аз 14 декабри соли 1996 таҳти рақами 375, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия дар мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва психотропӣ, ки 20 декабри соли 1988 дар Вена қабул шудааст, аз 4 ноябри соли 1995 таҳти рақами 186 ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар мубориза бо ин вабои аср пешниҳод шудаанд.

Ҳамин тавр мубориза бо "вабои аср" ё чуноне мегӯянд "марги сафед" кори ҷиддӣ ва ҳамагониро талаб мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти зиди он пайвасти роҳу равиши муборизаро такмил медиҳанд.

Чуноне Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора намудааст "Имрӯз дар кишвари мо дар бобати мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ки яке аз проблемаҳои муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, тамоми заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фароҳам оварда шудаанд"[4,60]. Фақат бояд кӯшиш шавад, ки қонуну фармонҳо, қарору дастурҳо бекаму кост иҷро шаванд.

Дар ин замина масъалаи мавҷудияти фасоди идорӣ, ба хусус дар вазоратҳое, ки бояд бо маводи мухаддир мубориза кунанд, корро мушкил мегардонад. Мубориза бо фасод ва бо маводи мухаддир бояд ҳамзамон вусъат пайдо кунад. Зеро бо вуҷуди ин қадар талошҳо пеши роҳи ин балоро гирифтан қариб, ки ғайриимкон аст. Гарчанде як тамоюли заифи рӯ ба таназзул овардани ин раванд ба мушоҳида расидааст, аммо то он соате, ки як нафар нашъаманд боқӣ мемонад, хавфи авҷ ёфтани ин беморӣ аз байн намеравад. Аз ин рӯ, ҳеҷ шахси солимақл ҳаққи онро надорад, ки худро бетараф гирад.

Дар охир, бо дар назардошти таҳлили вазъи нашъаовар дар Тоҷикистон пешниҳод мешавад:

1. Ташкили кори васеъ оид ба фаҳмонидани табақаи васеи аҳолии ҷумҳурии мо дар бораи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба батанзимдарории масъалаҳои ҳуқуқии вобаста ба маводи нашъаовар. Яъне:

- кадом амалҳои зиддиҳуқуқӣ бо нашъа ҷиноят ҳисобида мешаванд;

- барои ҳуқуқвайронкуниҳои ба муомилоти ғайриқонунӣ ва паҳн кардани маводи мухаддир алоқамандбуда, барои моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор, парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда, инчунин барои ташкил ё нигаҳдошти фасодхона барои истеъмоли онҳо чи гуна ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст.

2. Нашри китоби махсус доир ба тамоми масъалаҳо, махсусан паёмадҳои нашъамандӣ ва даст задан ба фуруш ва нигаҳдории маводи нашъадор, ки барои миқдори зиёди аҳолӣ дастрас бошад.

3. Таблиғи воқеият ва аз бетарафӣ дар мубориза бо маводи нашъадор худдорӣ кардани ҳамаи қишрҳои аҳолӣ. Зеро маводи нашъадор падидаи ҷаҳонӣ аст ва мубориза бо он ҳам сайъю кӯшиши ҳамагониро талаб мекунад.

4. Аз ҷониби давлат кӯшиш зиёдтар ба харҷ додан дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддид, ба хусус алоқаманд намудани мубориза бо коррупсия ва маводи мухаддир. Зеро дар сурати мавҷуд будани коррупсия, ба хусус дар мақомоти қудратӣ мубориза бо маводи мухаддир бисёр мушкил хоҳад шуд.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**

1. Шарҳи вобаста ба маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011. .
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи Нашъадор, қонун,ноболиғон. Душанбе, 2002. С.58-63.
3. Шарҳи вобаста ба маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011..
4. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.Ҷилди 3.-Душанбе: Ирфон, 2002.

## ОИД БА МАФҲУМИ ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ АУДИТОРӢ

Маҳмадхонов Т. — номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Рустамзода Ф.Р. — номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Мақола ба масъалаи мафҳуми шартномаи хизматрасонии аудиторӣ бахшида шудааст. Фаъолияти аудиторӣ фаъолияти соҳибкорӣ буда, натиҷаи иқтисоди бозорӣ ва пайдоиши моликияти хусусӣ мебошад. Аудит санҷише аст, ки дар асоси шартнома бо дархости фармоишгар аз тарафи аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ мутобиқи стандартҳои аудит, бо мақсади изҳор намудани ақидаи мустақил оид ба саҳеҳӣ ва мутобиқати гузаронида мешавад.

**Калидвожаҳо:** аудит, фаъолияти аудиторӣ, шартномаи хизматрасонии аудиторӣ, аудитори инфиродӣ, ташкилоти аудиторӣ, бастани шартномаи хизматрасонии аудиторӣ, тарафҳои шартномаи хизматрасонии аудиторӣ, объекти шартномаи хизматрасонии аудиторӣ, шакли шартномаи хизматрасонии аудиторӣ, муҳлати шартномаи хизматрасонии аудиторӣ.

Фаъолияти аудиторӣ фаъолияти соҳибкорӣ буда, дар баробари гузариш ба иқисоди бозорӣ пайдо гардид. Калимаи аудит аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънояш ба забони тоҷикӣ «вай гӯш мекунад» ё «шунаванда» мебошад[5].

Дар асрҳои миёна аудитор гуфта хизматчиеро мегуфтанд, ки ҳисоботи мансабдоронро, ки ба таври шифоҳӣ пешниҳод карда мешуд, гӯш мекард. Дар Россияи подшоҳӣ рутбаи аудитор аз тарафи Пётри 1 муқаррар шуда буд, ки ҳамчун муфаттиши ҳарбӣ баҳсҳои молумулкиро дар артиш дида мебаромад.

Аудит ҳамчун институти мустақили тафтишотии молиявӣ соли 1844 дар Англия, соли 1867 дар Франсия ва соли 1937 дар ИМА пайдо шуда буд. Дар замони шуравӣ чунин мақоми мустақили тафтишкунандаи молиявӣ вуҷуд надошт, зеро давлат ҳамаи ваколатҳои тафтишотиро дар дасти худ мутта ҳид намуда буд. Аз ин рӯ, аудит ва фаъолияти аудиторӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ дар давраи иқтисоди бозорӣ зарур шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси танзими ҳуқуқии аудит ва фаъолияти аудиториро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013 ташкил медиҳад. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни мазкур аудит санҷише аст, ки дар асоси шартнома бо дархости фармоишгар аз тарафи аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ мутобиқи стандартҳои аудит, бо мақсади изҳор намудани ақидаи мустақил оид ба саҳеҳӣ ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ва дигар иттилооти марбут ба ҳисоботи молиявӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ё стандартҳои миллии ҳисобдорӣ гузаронида мешавад.

Фаъолияти аудиторӣ бошад, фаъолияти соҳибкориест, ки оид ба гузаронидани аудит ва дигар хизматрасонии марбут ба он аз тарафи аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ

амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла, амали Қонуни мазкур нисбат ба ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, филиалу намояндагии онҳо, аз он ҷумла филиалҳо ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, низ татбиқ мегардад.

Фаромӯш набояд кард, ки ба доираи фаъолияти аудиторӣ ва аудит санҷиши баҳисобгирии муҳосибии муассисаҳои буҷетӣ дохил намешаванд.

Чи тавре ки аз мазмуни моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013 дида мешавад, мақсади асосии аудит пеш аз ҳама муайян кардани дурустии ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидор аст. Дурустии ҳисобот маънои ҳақиқатан воқеӣ будани он, мувофиқати он ба ҳуҷҷатҳои ибтидоии муҳосибиро дорад. Мақсади дигари санҷиши аудиторӣ муайян кардани дурустии баҳисобгирии муҳосибӣ аст, зеро бояд он дар асоси талаботи қонун амалӣ гардад.

Санҷиши аудиторӣ ба таври мустақилона, воқеӣ ва барои гирифтани фоида аз хизматрасонии аудиторӣ равона карда мешавад.

Ба мисли дигар фаъолиятҳои ҳуқуқӣ фаъолияти аудиторӣ низ принсипҳои худро дорад. фаъолияти аудиторӣ дар асоси принсипҳои поёнӣ амалӣ мегардад:

- мустақилият;
- беғаразӣ;
- салоҳияти касбӣ;
- махфият;
- поквиҷдонӣ;
- воқеият;
- риояи стандартҳои аудит ( моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013).

Маълум аст, ки фаъолияти аудиторӣ як соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад ва он дар асоси шартномаи хизматрасонии аудиторӣ ба вуҷуд меояд. Бояд тазаккур дод, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шартномаи хизматрасонии аудиторӣ маълумоти алоҳида дода нашудааст. Фақат дар моддаи 860 Кодекси зикргардида мавзуи шартнома зикр гардидааст, ки хизматрасонии аудиториро дар бар мегирад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013 оид ба шартнома дар бораи гузаронидани аудит танҳо як модда, яъне моддаи 22 ҷудо гардидааст.

Аз ин рӯ, ҳангоми танзими шартномаи хизматрасонии аудиторӣ ба муқаррароти қисми аввали Кодекси мадании Ҷумҳурии меъёрҳои дигари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такя намудан лозим аст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ба шартномаи хизматрасонии аудиторӣ мо чунин таъриф дода метавонем: Тибқи шартномаи хизматрасонии аудиторӣ як тараф -иҷрокунанда вазифадор аст, ки бо супориши тарафи дигар- фармоишгар хизмати аудиторӣ расонад ва фармоишгар уҳдадор аст, ки арзиши хизматрасонии аудиториро пардозад.

Тарафҳои шартномаи хизматрасонии аудиторӣ иҷрокунанда ва фармоишгар номида мешаванд. Иҷрокунандаи хизматрасонии аудиторӣ мумкин аст соҳибкории инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ бошад.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013 шахси воқеие, ки ба талаботи тахассусии муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ҷавобгӯ буда, дорои шаҳодатномаи тахассусии аудиторӣ мебошад, аудитор шуда метавонад. Барои пеш бурдани фаъолияти аудиторӣ гирифтани иҷозатнома низ зарур мебошад (моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004)[3].

Моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013[2] муқаррар менамояд, ки ташкилоти аудиторӣ мумкин аст, дар шакли ширкату

ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, ба истиснои ҷамъиятҳои саҳомӣ, таъсис дода шавад. Шумораи аудиторони ташкилоти аудиторӣ бояд на камтар аз се нафар бошад.

Ташкилот ё фирмаи аудиторӣ дар асоси қоидаҳои умумӣ ба қайд гирифта мешаванд. Роҳбари фирмаи аудиторӣ танҳо аудитор буда метавонад. Вай бояд мутахассиси соҳаи баҳисобгирӣ бошад. Ташкилотҳои аудиторӣ дар фаъолияти худ мустақиланд. Дахолати мақоми ваколатдори давлатӣ, субъектҳои санҷидашаванда ва шахсони сеюм ба фаъолияти ташкилотҳои аудиторӣ роҳ дода намешавад. Таъсиррасонӣ ба фаъолияти аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ, инчунин ба кормандони онҳо бо мақсади монеъ шудан ба гузаронидани санҷиши мустақилонаи аудиторӣ, дар кадом шакле, ки набошад, роҳ дода намешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикисон фаъолияти аудиториро аудиторҳои хориҷӣ ё фирмаҳое, ки иҷозати комиссияи тахассусиро барои амалиёти аудиторӣ гирифтаанд, низ анҷом дода метавонанд.

Объекти шартномаи хизматрасонии аудиторӣ фаъолияти гуногунро дар бар мегирад, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: [1]

- таҳлил кардани ҳисоботи молиявӣ;
- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти молиявӣ;
-ташкил, барқарор ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, маслиҳати муҳосибӣ;
- пешниҳоди хизматрасонии аудити дохилӣ;
- маслиҳатҳо марбут ба андоз, ташкил, барқарор ва пешбурди баҳисобгирии андозӣ, тартиб додани ҳисоббаробаркуниҳои андозӣ ва эъломияҳо;
- тартиб додани ҳисоботи омории ташкилотҳо;
- таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, банақшагирии сармоягузорӣ ва молиявӣ ва г.

Ҳуқуқу уҳдадориҳои фирмаҳои аудиторӣ, аудиторони инфиродӣ ва фармоишгарон дар моддаҳои 10 ва 12 Қонуни дар боло ёдрасшуда муқаррар карда шудаанд.

Иҷрокунандагон (ташкилоти аудиторӣ ё аудитори инфиродӣ) ҳуқуқ доранд:

- ҷиҳати баровардани қарор оид ба гузаронидани аудит бо ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъекти санҷидашаванда пешакӣ шинос шаванд;
- шакл ва усулҳои гузаронидани аудитро дар асоси стандарт инчунин, шумора ва ҳайати шахсии гуруҳи аудиторонеро, ки санҷиш мегузаронанд, мустақилона муайян намоянд;
- ҳуҷҷатҳои молиявию хоҷагидории зарурӣ ва дигар иттилоот оид ба фаъолияти субъекти санҷидашаванда, аз ҷумла ҳисобот ва ҳуҷҷатҳои аудиторони дохилӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва назоратиро дар ҳаҷми пурра талаб карда, санҷида бароянд;
- аз шахсони масъули субъекти санҷидашаванда аз рӯи масъалаҳои дар рафти санҷиши аудиторӣ ба миёномада тавзеҳот ва маълумоти иловагии барои гузаронидани аудит заруриро дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ талаб намоянд;
- дар мувофиқа бо субъекти санҷидашаванда тасдиқи маълумоти дахлдорро оид ба фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории субъекти санҷидашаванда, ки барои гузаронидани аудит зарур мебошанд, аз шахсони сеюм гиранд;
- дар мувофиқа бо субъекти санҷидашаванда мутахассисони гуногунсоҳаро дар асоси шартнома барои иштирок дар гузаронидани аудит ҷалб намоянд;
- дар ҳолати аз тарафи субъекти санҷидашаванда риоя накардани талаботи шартномаи гузаронидани аудит аз гузаронидани санҷиш ва додани хулосаи аудиторӣ даст кашанд;

Иҷрокунандагон уҳдадоранд:

- қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти аудиторӣ, одоби касбии аудиторон ва стандартҳои аудитро риоя намоянд;
- ба назорати берунаи сифати аудит ва санҷишҳои аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ гузарондашаванда монеъ нашаванд;

- ба субъекти санҷидашаванда оид ба камбудиҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва дигар иттилооти бо ҳисоботи молиявӣ алоқамандро пешниҳод намоянд;

- мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба фаъолияти аудиторӣ ҳисобот пешниҳод намоянд;

- махфияти маълумоти ба даст овардашударо таъмин намоянд.

Фармоишгар ё шахси санҷишшаванда ҳуқуқ дорад, аудиторро озодона интихоб намояд, тибқи шартномаи басташуда бо натиҷаҳои тафтиш шинос шавад, оид ба рафъи камбудиҳо маслиҳатҳо гирад, барои ҳалли баҳсҳои оиди натиҷаи тафтиш ба суди иқтисодӣ арз намояд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ ба фаъолияти аудиторӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Фирмаҳои аудиторӣ дар ин мамлакатҳо, асосан, ба хизматҳои маслиҳатдиҳӣ машғул мебошанд. Аз ин рӯ, бозори хизматҳои консалтингӣ дар ин мамлакатҳо сол аз сол вусъат меёбад.

Нархи шартнома яке аз унсурҳои хеле муҳими он мебошад. Он дар асоси ризоияти тарафҳо муайян карда мешавад ва ба ҳаҷми кор вобаста аст.

Муҳлати шартнома унсури дигари созишномаи хизматрасонии аудиторӣ аст. Дар шартнома муҳлати санҷиш муайян мегардад. Дар баъзе мавридҳо муҳлати дар шартнома нишон додашуда, ба муҳлати иҷрои воқеӣ мумкин рост наояд. Ҳамаи ин ҷиҳатҳо бояд ҳангоми бастани шарнома ба ин обат гирифта шаванд. Шартнома дар шакли хаттӣ анҷом дода мешавад.

Бояд гуфт, ки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон боби 43-ро «Хизматрасонии музлнок» номгузорӣ намудааст[1], аммо аз мазмуни меъёри 860 бармеояд, ки сухан дар бораи шартномаҳои гуногун меравад, аз ин рӯ бояд боби мазкур “шарномаҳои хизматрасонӣ” номида шавад.

Ҳамчунин, пешниҳод менамоем, номи шартнома дар бораи гузаронидани аудит, ки дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли соли 2013 оварда шудааст, ба ибораи рехтаи “шартномаи хизматрасонии аудиторӣ” иваз карда шавад.

## Сарчашмаҳои истифодашуда

1.Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022// Сайти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. http:// www. mmk. Tj.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22 июли с. 2013// Сайти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. http:// www. mmk. tj/.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004[1] // АМО Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. № 5. М.348.

4. Ҳуқуқи граждани. Қисми II. Китоби дарсӣ / Дар зеритаҳрири М.А. Маҳмудов. Душанбе: «Эр-граф», 2007. 508 с.

5.Пугинский Б.И. Коммерческое право России. М.: «Изд. Зерцало», 2008. 350 с.

6. Маҳмадхонов Т. Лексияҳо аз ҳуқуқи тиҷорат. Маводи таълимӣ. Душанбе: «Озар», 2011. 474 с.

# ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН ВА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ОН.

| | |
|---|---|
| Алиев Фарух Шарифович | номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионӣ |
| Хакимов Шахбоз Шодибоевич | ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон 988-78-17-78, e-mail: shahbozhakimov97@mail.ru |
| Бобохониён Довуд Маҳмадраҷаб | ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон 907-00-46-74: e-mail: d.bobohoniyon@mail.ru |

**Фишурда:** Дар мақола мафҳум ва моҳияти фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва роҳҳои баланд бардоштани он баррасӣ гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, қонун, давлат, фарҳанги ҳуқуқӣ, давлати ҳуқуқбунёд, маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ.

Эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” аз ҷониби муҳтарам Пешвои миллат иқдоми беназир дар самти рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолии кишвар мебошад. Талаботи асоси барои ташаккули давлати ҳуқуқбунёд низ ин сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мебошад.

Донистани падидаҳои муҳими ҳуқуқӣ ва давлатӣ барои худогоҳӣ ва дар навбати дигар ташаккули давлат ва ҳуқуқ ва умуман рушди босуботи фарҳанги ҳуқуқӣ, ки аз он ҳосил мегардад аз ҷониби ҷавонон бе ниҳояд зарур мебошад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ дар давлатҳои ҳуқуқбунёд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин гурӯҳи давлатҳо шомил мебошад - сатҳи дониши, ҳуқуқ, дарки қонунҳо қобилияти истифодабарӣ ва татбиқи онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт мебошад. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон як намуди фарҳанги ҳуқуқии инсон мебошад. Хусусиятҳои хоси фарҳанги ҳуқуқии инсон пеш аз ҳамма: сатҳи дониши ҳуқуқии онҳо, донистани қонунҳои амалкунандаи кишвар, риоя, иҷро ва истифодаи ин қонунҳо мебошад. Чи тавре, ки баъзе муҳақиқон қайд менамоянд «Дар ҷомеаи шаҳрвандии рушдёбанда ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аҳамияти хоса доранд ва ба фарҳанги умумии ҷомеа ворид карда мешаванд [3,с. 180].

Мутобиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон маҳсуб мешавад [4]. Дар ин замина, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолии кишвар дар маҷмуъ ва махсусан фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ҳамчун насли нав, самти муҳимми сиёсати давлатии Тоҷикистон мебошад. Мантиқист, ки ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аз сиёсати ҳуқуқии давлат бевосита вобастагӣ дорад [5, с. 59], агар сатҳи фаҳмиши ҳуқуқии аҳолии кишвар баланд бошад, сиёсати ҳуқуқӣ ба таври муассир ташаккул меёбад, зеро донистани қонунҳо ва иштироки фаъоли шаҳрвандонро дар чорабиниҳои ҳуқуқӣ, давлатро ба қабул намудани меъёрҳои ҳуқуқии зарурӣ ва такмил додани низоми қонунгузорӣ ҳавасманд мегардонад.

Воситаи муассири мубориза бо зуҳуроти номатлуб ин ташаккули фарҳанги баланд дар насли наврас, алахусус фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Принсипҳои баланди ахлоқӣ, завқи эстетикӣ, фарҳанги сиёсии ҷавон танҳо бо роҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд ва бо ин робитаи ногусастанӣ доранд.

Муҳаққиқи ватанӣ Ф. Тоҳиров дар мавзуи «Мақоми конститутсия дар тарбияи ҳуқуқии ҷавонон» қайд менамояд, ки «Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳиятан бузургтарин ҳуҷҷати миллӣ ва давлатии кишварамон буда, дорои аҳамияти сиёсиву ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ мебошад. Аз ин рӯ хубдонистани қонуни асосии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои наврасону ҷавонон, ки ояндаи пойдорию пешрафти миллату давлатанд, ҳам фарзу ҳам суннат аст. Бояд, ки наврасону ҷавонон усулҳову ғояҳои дар Конститутсия саптгардидаро хуб дарк карда, дар раванди ҳаёти ҳаррӯзаи худ онҳоро татбиқ карда тавонанд»[6, с. 29].

Чунин тарзи баррасии масъала аз ҷониби муҳаққиқи варзидаи ватанӣ Ф.Тоҳиров. аз он шаҳодат менамояд, ки муаллиф бевосита ба ҷавонон таъкид менамояд, ки ҷиҳати баландбардоштани фарҳанги ҳуқуқиашон Конститутсия ва қонунҳои ҷориро донанд ва аз онҳо истифода намуда тавонанд. Аз андешаронии муаллиф бармеояд, ки махсусан донистани ҳуқуқу озодиҳо, конститутсӣ ва қонунҳо амалкунанда, ҷиҳати рушди давлату миллат ва пойдор мондани онҳо барои ҷавонон ҳам фарз ва ҳам суннат аст. Ин нуқтаи назар бори дигар муҳим будани масъалаи фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро дар раванди ташаккули давлати ҳуқуқбунёд собит намуда, мавзӯи татқиқоти алоҳида будани онро, шаҳодат медиҳад.

Робитаи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд яке аз масъалаҳои муҳимтарин буда, ҳамзамон проблемаи асосии рушди давлати ҳуқуқбунёд гашта истодааст. Беҳтар кардани вазъи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва баланд бардоштани сатҳи он ба рушди самараноки давлати ҳуқуқбунёд ва такмили ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидати беандоза мерасонад.

Сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон аз самаранокии амалишавии принсипҳои умумии ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳанд. Волоияти қонун, давлати ҳуқуқбунёд ва рушди мутаасили ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси фарҳанги ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Дар ҳолати баракс, ғояи ҳуқуқуозодиҳои инсон ташаккул намеёбад, эҳтироми волоияти қонун коста мегардад ва принсипҳои умуми ҳуқуқӣ дар амал суст тадбиқ карда мешаванд.

Дар асоси моддаи якуми конститутутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мо дар давалати ҳуқуқбунёд зиндагони дорем. Барое, оне ки волоияти қонун, адолат, инсондӯстӣ, иҷрои бошууронаи вазифаҳои конститутсионии ҳар шахс дар назди давлат ва эҳтироми ҳуқуқу озодииҳои асосии инсон ва шаҳрванд риоя гардад, сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳоли махсусан ҷавонон бояд баланд бардошта шавад.

Алоқамандии фарҳанги ҳуқуқӣ ва давлати ҳуқуқбунёдро муҳаққиқи ватанӣ Насурдинзода С. Э., ботариқи васеъ таҳлил намуда, қайд менамояд, ки байни фарҳанги ҳуқуқӣ ва давлати ҳуқуқбунёд алоқаи мустақобила ҷой дарад. Аз як тараф давлати ҳуқуқбунёд барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ шароит муҳаё менаояд аз тарафи дигар давлати ҳуқуқбунёд сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқиро талаб менамояд [7, с. 186].

Сангинов К. низ муҳимияти фарҳанги ҳуқуқӣ аз ҷумла фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро барои ташкили тавлати ҳуқуқбунёд баён намуда, қайд менамояд, ки “Аломати асосии тамоми давлатҳои ҳуқуқбунёд аз он иборат аст, ки дар он чун шарти ҳатмӣ сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, алахусус ҷавонон, инчунин фарҳанги касбӣ дар касбҳои гуногун ташаккул ёфта мебошад” [8].
Муаллиф бевосита яке аз аломатҳои асосии тамоми давлатҳои ҳуқуқбунёдро, дар сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва махсусан фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мебинад.

Барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ муҳокимаронии Афлотун дар бораи омӯзонидани одамон барои риояи қонунҳо аз хурдсолӣ, бисёр аҳамамияти калон дорад, ба андешаи ӯ ба шарофати чунин тарбия онҳо «одат» мекунанд ба қонуният. Ҳамчунин Афлотун эътимод дошт, ки риояи қонун вобастааст ба низоми муназами таълим ва тарбия. Ӯ қайд менамояд, ки “Дар дилхоҳ шакли давлат мардуми соҳибмаълумоту бо тарбия муҳимтарин қонунҳоро поймол намекунанд”[9, с. 189].

Муҳаққиқи дигари Юнони қадим Аристотел дар бораи аҳамияти тарбия дар амали намудани адолати судӣ чунин менависад “ Ҳар як шахси мансабдор, ки дар рӯҳияи қонун тарбия ёфтааст, адолати судиро дурӯст амали менамояд”[10, с. 482-483].

Олимон, ки бо мушкилоти давлати ҳуқуқбунёд комилан сарукор доранд, қайд мекунанд, ки давлати ҳуқуқбунёд дар андозаи типологӣ як намуди мустақили давлат аст, ки дар асоси воқеияти нав дар марҳилаи муайяни рушди ҷомеа ба вуҷуд омадааст [11, с. 237].

Аз нуқтаи назари Б.А. Кистяковский давлати ҳуқуқбунёд ҳамчун "давлати муттасили рушдкардаи конститутсионӣ" шарҳ дода мешавад, ки дар эҳтиром кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, асос ёфта, дар он инсон на танҳо объект, балки инчунин субъекти ҳокимият мебошад [12, с. 420].

Ба раванди ташаккули ҷомеаи муосири Тоҷикон бояд ҷаҳонбинии васеъи ҳуқуқии ҷавонон ҳамроҳ бошад.

Ба ақидаи мо, фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон бояд ҷанбаҳои асосии ҳуқуқро инъикос намояд ва шаклҳои вазъи ояндаи фарҳанги ҳуқуқро дар муҳити ҷавононӣ баяд ташаккул дод. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон чун маҳаки рушди давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Рушди Фарҳанги ҳуқуқӣ ҷавонон ба рушди ниҳодҳои ҳуқуқии демократии тамаддуни муосир хидмат мекунад.

Дар айни замон, сиёсат қисми ҷудонопазири ҳаёт аст. На танҳо ба манфиатҳои калонсолон, одамони баркамол, балки ба ҷавонон низ таъсир мерасонад. Ба андешаи мо, аксар шаҳрвандони ҷавони кишвар нисбат ба одамони миёнасолу калон сол ба сиёсат ва масъалаҳои марбут ба ҳаёти сиёсӣ камтар таваҷҷӯҳ доранд. Дар ҳоле, ки зарур аст, ки ҷавонон сиёсати замони муосирро, ки бениҳоят дар ҳоли мураккаб ва бо суръату пуртобупеҷ аст сарфаҳм раванд.

Дар замони муосир дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар шароити давлати ҳуқуқбунёд, масъалаи мубрам ин баландбардоштани дарачаи умумии шуури ҳуқуқӣ ҷавонон, аз байн бурдани нигилизми ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон, омӯзиши проблемаҳои пасткунандаи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, ҳамчунин механизми баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии онҳо муҳим арзёби мешавад.

Имрӯз фароҳам овардани шароит барои ба таври пурра шомил кардани ҷавонон ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа калиди инкишофи бомуваффақияти сиёсати ҷавонони Тоҷикистон мебошад. Н. А. Бердяев навиштааст, инсоният ба фарҳанг маҳкум аст [13, с. 713].

Ҳаминтариқ дар натиҷаи тахлили мавзӯи мазкур ба хулосае омадем, ки бо мақсади баландабардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва ташаккул ёфтани давлати ҳуқуқбунёд дар ҶТ зарур аст, ки:

- Омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқӣ дар макотиби миёна ҷиддӣ ба роҳмонда шуда, соатҳои онҳо зиёт карда шаванд;
- Дар мактабҳои миёна ва олӣ пайваста маҳфилҳои ҳуқуқӣ гузаронида шавад;
- Дар ҷумҳури озмунҳои беҳтарин конститутсиядон, ҳуқуқшиноси ҷавон ва ба монанди инҳо тавасути телевизён ташкил карда шавад. Мутаасифона аз фанҳои таълимии дигар гузаронида мешавад ба ҳуқуқ, ки тамоми рафтири инсонро дар замони муосир танзим менамояд ниҳоят кам эътибор дода мешавад;
- Бо мақсади самарабахш гардидани таълими ҳуқуқӣ ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар мактабҳои олӣ омӯзиши фанни таълимии ҳуқуқи инсон новобаст аз ихтисос муҳим ва зарур мебошад;
- Ҳамчунин бахши хусусӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ ва мусоидати онҳо ба раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон низ самара бахш буда, ташкили чунин ташкилотҳо барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд.

**Адабиёт**


1. Холиқов А. Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон қисми1. Душанбе, 2002. - С.71.
2. В. В. Кузнецов История Вавилона- Л, 1956.– С-36.

3. Снашков С.А. Правовая культура как фактор информационной безопасности // Вестник Челябинского государственного университета. – 2013. -№22 (313). – С.180.
4. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028.
5. Редков С.К. Реформы 19 века и их влияние на правовую культуру российского общества // Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова. – 2012. - №4. – С.59.
6. Ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон. Маводҳои конфронси умумиҷумҳуриявӣ илмию амалӣ. Душанбе, 2005. - С.29.
7. Насурдинов Э.С. Формирование правовой культуры в Республике Таджикистан в условиях углубления культурно-цивилизационных различий: проблемы теории и практики. Диссертация на соискание ученой степени доктора юридических наук. Специальность: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – С. 186.
8. Формирование прававой культуры молодежи: Сущность и проблемы https://cyberleninka.ru/
9. Аристотель. Сочинения: в 4 т. Т. 4. М.: Мысль, 1983. - С. 482-483.
10. Раянов Ф.М. Гражданское общество и правовое государство: проблемы понимания и соотношения: моногр. М.: Юрлитинформ, 2015. - С. 237.
11. Кистяковский Б.А. Государственное право (общее и русское): лекции // Философия и социология права. СПб., 1999.- С. 420.
12. Бердяев Н. Философия неравенства. Письмо XIII. О культуре // Судьба России. Сочинения. М.: ЭКСМО-Пресс; Харьков: Фолио, 1998. - С. 713.

## СУЩНОСТЬ СОЦИАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА

Солеҳов М.А. — кандидат юридических наук, доцента кафедры комерческого и антикоррупционного права Таджикского государственног университета комерции

Исследование истории, теории и практики социального государства в первую очередь требует четкого определения того, что мы называем социальным государством. Такое определение позволит обозначить признаки социального государства с учетом национальных особенностей каждого государства и даст возможность разработать конкретные меры по скорейшему становлению и успешной реализации признаков социального государства в условиях Таджикистана.

Проанализировав наиболее распространенные в литературе определения социального государства, мы пришли к выводу, что кажущееся на первый взгляд единообразие в этих определениях является относительным. Понятие "социальное государство" употребляется в различных значениях. Так, термин "социальное государство" рассматривается как общая характеристика современного государства [1], как одна из характеристик конституционно-правового статуса государства [2], как одна из функций государства, как определенная политика [3], как конечная цель государства [4], как одна из главных задач государства [5], как совокупность определенных мероприятий государства (причем как в узком смысле, охватывая совокупность определенных мероприятий со стороны государства в социальной сфере, направленных на перераспределение национального дохода, так и в широком понимании, включающем всю регулирующую деятельность государства в экономической и социальной сферах, в том числе регулирование отношений между трудом и капиталом) [6], как один из дополнительных элементов основ конституционного строя[7], как следующая новая стадия развития правового государства[8] и др.

Причин такого различного понимания социального государства несколько, и, на наш взгляд, основными из них являются:

1) семантическая неоднозначность его составляющих - понятия не только "социальное", но и термина "государство"[9]. Здесь мы не будем выяснять вопрос о сущности государства, так как это требует отдельного большого исследования, и остановимся на понятии "социальное", по поводу которого также отсутствует единое мнение.

В частности выделяют три варианта толкования "социальное", а в связи с этим три аспекта сущности социального государства:

- "социальное" равнозначно общественному или связанному с обществом (например, социальные отношения). Термин "социальное государство" в данном толковании означает, что государство несет ответственность за существование общества;

- "социальное" указывает на общественный статус человека, его значимость в обществе, взаимосвязь с государством (например, социальное положение, социальное происхождение). "Социальное государство" в этом смысле указывает на наличие определенных прав и обязанностей человека по отношению к обществу и государству;

- "социальное" понимается как связанность и взаимозависимость человека, общества, государства, преследующими социальные цели. "Социальное государство" в данном случае подразумевает особую организацию общества, помогающую нуждающимся, стремящуюся повлиять на распределение экономических благ в духе принципов справедливости, чтобы обеспечить каждому достойное существование. [10] Третий аспект сущности социального государства, как видим, охватывает два первых и в результате дает более полное представление о нем;

1) содержание социального государства исторически изменчиво;

2) разная степень научно-теоретической разработанности понятия "социальное государство", различный уровень его практической реализации, и, как следствие, различные задачи, проблемы, стоящие перед социальными государствами, в частности Западной Европы и СНГ.

Концепция социального государства, как известно, появилась и была разработана в Западной Европе уже в середине XIX века. Именно там впервые появились различные ориентации и модели построения социального государства, идеи об его откорректировании, а впоследствии, после обеспечения каждому минимальных социальных стандартов и вовсе противники идеи социального государства, вследствие появления в обществе иждивенчества и других кризисных явлений. В странах же СНГ первые фундаментальные научные работы по исследованию проблем социального государства появились в основном с приобретением независимости названных государств. До этого времени на правовом уровне термин "социальное государство" не упоминался вовсе. Практическая же реализация признаков современного социального государства, хотя бы таких, как предоставление каждому прожиточного минимума, гражданам СНГ, в частности Таджикистана "не грозит" еще несколько лет, а может и несколько десятилетий.

Поэтому, естественно, что понимание социального государства в странах Запада и в государствах Содружества находится на различных уровнях, что обусловлено также, на наш взгляд, такими факторами, как правовым, нравственным, экономическим состоянием общества и государства.

Исходя из вышеизложенного, выявляется следующая причина различного толкования социального государства:

3) различный уровень политики, права, правосознания, правовой культуры, экономики и других обстоятельств.

Среда, в которой реализуется концепция социального государства, тоже оказывает свое воздействие на формирование и определение этого государства. Так, по словам В.С.Нерсесянца, у каждой страны свой путь к правовому государству, cboj? конструкция и свои формы правовой организации государства. Это обусловленс множеством факторов, в том числе характером социально-исторического развитш каждой страны, национальными и духовными традициями, опытом государственной жизни, достигнутым уровнем политической и правовой культуры, геополитическими обстоятельствами и т.д. [11] По

нашему мнению, сказанное ученым вполне применимо и в отношении построения социального государства. Следовательно, для каждого конкретного государства приемлемо собственное определение социального государства, характерны свои признаки социальности, присущи соответствующие задачи по реализации идеи социального государства с учетом вышеназванных обстоятельств и, безусловно, экономического состояния. Более того, данное определение будет дополняться, совершенствоваться с учетом изменяющих условий в отдельном государстве. Такое определение необходимо каждому отдельному государству для того, чтобы поэтапно и как можно успешно реализовывать идею социального государства. Однако есть и универсальное определение социального государства, являющееся целью всех государств мира, достижение которой требует непрерывной деятельности государственных органов власти и управления и всего общества в целом.

Таким образом, на наш взгляд, можно дать понятие социального государства как в пределах отдельного государства, так возможно и общемировое понимание социального государства, которое претендует на общезначимость и универсальность.

В качестве примера общемирового понимания права можно указать на такие, как: социальное государство "создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие каждого человека", [12] "социальное государство рассматривается как "стремление преодолеть резкую поляризацию различных слоев общества, гуманизировать социальные условия жизни", [13] идея социального государства заключается в восстановлении равенства и свободы, в поднятии низших, обездоленных классов до уровня богатых и сильных, государство должно "осуществлять экономический и общественный прогресс всех его членов, так как развитие одного является условием и следствием развития другого, и в этом смысле мы говорим об общественном или социальном государстве". [14] В условиях же Республики Таджикистан наиболее значимым сегодня определением социального государства является следующее: социальное государство - это правовое демократическое государство с социально ориентированной политикой, обеспечивающей каждому прожиточный минимум, доступность образования, здравоохранения, занятости, современное жилье, а также неприкосновенность частной собственности.

В предлагаемом определении социального государства мы выделили такой критерий социальности государства как неприкосновенность частной собственности, реализация которой имеет, на наш взгляд, немаловажное значение в деле построения социального государства в Таджикистане.

Здесь необходимо отметить утверждение некоторых авторов (Н.Ю.Воробьева, [15] Э.В.Кузнецов, [16] П.П.Андреев) [17] о том, что основные социальные цели: достойная жизнь и свободное развитие, достигаются исключительно государственными социальными средствами. Средства, не входящие в этот список (например, защита прав собственности), атрибутом социального государства не являются, поскольку названные цели должны достигаться исключительно с помощью государственных гарантий, выплат, льгот и др. Однако многие аргументы, приведенные ниже, против категоричного утверждения о разноплановости понятий "собственность" и "социальное государство" свидетельствуют об обратном.

Так, абсолютно справедлива позиция Б.Н.Алейникова, состоящая в том, что собственность является одним из "мостиков" к свободе человека, его относительной независимости от третьих лиц и от государства. [18] Однако, как верно отмечают В.Е.-Гулиев и А.В.Колесников, свобода содержит в себе "зерно" отчуждения, которое при определенных благоприятных обстоятельствах может "прорасти". Так, полна отчуждения демократия, будучи институциональным, правовым воплощением свободы. [19] И с этой позиции собственность также, безусловно, содержит в себе "зерно" отчуждения. Но это позитивное отчуждение, ведь человек, обеспечивающий себе и своим близким "достойную жизнь", больше надеется на себя, меньше на государство, тем самым развиваясь внутренне и внешне. Обладание гражданином собственностью является условием и дополнительной

б) Коркарди ашё. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳуқуқи моликият ба молу мулки нави манқул, ки шахс бо роҳи коркард аз масолеҳи бегонабуда тайёр кардааст, аз тарафи соҳиби масолеҳ ба даст оварда мешавад.

Вале дар сурати аз арзиши масолеҳ хеле баланд будани арзиши коркард ҳуқуқи моликии ӯро ба молу мулки нав шахсе пайдо мекунад, ки софдилона амал карда, коркардро ба манфиати худ анҷом додааст.

Агар дар созишнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, соҳиби масолеҳ, ки ба маҳсулоти аз он тайёркардашуда ҳуқуқи моликият пайдо кардааст, вазифадор аст арзиши коркардро ба шахси ин амалро анҷомдода пардозад, дар ҳолати ҳуқуқдор шудани шахс ба моли нав бошад, шахси коркардро анҷомдода вазифадор аст ба соҳиби масолеҳ арзиши онро пардозад [2, С.38].

Молики масолеҳ, ки дар натиҷаи амали бевиҷдононаи шахси коркардро анҷомдода аз он маҳрум шудааст, ҳақ дорад масолеҳи нав ва ҷуброни зиёни расидаро талаб намояд.

в) Соҳибӣ кардани моле, ки ҷамъоварии он дастраси умум мебошад. Дар ҳолатҳое ки мутобиқи қонун, бо иҷозати умумие, ки молик додааст ё мутобиқи анъанаҳои маҳаллӣ дар ҷангалзор, обанбор ё дигар минтақа ҷамъоварии ҳосили меваҷот, сайди моҳӣ, сайди ҳайвонот, ҷамъоварии дигар чизҳо дастраси умум ва дигар амал иҷозат дода шудааст, ҳуқуқи моликиятро ба моли дахлдор шахсе пайдо мекунад, ки онро ҷамъоварӣ ё шикор кардааст.

г) Сохтмони худсарона. Сохтмони худсарона - сохтмони хонаи истиқоматӣ, биною иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқуле мебошад, ки дар қитъаи замини мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ва дигар санади ҳуқуқӣ барои чунин мақсад ҷудонашуда ё бидуни гирифтани иҷозати зарурӣ ё ба таври назаррас вайрон кардани меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ва бинокорӣ бунёд шудааст.

Шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, ба он ҳуқуқи моликӣ пайдо намекунад. Ӯ ҳуқуқ надорад чунин биноро ихтиёрдорӣ кунад, тӯҳфа намояд, ба иҷора супорад ва дигар аҳдҳоро анҷом диҳад.

Иморат бояд аз тарафи шахси онро сохта ё аз ҳисоби ӯ ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи поёнӣ, вайрон карда мешавад [1, С.38].

Ҳуқуқи моликии шахсе, ки дар замини бегона худсарона иморат сохтааст, аз ҷониби суд ба шарте эътироф карда шуданаш мумкин аст, ки қитъаи мазкури замин мутобиқи тартиби муқарраргардида ба ин шахс ҷиҳати сохтмони иморат дода мешавад [3, С.16].

Ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона мумкин аст аз тарафи суд ба шахсе, ки дар қитъаи замин сохтмонро анҷом додааст, ба меросии якумра ва истифодаи доимӣ (бемӯҳлат) эътироф карда шавад. Дар ин ҳолат шахсе, ки ҳуқуқи моликиаш ба иморат эътироф шудааст, ба шахси иморатсохта мутобиқи андозаи муайяннамудаи суд арзиши хароҷоти онро мепардозад.

Агар нигоҳ доштани иморат ҳуқуқ ва манфиати қонунан ҳифзшудаи дигар шахсонро вайрон кунад ё ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон таҳдид намояд, ҳуқуқи моликии ин шахсон эътироф карда намешавад.

ғ) Ашёи бесоҳиб. Ашёе, ки соҳиб надорад ё соҳибаш номаълум аст ё ашёе, ки соҳибаш аз моликии он даст кашидааст, бесоҳиб диниста мешавад.

Агар он мутобиқи қоидаҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ашёе, ки аз он молик даст кашидааст, дар бораи ёфтан, дар бораи ҳайвоноти беназорат ва ганҷина мустасно набошад, ҳуқуқи моликият ба молу мулки бесоҳиби манқул мумкин аст мутобиқи эътибор (амр)-и давомнокии мӯҳлати ба даст овардани ашё пайдо карда шавад.

Ашёи ғайриманқули бесоҳиб аз ҷониби мақоме, ки молу мулки ғайриманқулро ба қайди давлатӣ мегирад, тибқи аризаи мақоми дахлдори давлатӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Пас аз гузаштани ду сол аз рӯзи ба ҳисоб гирифтани ашёи ғайриманқули бесоҳиб, мақоми ваколатдори идораи молу мулки давлатӣ метавонад ба суд бо талабот дар мавриди ба моликияти давлатӣ дохилшуда эътироф кардани ин ашё муроҷиат кунад.

Ашёи ғайриманқули бесоҳиб, ки бо қарори суд ба моликияти давлатӣ қабулгардида эътироф нашудааст, метавонад аз тарафи молики онро гузошта аз нав барои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ қабул гардад ва ё тибқи эътибори давомнокии мӯҳлати ба даст овардани ашё соҳибӣ карда шавад [2, С.39].

д) Ашёи манқуле, ки молик аз онҳо даст кашидааст. Ашёи манқуле, ки молик партофтааст ё ба тарзи дигар бо мақсади даст кашидан аз ҳуқуқи моликӣ ба онҳо вогузоштааст (ашёи партофташуда), шахси дигар метавонад мутобиқи тартиби зер моликияти худ гардонад:

Шахсе, ки молик ва истифодабарандаи қитъаи замин, обанбор ё дигар обйект мебошад ва дар он ашёи партофташудаи дорои арзиши на камтар аз панҷ ҳадди ақал ё ин ки партовҳои партофташудаи металл, маҳсулоти нуқсондор, боқимондаҳои хӯла, хоктӯдаҳои кон ё партове, ки ҳангоми истихроҷи канданиҳои фоиданок ба вуҷуд омадаанд, партови истеҳсолот ё дигар партовҳо мавҷуд аст, ҳуқуқ дорад соҳибмулки ашё бошад, ба истифодаи он шурӯъ намояд ё дигар амалро анҷом диҳад, ки аз табдилёбии ашё ба моликияти шахсӣ гувоҳӣ медиҳад.

Агар мутобиқи аризаи шахс дигар ашёи партофташуда аз ҷониби суд бесоҳиб эътироф шуда бошад, он моликияти шахсии ашёро соҳибӣ карда мегардад.

е) Бозёфт. Шахсе, ки ашёи гумшударо ёфтааст, вазифадор аст, шахси гумкардаи ашё ё дигар шахси ба ӯ шиносро, ки ҳуқуқи гирифтани молро доранд, огоҳ созад ва ба ин шахс ашёро баргардонад.

Агар ашё дар бино ё наклиёт ёфт шуда бошад, он бояд ба намояндаи соҳиби ин бино ё воситаи наклиёт супурда шавад. Шахсе, ки ба ӯ ашёи ёфтшуда супурда шудааст, ҳуқуқ ва ӯҳдадории шахси ашёёфтаро пайдо мекунад [2, С.41].

Агар шахсе, ки дорои ҳуқуқи талаб кардани ашёи ёфташударо дорад, номаълум ё маҳалли буду бошаш аниқ набошад, шахси ашёёфта вазифадор аст, ба милитсия ё мақоми дахлдори давлат хабар диҳад.

Шахси ашёёфта ҳақ дорад, онро худаш нигоҳ дорад, барои нигоҳдошт ба милитсия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё шахси муайяннамудаи онҳо супорад.

Ашёи зуд вайроншаванда ё ашёеро, ки хароҷоти нигоҳдошташ нисбат ба арзиши он хеле гаронтар аст, шахси ашёёфта метавонад фурӯшад ва оид ба маблағи фурӯш далели хаттии тасдиққунанда гирад. Маблағе, ки аз фурӯши ашёи ёфташуда ба даст омадааст, бояд ба шахсе, ки ба гирифтани он ҳақ дорад, баргардонида шавад.

Шахси ашёёфта барои гум кардан ё иллатнок кардани ашё танҳо дар ҳолатҳои ғаразнок ё беэҳтиётии дағал ва ба андозаи арзиши ашё масъулият дорад.

Агар дар тӯли шаш моҳи арз кардан ба милитсия ё мақоми дахлдори давлатӣ оиди ёфтани ашё шахси ба гирифтани ашё ҳақдошта муайян нагардад ва аз ҳуқуқи худ ба ашё ба шахси ашёро ёфта ё милитсия ё мақоми дахлдор арз накунад, шахси ашёёфта ба он ҳуқуқи моликӣ пайдо мекунад.

Агар шахси ашёёфта онро соҳибӣ кардан нахоҳад, он ба моликияти давлат мегузарад.

Шахсе, ки ашёро ёфта ба шахси ба гирифтани он ваколатдор супоридааст, барои аз ӯ ва дар ҳолати ба моликияти давлат гузаштани ашё аз мақоми дахлдори давлатӣ ба ҷуброни хароҷоти зарурии вобаста ба нигоҳдошт, баргардонидан ё фурӯши ашё, ҳамчунин ҷуброни хароҷоти ёфтани шахси ба гирифтани мол ваколатдор ҳақ дорад.

Шахси ашё ёфта ҳақ дорад аз шахсе, ки ба гирифтани ашё ваколатдор шудааст, барои бозёфт то андозаи бист фоизи арзиши ашё подош талаб кунад.

Агар ҳуҷҷат ё ашёи дигари ёфташуда танҳо барои шахси ба гирифтани он ваколатдор дорои арзиш бошад, андозаи подош тибқи созишномаи байни онҳо, дар ҳолати ба созиш наомадан - аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Агар шахси ба талаб карда гирифтани ашё ваколатдоршуда ба таври оммавӣ барои баргардонидани ашёи гумшуда мукофот эълон карда бошад, подош мутобиқи шарти ба таври оммавӣ эълоншуда пардохта мешавад.

Шахси ашёро ёфта ҳақ дорад, то лаҳзаи пардохти подош ба ғайр аз ҳуҷҷате, ки танҳо аз ҷониби шахси ба талаб карда гирифтани он ваколатдор истифода шуданаш мумкин аст, ашёи ёфтаашро нигоҳ дорад.

Агар шахси ашёро ёфта аз бозёфти он иттилоъ надода бошад ё барои пинҳон доштанаш кӯшиш карда бошад, масъалаи ҳуқуқ ба подош ба миён намеояд.

ё) Ҳайвоноти беназорат. Шахсе, ки ҳайвоноти беназорат ё бесоҳиб ё дигар ҳайвоноти хонагии бесоҳибро боздоштааст, вазифадор аст онҳоро ба соҳибаш баргардонад ва агар ҳайвонот соҳиб надошта бошад ё ҷои буду боши ӯ маълум набошад, дар давоми на дертар аз се рӯзи боздошти онҳо ба милитсия ё мақоми дахлдори давлатӣ, ки барои кофтукови соҳибаш тадбирҳо меандешанд, иттилоъ диҳад.

Дар тӯли кофтукови соҳиби ҳайвонот онро шахси боздоранда метавонад худаш нигоҳбонӣ кунад ва истифода барад ё барои нигоҳбонӣ ба дигар шахсе, ки барои ин шароити мусоид дорад, супорад. Мувофиқи хоҳиши шахсе, ки ҳайвоноти беназоратро боздоштааст, ҷустуҷӯи шахси барои нигоҳдошти он шароити зарурӣ доштаро ва ба ӯ супоридани ҳайвонотро милитсия ё дигар мақоми дахлдори давлатӣ ҷустуҷӯ мекунад ва месупорад.

Шахсе, ки ҳайвоноти беназоратро боздоштааст ва шахсе, ки ба ӯ ин ҳайвонот барои нигоҳбонӣ ва истифода супорида шудааст, вазифадоранд онҳоро дуруст нигоҳбонӣ кунанд ва ҳангоми бо гуноҳи онҳо мурдан ва иллатнок шудани ҳайвонот арзиши онро ҳайвонотро медиҳанд.

Агар дар давоми шаш моҳи аз арз кардан аз боздошти ҳайвоноти беназорати хонагӣ соҳиби он пайдо нашавад ва аз ҳуқуқи худ ба онҳо арз накунад, ҳуқуқи молики ин ҳайвонот ба шахсе мегузарад, ки он таҳти нигоҳбонӣ ва истифодааш қарор дорад.

Дар сурати аз соҳибӣ даст кашидани шахсе, ки ҳайвонот таҳти нигоҳбониаш қарор дорад, он ба моликияти давлат мегузарад ва тибқи тартиби муайяннамудаи мақоми дахлдори давлатӣ истифода мешавад [2, С.44].

Дар сурати баъди ба моликияти шахси дигар гузаштани ҳайвонот ҳозир шудани соҳиби аввалини онҳо молик ҳақ дорад, ҳангоми эҳсоси меҳри ҳайвонот нисбат ба ӯ ё огоҳ шудан аз муносибати бераҳмона ва бевиҷдононаи молики нав ба ҳайвонот дар асоси шартҳои дар созишномаи бо молики нав басташуда баргардонидани ҳайвонот ва агар ба мувофиқа нарасанд, аз тариқи суд баргардонидани онҳоро талаб кунад.

Дар сурати баргардонидани ҳайвоноти беназорати хонагӣ ба молик, шахсе, ки ҳайвонотро боздоштааст ва шахсе, ки ҳайвонот таҳти нигоҳбонӣ ва истифодааш қарор дошт, бо назардошти фоидаи аз истифодаи ҳайвонот ба дастоварда вобаста ба нигоҳбонии ҳайвонот ба ҷуброни хароҷоти зарурӣ аз ҷониби молик ҳақ доранд.

Шахсе, ки ҳайвоноти хонагии беназоратро боздоштааст, ҳақ дорад, мутобиқи муқаррарот барои бозёфт аз молики онҳо подош талаб намояд.

ж) Ганҷина. Ганҷ яъне пул, ё чизу чораи қиматноке, ки ба замин гӯр ё ба шакли дигар пинҳон карда шудаанд, ҳисоб карда мешавад. Дар сурати пайдо кардани он ё ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ аз тарафи истифодабарандаи қитъаи замин, соҳиби иморат ва ғайра, ки ба ӯ марбутанд ва инчунин шахсоне, ки ганҷ ва ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангиро ёфтаанд, ӯҳдадоранд ба давлат супоранд.

Дар айни замон истифодабарандаи қитъаи замин ё соҳибмулки молу мулке дигар, ки дар он ганҷина пинҳон карда шудааст ва шахсе, ки онро ёфтааст, ба гирифтани подош ба андозаи панҷоҳ фоизи арзиши он ҳуқуқ дорад. Подош байни онҳо мутобиқи созишномаи тарафҳо ва дар сурати ба мувофиқа наомаданашон аз тарафи суд тақсим карда мешавад.

Шахсе, ки ганҷинаи ба ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ алоқамандро ёфтааст, ҳуқуқ дорад то пардохти подош ин молу мулкро нигоҳ дорад [3, С.25].

з) Давомнокии мӯҳлати ба даст овардан. Шахс – шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ, ки молики ашё намебошад, вале софдилона, кушоду озод ва ба таври давомдор ба мисли молу мулки худ молу мулки ғайриманқулро дар тӯли понздаҳ сол соҳибӣ кардааст ё дигар молу мулкро дар тӯли панҷ сол нигоҳ доштааст, ба ин ашё ҳуқуқи моликӣ пайдо мекунад (давомнокии мӯҳлати ба даст овардан).

Ҳуқуқи моликӣ ба ашёи ғайриманқул ё дигар ашёе, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, аз лаҳзаи чунин бақайдгузорӣ аз ҷониби шахсе, ки ин молу мулкро ба ҳукми давомнокии ба даст овардан соҳиб шудааст, ба миён меояд.

То пайдо кардани ҳуқуқи моликӣ ба молу мулки бо ҳукми давомнокии мӯҳлат бадастовардашуда шахсе, ки молу мулкро чун моликияти шахсӣ дар ихтиёр дошт, ҳуқуқ дорад, моликияти марбутаашро аз шахси сеюм, ки соҳиби молу мулк намебошанд, инчунин ба ин молу мулк ба ҳукми дигар асосҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома ҳуқуқ надоранд, ҳифз намояд.

Шахсе, ки бо мурури соҳибиаш ҳавола мекунад, метавонад ба мӯҳлати соҳибии худ тамоми мӯҳлати соҳибии шахсеро, ки ӯ вориси ҳуқуқии он мебошад, низ ҳамроҳ кунад.

Ҷараёни мӯҳлати давомнокии ба даст овардан нисбат ба молу мулки дар назди шахси қарордошта, ки мутобиқи моддаҳои 322 ва 326 КГ онҳоро аз соҳибии ӯ талаб карда гирифтанашон мумкин буд, аз лаҳзаи на барвақттар аз гузашти мӯҳлати даъво мутобиқи талаботи дахлдор оғоз меёбад.

Қатъи ҳуқуқи моликият. Асосҳо барои қатъи ҳуқуқи моликият: ҳуқуқи ҳангоми - аз ҷониби соҳибмулк ба шахси дигар додани молу мулк, - рад кардани ҳуқуқи моликият аз ҷониби молик, - нобуд ё вайрон шудани молу мулк ва - аз даст додани ҳуқуқи моликият ба молу мулк ва - дигар ҳолатҳои пешбининамудаи санади қонунӣ қатъ мегардад.

Маҷбуран гирифтани молу мулки молик ба ғайр аз ҳолатҳои зайл манъ аст:

а) аз ҳисоби молу мулк ситонидани пардохт мутобиқи ӯҳдадориҳои молик; б) маҷбуран гирифтани молумулке, ки дар асоси санади қонунгузорӣ ба шахси мазкур тааллуқ надорад; в) реквизитсия; г) мусодира; д) гирифтани молу мулки ғайриманқул вобаста ба

кашида гирифтани қитъаи замин; е) харидории сарватҳои фарҳангӣ ё таърихии бесарусомон нигоҳдошташаванда; ж) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи КГ.

Даст кашидан аз ҳуқуқи моликият. Шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ аз ҳуқуқи соҳибӣ намудани молу мулки худ бо эълон кардани ин ё бо амали дигар, ки аз ошкоро барканор гардидани ӯ аз соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулк бидуни нияти нигоҳ доштани ягон ҳуқуқ ба молу мулк гувоҳӣ медиҳад, метавонад даст кашад.

Даст кашидан аз моликӣ то лаҳзаи ба ин молу мулк ҳуқуқдор гаштани шахси дахлдор боиси қатъи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои молик нисбат ба молу мулки дахлдор намегардад.

Аз ҳисоби молу мулк ситонидани қарзи молик. Қарзи молик, агар дар қонун ва шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, дар асоси қарори суд аз молу мулки ӯ рӯёнида мешавад.

Ҳуқуқи молике, ки қарзаш аз молу мулки ӯ рӯёнида мешавад, аз лаҳзаи ба ин молу мулк ҳуқуқдор гаштани шахси дигар, барҳам мехӯрад.

Қатъи ҳуқуқи моликии шахс ба молу мулке, ки аз они ӯ буда наметавонад. Агар дар асосҳои иҷозатдодаи қонун шахс соҳиби молу мулке шуда бошад, ки аз рӯи қонун аз они ӯ буда наметавонад, ин молу мулк дар давоми як соли ҳуқуқдор гаштани ӯ ба молу мулк, агар қонун мӯҳлати дигареро муқаррар накарда бошад, бояд аз он даст кашад.

Агар молик дар мӯҳлати муайяншуда аз молу мулк даст кашад, он бо назардошти хусусият ва таъиноташ бо қарори суд, ки мутобиқи аризаи дахлдори мақоми давлатӣ бароварда шудааст, бояд ба таври маҷбурӣ фурӯхта, маблағи он ба молик дода шавад ё молу мулк ба моликияти давлат гузаронида арзиши муайяннамудаи суд ба молики аввал пардохта шавад. Дар ин сурат хароҷоти вобаста ба гирифтани молу мулк рӯёнида мешавад.

Агар таҳти моликияти шаҳрванд ё шахси юридикӣ дар асоси иҷозати қонун молу мулке қарор гирад, ки барои хариданаш иҷозати махсус зарур аст, вале барои додани он ба молик рад шудааст, ин молу мулк мутобиқи тартиби барои молу мулк муқарраршуда, ки наметавонад ба молики мазкур тааллуқ дошта бошад, аз ӯ гирифта мешавад.

Қатъи ҳуқуқи моликӣ ба молу мулки ғайриманқул бинобар гирифтани замин ва дигар захираҳои табиӣ. Ҳуқуқи моликӣ ба молу мулки ғайриманқул вобаста ба қарори мақоми давлатӣ, ки мақсади бевосита гирифтани молу мулкро аз молик надорад, аз ҷумла қарори гирифтани замин, ки дар он хонаи молик, дигар иморату иншоот ва дарахтзор воқеъ аст, танҳо тибқи ҳолати тартиби муқаррарнамудаи санади қонунӣ қатъ гардида, ба молик молу мулки баробарарзиш дода, дигар хароҷоти ӯ ҷуброн карда ё тамоми зиёне ки вобаста ба қатъи ҳуқуқи моликиаш ба ӯ расидааст пурра баргардонида мешавад.

Ҳангоми норозӣ будани молик аз қароре, ки боиси қатъи ҳуқуқи моликиаш мегардад, он то замони бо тартиби судӣ яктарафа шудани бахс татбиқ карда намешавад. Ҳангоми баррасии баҳс инчунин ҳамаи масъалаҳои пардохтани товони зиёни расонидашуда ба молик ҳаллу фасл мегарданд.

Ин қоидаҳо мувофиқан ҳангоми қатъи ҳуқуқи моликӣ ба молу мулки ғайриманқул вобаста ба ҳалу фасли қарори мақоми давлатӣ дар мавриди гирифтани қитъаи кӯҳӣ, қитъаҳои акваторӣ ва дигар қитъаҳо, ки дар он молу мулк воқеъ аст, татбиқ мегардад.

Харидории сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишуда. Агар молики сарватҳои фарҳангие, ки мутобиқи қонунҳо ба ҷумлаи сарватҳои хеле пурарзиш ва аз тарафи қонун ҳифзшуда дохил гардидаанд ин сарватҳоро бенизом нигоҳбонӣ кунад ва аз ин ба онҳо хавфи беаҳамият шудан таҳдид намояд, чунин сарватҳоро давлат тибқи қарори суд метавонад аз ӯ харида гирад ё дар савдои оммавӣ ба фурӯш монад.

Ҳангоми харида гирифтани сарватҳои фарҳангӣ ба молик арзиши он ба андозаи муқаррарнамудаи созишномаи тарафҳо ва дар сурати баҳс ба андозаи муайяннамудаи суд пардохта мешавад. ҳангоми фурӯш аз тариқи савдои оммавӣ ба фурӯш рафтани онҳо ба молик ба ҷуз хароҷоти савдои оммавӣ тамоми маблағи боқимонда пардохта мешавад.

Ҳангоми қатъи ҳуқуқи моликӣ молу мулк бо назардошти арзиши бозории он нархгузорӣ мешавад.

Реквизитсия. Дар ҳолатҳои офати табиӣ, садама, касалиҳои сироятӣ (эпидемия), муромурии ҳайвонот (эпизоотия) ва дигар ҳолатҳои мустасно фавқулода молу мулк тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонад аз молик мутобиқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонун ба манфиати ҷомеа реквизитсия карда ба ӯ арзиши молу мулк пардохта шавад[1].

Оиди нархе, ки мутобиқи он ба молик арзиши молу мулки реквизитсияшуда пардохта мешавад, ба суд эътироз кардан мумкин аст.

Шахсе, ки молу мулки ӯ реквизитсия шудааст, ҳақ дорад, баъди қатъи ҳолат, ки вобаста ба он молу мулкаш реквизитсия анҷом дода шуда буд, баргардонидани молу мулки осеб надидаашро талаб намояд ва дар ҳолати радди он ба суд муроҷиат кунад.

Мусодира. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун молу мулки моликро мутобиқи қарори суд ҳамчун чораи ҷазо барои содир намудани гуноҳ ё дигар ҳуқуқвайронкунӣ мусодира кардан мумкин аст.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, мусодираро тибқи тартиби маъмурӣ анҷом додан мумкин аст. Оид ба қарор дар мавриди мусодира, ки тибқи тартиби маъмурӣ қабул шудааст, ба суд эътироз кардан мумкин аст.

Милликунонӣ. Бо роҳи милликунонӣ аз моликии шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқӣ ба моликияти давлат даровардани молу мулк танҳо дар асоси қонунҳои мутобиқи Конститутсия қабулгардида оид ба милликунонии ин молу мулк ва пардохти арзиши молу мулк ва ҷуброни дигар зиёне, ки вобаста ба миллӣ кунондан ба молик ворид гардидааст, иҷозат дода мешавад.


Рӯйхати адабиёти истифодашуда

1. Венедиктов А. В. Государственная социалистическая собственность. М.-Л., 1948.
2. Менглиев Ш.М. Избранные труды по гражданскому праву. Душанбе, Эҷод. 2011.
3. Усмонов О.У. Особенности становления и развития основных иститутов советского гражданского права в Таджикистане. Душанбе, 1974.


## ХУСУСИЯТ ВА НАМУДҲОИ ҲУҚУҚ БА МОЛИКИЯТ


Яқубжонзода М. — Магистранти курси 2-юми ихтисоси 240103- ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон


Ҳуқуқҳои молумулкӣ мансубияти ашёро (объектҳои моддӣ, ҷисмонии муомилоти молумулкиро) ба субъектони муносибатҳои ҳукуқии маданӣ ба расмият дароварда, мустаҳкам мекунанд. Ин муносибатҳои муносибатҳои статикӣ мебошанд. Тафовут аз ҳукуки ӯҳдадорӣ, ҳукуки моликияти зеҳнӣ.

Хусусиятҳо:

- хислати мутлақ доранд, яъне дар нисбати шахси ваколатдор доираи номуайяни шахсони ӯҳдадор меистанд;

- тамоми ҳуқуқҳои ашёӣ муносибати бевоситаи шахсро нисбати ашё (бидкни шахсони сеюм) мустаҳкам мекунанд;

- тавассути даъвохои махсуси молумулкӣ ҳимоя мешаванд (даъвои негаторӣ, виндикатсионӣ);

- объекти онҳо танҳо ашёи хоса шуда метавонад, бинобар ин, нобуд шудани он боиси қатъи ҳуқуқ мегардад (объекти ҳуқуқи ӯҳдадорӣ рафтори шахси ӯҳдадор).

Ҳуқуқҳои молумулкӣ аз ду қисм иборатанд:

[1] Усмонов О.У. Особенности становления и развития основных иститутов советского гражданского права в Таджикистане. Душанбе, 1974. – С. 13.

1) ҳуқуқи моликият;

2) дигар ҳуқуқҳо (ҳуқуқҳои маҳдуди молумулкӣ) [9, С.165].

Ҳуқуқи моликият ба маънои объективӣ ва субъективӣ фаҳмида мешавад. Ба маънои субъективӣ ҳукуқи моликият баамалбарории ваколатҳои соҳибмулк (соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ) фаҳмида мешавад. Ба маънои объективӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳукуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулк ба танзим медарорад.

Дар КМ ҶТ мафҳуми ҳукуқи моликият чунин муқаррар шудааст: «Ҳуқуқи моликият ҳуқуқи қонунан эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субйект оид ба тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулкаш мебошад».

Молик ҳуқуқ дорад молу мулки худро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намояд. Ин ваколатҳои соҳибмулк мазмуни ҳукуқи моликиятро ташкил медиҳанд.

Ҳуқуқи соҳибият аз имконияти ҳуқуқии таъминшударо ҳақиқатан татбиқ гардидани моликияти ҳуқуқи молу мулк иборат мебошад.

Ҳуқуқи истифодаи молу мулк имконияти қонунан аз молу мулк ба даст овардани хосиятҳои табиии фоиданоки он ва ҳамчунин аз он фоида гирифтан аст[5, С.27]. Фоида метавонад ба тариқи даромад, афзоиши самар, насл ё шаклҳои дигар ба даст ояд.

Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ - ин имконияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии молу мулк иборат мебошад.

Молик ҳақ дорад мутобиқи салоҳдиди худ нисбати молу мулкаш ҳама гуна амалро раво бинад, аз ҷумла онро ба дигар шахсон фурӯшад, худ молик монаду ҳуқуқҳояшро дар мавриди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулк ба онҳо вогузорад, молу мулкро ба иҷора диҳад ва аз он бо усули дигар истифода барад ё онро ба тарзи дигар ихтиёрдорӣ кунад.

Аз ҷониби молик татбиқ намудани ҳуқуқҳояш набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи дигар шахсонро вайрон кунад. Вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи молик метавонад ҳамзамон бо дигар шаклҳо дар сӯиистифода аз вазъияти инҳисорӣ ва бартаридоштаи молик инъикос гардад.

Молик вазифадор аст барои пешгирии зиёне воқеие, ки ҳангоми татбиқи ҳуқуқҳояш ба саломатии шаҳрвандон ва муҳити атроф расида метавонад, тадбирҳо андешад[9, С.61]. Ҳуқуқи моликият бемӯҳлат мебошад.

Қайд кардан лозим аст, ки моликият дар илми ҳуқуқи маданӣ ба сифати муносибатҳои ҷамъиятие, ки мустаҳкамгардии ин ё он объекти моликият ба субъекти алоҳида мебошад. Пас, моликият ҳамеша ҳолати мустаҳкамгардии объекти моликият ба субъект мебошад[7, С.56].

Муносибатҳо оид ба моликият дар ҷомеа дарбаргирандаи чор мафҳуми ба ҳам алоқаманд мебошанд:

Муносибати инсон (иттиҳоди одамон) ба ашё;

Муносибати истеҳсолӣ (иқтисодӣ) байни одамон оид ба ашё;

Муносибатҳои иҷтимоие, ки ба мавҷудият ва истифодабарии ашё аз ҷониби гурӯҳи муайяни одамон вобаста аст;

Муносибатҳои ҳуқуқӣ.

Моликият ба намудҳои гуногун ҷудо мешавад, ки яке аз онҳо моликияти давлатӣ маҳсуб меёбад. Қайд кардан ба маврид аст, ки давлат низ ҳамчун субъект муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои мулу мулкӣ, бояд дорои моликияти алоҳида бошад ва дар асоси ин моликият дар ин муносибатҳо иштирок менамояд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар замони мавҷудияти ИҶШС нисбати моликияти давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешуд [4, С.16]. Зеро, аз лиҳози ҳуқуқӣ ин моликият ҳамчун асос ва заминаи иштироки давлат дар муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ҳар чи қадар давлат аз лиҳози молу мулкӣ пурқувват бошад, ҳамон қадар аз лиҳози ҳам сиёсати дохилидавлатӣ ва ҳам лиҳози сиёсати байналмилалӣ давлат пурқувват мешавад. Аз ин сабаб, баъди инқилоби соли 1917 тамоми замин ва дигар объектҳои асосии истеҳсолӣ, ки дар моликияти хусусӣ

қарор доштанд, мавриди милликунонӣ қарор дода шуда, аз моликияти хусусӣ ба моликияти давлатӣ баргардонида шуд [4, С.18].

Дар замони муосир инкишофи давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, бошад, дилхоҳ шакли моликият аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, ин қоида ба сифати меъёри конститутсионӣ (м.12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) дарҷ карда шудааст. Зурур ба ёдоварист, ки эълон ва кафолати моликияти хусусӣ, маънои мадди назар намудани моликияти давлатӣ нест. Зеро, моликияти давлатӣ баҳри амалигардонии сиёсати давлатӣ, новобаста аз самтҳои он, заминаи асосӣ маҳсуб меёбад [5, С.29].

Ҳуқуқи моликият дорои субъект ва объекти дахлдори худ мебошад.

Ба сифати субъекти ҳуқуқи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми субъектони ҳуқуқи маданӣ, аз қабили шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, давлат баромад карда метавонанд. Субъектони мазкур дар асоси муқаррароти қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконияти амалӣ намудани он ваколатҳои соҳибмулк, ки дар кодекси маданӣ дарҷ карда шудаанд, доро мебошад.

Объекти ҳуқуқи моликият, мутобиқи қоидаҳои умумӣ оид ба ҳуқуқи ашёгӣ, танҳо ашёҳои бо нишонаи инфиродӣ муайяншуда баромад менамоянд [3, С.119]. Инчунин, қайд кардан лозим аст, ки вобаста ба хусусият ва вазъи ҳуқуқии субъектони ҳуқуқи маданӣ ва хусусиятҳои объектони табиат, ҳарчанде ки онҳо ба сифати ашёи бо нишонаҳои инфиродӣ муайяншуда баромад намоянд ҳам, аммо онҳо ба сифати объекти ҳуқуқи моликият баромад карда наметавонанд. Аз ҷумла, офтоб ва дигар ҷирмҳои осмонӣ, ки ҳарчанде ашёи бо нишонаи инфироди муайяншуда қайд шаванд ҳам, аммо ба сифати объекти ҳуқуқи моликият баромад карда наметавонанд. Хусусияти ин қоида дар он мебошад, ки азбаски ҳуқуки моликият ба сифати имконияти ҳуқуқӣ барои ҳукмфармоӣ барои ашё мебошад, пас дар асоси омилҳои гуногун, масалан, офтоб ба сифати объекте, ки имконияти ҳукмфармоӣ нисбати он аз ҷониби субъектони ҳуқуқи маданӣ ба амал баровarda шавад, баромад наменамояд. Аз ин лиҳоз ин объектон, ба сифати объекти на ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла, ҳуқуқи моликият баромад карда наметавонанд [3, С.120].

Ба сифати объекти ҳуқуқи моликият, инчунин қоғазҳои қимматнокӣ ҳуҷҷатӣ баромад менамоянд.

Объекти дигари ҳуқуқи моликият ин пулҳои накдӣ мебошад. Пулҳои нақдӣ, ки ба сифати воситаи асосии ҳисоббаробаркунӣ баромад менамоянд, ҳамчун ашёи бо нишонаҳои муайяншуда эътироф карда шуда, аз ин сабаб нисбати онҳо қоидаҳои ҳуқуқи моликият паҳн карда мешавад.

Нисбати ҳуқуқҳои молу мулкӣ, аз ҷумла ҳуқуқи талаб намудан, қайд намудан лозим аст, ки онҳо ба сифати объекти ҳуқуқҳои уҳдадорӣ баромад намуда, объекти ҳуқуқи ашёгӣ ва моликият эътироф карда намешаванд.

Давлат низ ба сифати субъекти моликият эътироф карда шуда, дар баробари дигар субъектон, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ин ҳуқуқи худро амалӣ менамояд [5, С.28]. Ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба сифати ҳуқуқи субъективии мадании давлат баромад намуда, баҳри қонеъ намудани манфиатҳои давлат дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ равона гардидааст. Ҳуқуқи моликияти давлатӣ танҳо ба давлат тааллуқ дошта, он аз ҷониби давлат дар симои мақомоти гуногуни давлатӣ ва дигар шахсон амалӣ карда мешавад.

Амалӣ намудани ҳуқуқи моликияти давлатӣ, ба монанди ҳуқуқи моликияти хусусӣ, аз ваколатҳои давлат оид ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудани объектҳои моликияти худ иборат мебошад.

Дар асно бояд қайд намуд, ки ин ваколатҳои давлат танҳо ба ин субъект ҳамчун субъекти ҳуқуқи маданӣ тааллуқ дошта, дар ҳолати ба сифати субъекти ҳукмрон ва дорои ҳокимият баромад намудани давлат, он аз чунин ваколатҳо истифода бурда наметавонад. Аниқтараш шакли ин гуна ваколатҳо дигар шуда, дар ин асно на ваколати соҳибӣ кардан, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудан, балки оид ба идораи ин объектони моликияти давлатӣ бояд сухан равад [3, С.124].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои молумулкӣ ва ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи моликияти давлатӣ дар симои як қатор мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ширкат меварзад [5, С.30]. Пас, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои ин мақоми худ ва дигар мақомҳо ва субъектони дахлдор ваколатҳои соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудани объектони моликияти давлатиро дар амал татбиқ менамояд.

Ба ақидаи мо шакли ҳуқуқии моликият гуфта, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии аз ҷониби қонунгузор вобаста ба таъиноти мақсаднок (асосҳои моддӣ-ҳуқуқӣ) ба низом даровардашудаеро меноманд, ки муносибатҳои вобаста ба мутаалиқнамоии ҳуқуқро ба маҷмӯи неъматҳои моддии ҷамъият бо махсусиятҳои соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории объектҳои алоҳидаи он ба субъекти мушаххас, инчунин қатъи ин ҳуқуқро бинобар ҳолати ҳуқуқии субъекти он танзим менамоядю

Мафҳуми шакли моликият ин муносибатҳои иқтисодии бо ду нишона инъикосёбандаро мефаҳмонад:

Фардикунонии молике, ки дар ин муносибат ба ҳайси субъект баромад менамояд;

Гуногунии амволи ба молик тааллуқдошта

Ба ҳар як шакли моликият бояд реҷаи ҳуқуқӣ тааллуқ дошта бошад, ки ҳам ҳуқуқи моликият ва ҳам тарзҳои баамалбарории онро ифода созад [3, С.123].

Як шакли моликият моликияти хусусӣ аст, ки он хоси шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон мебошад. Ин моликият ба воситаҳои истеҳсолот ва предмети истеъмолотро ташкил дода, қисмати зиёдтари моликияти давлатҳои рушдкунандаро ташкил медиҳад. Мақсаднок истифодабарии ин моликият боиси ба даст овардани фоидаи калон мегардад [6, С.33].

Моликияти давлатӣ дар шакли моликияти ҷумҳуриявӣ ва комуналӣ баромад мекунад. Моликияти ҷумҳуриявӣ аз хазинаи ҷумҳурӣ ва молу мулке ки мутобиқи санади қонунӣ ба шахси ҳуқуқии давлатии ҷумҳуриявӣ вобаста карда шудааст, иборат мебошад. Маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ, захираи тиллову алмос, объектои моликияти истисноии давлатӣ ва дигар молу мулки давлатӣ, ки ба шахси ҳуқуқии давлатӣ вобаст акарда нашудаанд, хазинаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Моликияти комуналӣ аз хазинаи маҳаллӣ ва молу мулке, ки мутобиқи санади қонунӣ ба шахси ҳуқуқии комуналӣ вобаста карда шудаанд, иборат мебошад. Маблағҳои молу мулки буҷети давлатӣ ва дигар молу мулки коммуналӣ, ки ба шахси ҳуқуқии комуналӣ вобаста карда нашудаанд, хазинаи маҳаллиро ташктл медиҳанд. Молу мулкеро, ки таҳти моликияти давлат қарор дорад, ба шахси ҳуқуқии давлатӣ дар асоси ҳуқуқи хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ вобаста кардан мумкин аст [2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ метавонад вуҷуд дошта бошад, ба шарте ки дар қонун тартиби дигар муқаррар нашуда бошад [8, С.39]. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди шаклҳои мухталифи моликият шароити зарурии баробар фароҳам меоварад ва ҳимояи онҳоро таъмин мекунад.

Дар моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад, ки замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар бойгариҳои табиӣ моликияти истисноии давлат маҳсуб меёбанд [1]. Дар Кодекси маданӣ бошад, пешбинӣ мегардад, ки хусусияти татбиқи ҳуқуқи моликият ба замин ва дигар захираҳои табииро Кодекси маданӣ, қонуни замин ва дигар қонунҳо муқаррар мекунанд.

**Рӯйхати адабиётҳои истифода шуда**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
2. Кодекси мадании Ҷумхурии Тоҷикистон аз соли 2023.
3. Венедиктов А. В. Государственная социалистическая собственность. М.-Л., 1948.
4. Мананкова Р. П. Правоотношение общей долевой собственности граждан по советскому законодательству. Москва, 1979.
5. Менглиев Ш.М. Избранные труды по гражданскому праву. Душанбе, Эҷод. 2011

6. Рубанов А. А. Проблемы совершенствования теоретической модели права собственности // Развитие советского гражданского права на современном этапе. М., 1986
7. Суханов Е.А. Российский Закон о собственности. Научно-практический комментарий. М., 1998.
8. Усмонов О.У. Особенности становления и развития основных иститутов советского гражданского права в Таджикистане. Душанбе, 1974.
9. Хохлов С. А. Право собственности и другие вещные права. Москва. 1996.

## МОҲИЯТ ВА ТАТБИҚИ ҲУҚУҚИ ИНСОН БА МЕРОС

Яқубжонзода М. — Магистранти курси 2-юми ихтисоси 240103- ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Шарифова Д. — Магистранти курси 2-юми ихтисоси 240103- ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар баробари муайян намудани мавқеъи ҳуқуқи меросӣ дар низоми зерсоҳаи ҳуқуқи маданӣ зарурияти муайян намудани баъзе аз мафҳумҳое, ки дар ҳуқуқи меросӣ истифода мешаванд, ба вуҷуд меоянд. Гуногунпаҳлӯ будани ҳуқуқи меросӣ тақозои онро мекунад, ки мафҳумҳои асосии ин зерсоҳаи ҳуқуқи гражданӣ муайян карда шаванд, зеро надонистани чунин мафҳумҳо омӯзиши минбаъдаи ҳуқуқи меросиро ғйри имкон мегардонад.

Яке аз масъалаҳое, ки дар байни олимон нисбати он ягона фикри вуҷуд надорад ин муайян намудани мафҳуми мерос ва ворисӣ ба ҳисоб меравад. Баъзе аз онҳо ин ду мафҳумро як мешуморанд. Ба ақида онҳо мерос ва ё ворисӣ ин ҳама он молу мулке, ки юаъд аз меросгузор ба ворис мегузарад, фаҳмида мешавад. Аммо моҳиятан агар назар афканем ин ҳарду мафҳум аз якдигар фарқ доранд. Дар қонунгузории граждании ҶТ мафҳуми мерос дода нашудааст, аммо мафҳуми ворисӣ муқарар карда шудааст. Дар КМ ҶТ мафҳумми мазкур чунин пешниҳод карда шудааст: ворисӣ – ин гузариши ҳуқуқи молумулкӣ ва дар ҳолатҳои пешбини намудаи қонун ба дигар шахс ё ашхос (ворисон) гузаштани ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкии ба молу мулк вобастаи шахси фавтида (меросгузор) тибқи шартҳои ворисӣ ҳуқуқии универсалӣ эътироф мегардад. Ҳамчун қоида, мерос, агар аз қоидаҳои оид ба мерос муқараргардидаи КМ ҶТ тартиби дигаре бар наояд, ҳамчун як маҷмӯи мукаммал ва дар ҳамон як лаҳза мегузарад. Пас, маълум мешавад, ки ворисӣ на худи мерос, балки гузариши он аз меросгузор ба ворисон дар назар дошта мешавад.

Дар ҳуқуқи меросӣ мавқеи марказиро мерос ташкил медиҳад, чунки дигар муносибатҳои меросӣ дар атрофи он ва нисбат ба он ба вуҷуд меоянд. Агар мерос вуҷуд надошта бошад, пас гузариши он, яъне ворисӣ низ ҷой дошта наметавонад. Аз ин маълум мешавад, ки мавҷудияти мафҳуми мерос низ имконпазир аст. Гарчанде мафҳуми мерос дар қонун истифода нашуда бошанд ҳам, вале дар илми ҳуқуқшиноси аз ҷониби олимон мафҳумҳои он гуногуни он пешниҳод шудааст. Аз ин хотир зарур аст, ки мафҳуми меросро дар робита бо қонунгузории ҶТ ва назарияи ҳуқуқи меросӣ муайян намоем. Масалан олимони ватанӣ М. А. Маҳмудов, Ш.М. Менглиев мафҳуми меросро дар чунин шакл пешниҳод кардаанд.

Мерос – ин гузаштани ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ухдадориҳои шахси фавтида ба ворисонаш мебошад.2 Дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ мафҳуми мерос дар чунин шакл пешниҳод гардидааст: а) гузариши ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси фавтида (меросгузор) ба ворисони ӯ; б) молу мулке, ки тибқи ворисӣ мегузарад, фаҳмида мешавад.3

---

[2] Ниг.: Маҳмудов М.А., Менглиев Ш. М. Ҳуқуқи хусусии римӣ, (фишурдаи лексияҳо)-Душанбе: Сино.- С. 113.
[3] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. /Зери тахрири Маҳмудов М. А.-Душабе:<<ЭР-граф>>, 2012.-С.182.

Дар робита ба мафҳуми мерос Ш.Т. Тағойназаров чунин қайд мекунад. Мерос – ин он молу мулк, ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки пас аз вафоти меросгузор ба ворисони он мувофиқи ҳуқуққабулкунии меросӣ мегузарад, фаҳмида мешавад. 4

Дар баробари олимони ватанӣ, мутахасисони хориҷӣ низ фикру ақидаҳои худро вобаста ба ин масъала иброз намудаанд. Масалан, С.С. Алексеев мафҳуми меросро чунин пешниҳод кардааст: Молу мулк, ки тибқи ҳуқуққабулкунӣ мегузарад, меросро ташкил медиҳад, ки ба таркиби вай дар рӯзи кушода шудани мерос ашё, дигар молу мулк, инчунин ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва уҳдадорӣ, ки ба меросгузор таалуқ доранд, дохил мегарданд5. Ба ақидаи Ю.К. Толстой зери мафҳуми мерос ҳар он чизе, ки баъди фавти меросгузор ба вориси ӯ тибқи тартиби ҳуқуққабулкунии меросӣ мегузарад, бояд фаҳмида шавад.6

Ҳангоми ворисӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меросгузор тибқи тартиби ҳуқуққабулкури ба ворисонмегузарад.Ба ворисонҳамаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меросгузор, ба истисnои баъзе ҳуқуқҳо, ки бевосита дар қонун нишон дода шудааст ё азтабиати ҳуқуқуи онҳо бар меояд,дар маҷмӯъ мугузаранд.қайд кардан ба маврид аст, ба ворисонтанҳо он ҳуқуқ ва уҳдадориҳое мегузаранд, ки воқеан ба меросгузор таалуқ дошта бошанд.Таркиби молу мулки меросӣ васеъ ва гуногун шуда метавонанд, ки ба он молу мулки ҳамарӯза истифодашаванда, хонаи истиқоматӣ ва дигвр молу мулки ғайриманқул, инчунин қоғазҳои қиматнок ва маблағҳои пулӣ, ҳуқуқҳои истисноӣ вадигар молу мулки дар вақти ҳаёт будани меросгузор ба ӯтаалуқ доштанд, дохил мешаванд.

Баъзе ҳуқуқҳова уҳдадориҳои ба шахсияти меросгузор зич алоқаманд ба таркиби мерос дохил намегарданд, махсусан ҳуқуқ ба алимент, ҳуқуқ ба ҷуброни ба зарари ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонидашуда, игнчунин дигар ҳуқуқ ва уҳдадорҳо, ки тариқи мерос гузариши онҳо тибқи КМ ҶТ ва дигар қонунҳо манъ карда шудааст. Масалан, дар сурати фавти дорандаи ҳуқуқ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ тибқи шартномаи консепсияи тиҷоратӣ, ба шарти ба қайд гирифта шудани он ё дар ҷараёни шаш моҳ аз рӯзи оғози мерос ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудани ворис, ба ворисӣ ӯ мегузарад. Дар акси ҳол шартнома қатъ мегардад.

Ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкӣ, ба монанди ҳуқуқу ба ном, ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба озодии мусофират ва интихоби ҷойи зист, ҳамчунин дигар неъматҳои ғайри модди ба монанди ҳаёт, саломатӣ, қадр, номус, эътибори кори ва ғайра наметавонанд, ки ба таркиби мерос дохил шаванд. Ҳуқуқҳои зикргардида ба шахсияти дорандаи он (меросгузор) зич алоқаманд мебошанд , барои ҳамин онҳоро бо ин ё он роҳ интиқол додан ғайриимкон аст. Аз баски ин ҳуқуқҳо ба шахсияти дорандаи он алоқаи ногусастани доранд, пас ба фавти дорандаи он ин гурӯҳи ҳуқуқҳо аз байн мераванд. Ҳарчанд чунин ҳуқуқҳо бегона ё ба тариқи дигар гузашт карда намешаванд, аммо КМ ҶТ кафолат додааст, ки дар ҳолатҳо мувофиқи тартиби муқарар намудаи қонун ҳуқуқи шахсии ғайри молу мулкӣ ва неъматҳои дигари ғайри моддии шахси фавтидаро шахси дигар, аз ҷумла ворисони соҳибҳуқуқ татбиқ ва ҳифз намоянд.

Мафҳуми дигари дар ҳуқуқи меросӣ васе истифода карда мешавад, ин ҳуқуққабулкунӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуққабудкуни дар ҳуқуқи гражданӣ дар ду шакл ҳуқуққабулкунии умумӣ (универсалӣ) ва ҳуқуққабулкунии қисмӣ (сингулярӣ) зоҳир мегардад.

Ҳуқуққабулкунии умуми дар навбати худ дар ду ҳолат ҷой дошта метавонад, ҳангоми ҳуқуққабулкунии меросӣ ва дар вақти аз нав ташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ. Ин намуди ҳуқуққабулкунӣ бо он хусусиятнок аст, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳо қисм ба қисм ҷудо нашуда аз як субъект ба субъекти дигар дар маҷмуъ мегузарад. Масалан, дар муносибатҳои меросӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меросгузор дар маҷмӯъ ба ворисони ӯ мегузарад, ворис наметавонад

---

4 Ниг.: Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми сеюм: Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ш.Т. Тағойназаров. Душанбе, 2014, С. 280.

5 Ниг.: Гражданское право: учеб. /С.С. Алексеева.-2-е изд., перераб. и доп.-М.: Проспект; Екатеринбуг: Институт частного право, 2010.-С. 256.

6 Ниг.: Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т.3.-4-е изд., перераб. и доп. / под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого.- М:ТК Велби, Издво Проспект, 2005.-С. 614

ҳуқуқҳои меросгузорро қабул карда аз уҳдадориҳои ӯ даст кашад. Хусусияти дигари мероскабулкуни дар он аст, ки вай дар як маҷмӯи мукаммал ва дар ҳамон як лаҳза мегузарад. Ин маънои онро дорад, ки ворис (ворисон) наметавонанд як қисми молу мулкӣ меросиро дар як вақт ва қисми дигарро бошад, дар дигар вақт қабул кунанд, инчунин ӯ ҳуқуқ надорад, қисми молу мулкро қабул кунад қисми дигарашро рад кунад. Ҳуқуққабулкунии умумӣ объекти омӯзиши ҳуқуқи корпоративӣ ва ҳуқуқӣ меросӣ мебошад, ҳуқуққабулкунии сингуляри бошад хангоми ивазшавии шахсон дар уҳдадорӣ ҷой дорад.7

Дар ҳуқуққабулкунии қисмӣ (сингулярӣ) ба кредитор ва қарздори нав ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мегузаранд. Ҳуқуққабулкунии қисмӣ низ дорои ду шакл мебошад, ки ин гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ ва интиқол додани қарз ба ҳисоб меравад. Иваз шудани кредитор тибқи тартиби ҳуқуққабулкунии сингулярӣ тавассути бастани шартнома байни кредитор ва шахси сеюм оид ба гузашт кардани ҳуқуқи талабкунии ба кредитор таалуқдошта ва дар асоси бевосита нишондоди қонун ба роҳ монда мешавад.

Асосҳои ворисӣ – ба сифати асосҳои мазкур васиятнома баромад мекунад. Чунин асосҳо дар ягон ҳолат дар байни худ муқобил ва мухолифат намекунанд. Мерос дар асоси қонун дар он ҳолат ҷой дорад, ки агар васиятнома гузошта нашуда бошад ва ё дар дигар ҳолатҳои бевоситаи муқараркардаи КМ ҶТ. Ворис метавонад як қисми молу мулкӣ меросиро тибқӣ қонун, қисми дигарро тибқӣ васиятнома, қабул кунад, агар маҳз ҳамон қисми зикр гардида дар васиятнома зикр гардида бошад. Ба сифати ворис метавонад, якчанд шахс ҳам тибқи қонун ва васиятнома баромад кунанд. Барои ҳамчун ворис баромад кардан, ҳангоми ворисӣ тибқи қонун шахс бояд, ба доираи ворисони қонунӣ, ки КМ ҶТ муқарар кардааст, дохил гардад. Баръакс, агар ворисӣ на тибқи қонун балки тибқи васиятнома сурат гирад, дар чунин ҳолат ворис ё ворисон аз ҷониби худи меросгузор дар васиятнома зикр карда мешавад. Қонунгузории граждании ҶТ ба монанди қонунгузории дигар давлатҳо ба соҳиб мулк ҳуқуқ додааст. Молу мулкӣ худро ба шахсе васият намояд, ки бо ӯ алоқаи хунӣ умуман дар ягон муносибатҳои хешӣ қарор надошта бошад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, аввал мерос дар асоси қонун танзими ҳуқуқии худро ёфтааст. Ба назари мо, чунин тартиб, заминаи худро дошта, аз он шаҳодат медиҳад, ки ҶТ иродаи соҳибмулкро эътироф ва ҳифз мекунад ва ба ӯ имконият медиҳад, ки ҳангоми дар қайди ҳаёт будан тақдири молу мулкӣ худро баъди маргаш муайян созад. Қонунгузории ҶТ ба ғайр аз васиятнома ва қонун дигар асосҳои ворисиро ба монанди шартномаҳои меросӣ, ки дар қонунгузории баъзе давлатҳо ҷой доранд, муқарар накардааст.

Кушода шудани мерос. Аслан кушода шудани мерос дар заминаи ду факти ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд:

А) фавти шаҳрванд;

Б) фавтида эълон намудани шаҳрванд аз ҷониби суд.

Аз ҷониби суд фавтида эълон кардани шаҳрванд, боиси ҳамон оқибатҳое мегардад, ки марги шаҳрванд пешбинӣ мекунад. Қонун фавти шаҳрванд ё фавтида эълон кардани шаҳрвандро, фактҳои ҳуқуқӣ эътироф мекунад, ки боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои мероси мегарданд. Мафҳуми кушода шудани мерос дар назарияи ҳуқуқи меросӣ мавқеи асосӣ дорад. Бинобар ин, дақиқ муайян кардани вақти кушода шудани мерос аз аҳамият холӣ нест. Рӯзи кушода шудани мерос рӯзи фавтида эълон шудани шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Агар, шаҳрванд фавтида эълон карда шавад, пас рӯзи кушода шудани мерос рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи фавтида эълон намудани ӯ дониста мешавад. Дар сурати фавтида эълон намудани шаҳрванд дар вазъиятеп бедарак ғоибшуда, ки ба ҳаёти ӯ таҳдид мекард ё барои гумони дар натиҷаи фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, суд метавонад рӯзи тахминии вафоти ӯро рӯзи вафоти ин шаҳрванд эътироф намояд.

Асосҳо барои бақайдгирии давлатии фавти шаҳванд тибқи қонунгузории ҶТ инҳо ба ҳисоб мераванд:

[7] Оид ба масъалаи ивазшавии шахсон дар уҳдадорӣ муфассал нигаред: Ҳуқуқи уҳдадорӣ /Зери таҳрири профессор Ғаюров.Ш.К. Гурӯҳи муаллифон. Душанбе:"СИНО", 2016.-С. 63-73 (Муаллифи боб-Бобохонов Ҳ.З.)

а) ҳуҷҷати шаклаш муқараршуда оид ба вафот, ки аз тарафи муассисаи тиббӣ ё табиби фаъолияти хусуӣмашғулбуда дода шудааст;

б) ҳангоми суд муқаррар намудани факти вафот ё фавтида эълон намудани шахс, ки ба қувваи қонунӣ даромадааст.

Маҳфуми дигаре, ки дар ҳуқуқи меросӣ истифода мешавад, меросгузор ба ҳисоб меравад. Агар мафҳумҳои қонунии ворисии ҳуқуқ ба мерос ба ҳуқуқ ва кушода шудани меросро таҳлил намоем, бо боварии комил зикр кардан мумкин аст, ки ба сифати меросгузор танҳо шахсони воқеӣ баромад мекунанд. Дар мафҳуми шахси воқеӣ тибқи қонунгузории граждании ҶТ, шаҳрвандони давлатиҳои дигар, инчунин шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад. Аз ин бармеояд, ки ҳамчун меросгузор шаҳрвандони ҶТ, шахси бешаҳрванд, шахсони дорои ду шаҳрвандӣ, шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ баромад карда метавонанд. Нисбат ба шахси ҳуқуқӣ қайд кардан зарур аст, кибо тартиби муқарраркардаи қонун таъсис дода шудааст, яъне субеъекти сохта шуда мебошад, вай ба сифати меросгузор баромад карда наметавонад. Ягон ҷомеаӣ иҷтимои (социалная обшность), новобаста аз он ки ба сифати шахси ҳуқуқӣ вуҷуд дорад ё не ҳамчун меросгузор баромад карда наметавонад8. Шахси ҳуқуқӣ аз сабаби он субъекти сохташуда ба ҳисоб меравад он вафот намекунад, балки тибқи тартиби муқарраркардаи қонун барҳам дода мешавад. Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ тавассути ҳуқуққабулкунии умумӣ молу мулки ӯ ба шахси ҳуқуқии он – ворисони ҳуқуқии шахси ҳуқуқии азнавташкилшаванда мегузарад, аммо ин ҳуқуққабулкунии меросӣ эътироф карда намешавад.

Ҳангоми қабул кардани мерос тибқи қонун меросгузор мумкин аст, ки дорои қобилияти пурраи амал, ғайри қобили амал ё қобилияти амалкунии маҳдуд дошта бошад. Яъне ба сифати меросгузор тибқи қонун баромад намудан шарт нест, ки шахс дорои қобилияти пурраи амал бошад. Баръакс, ҳангоми ворисӣ тибқи васиятнома масъала нисбат ба қобилияти пурраи амал доштан ё надоштани меросгузор ранги дигар мегирад. Васиятнома худ ба сифати аҳди яктарафа баромад мекунад ва барои амали кардани он, яъне тартиб додани васиятнома меросгузор бояд дорои қобилияти пурраи амал бошад. Дар акси ҳол агар васиятнома аз ҷониби шахсе гузошта шавад, ки аз ҷониби суд ғайри қобили амал эътироф шудааст ё аз ҷониби ноболиғ ва аз ҷониби шахсе тартиб дода шуда бошад, ки ӯ ҳуқуқи соҳибмулкӣ нисбати молу мулки ба мерос гузошта шавандаро надорад, мутобиқи боби 7 – уми КМ ҶТ чунин васиятнома беэътибор эътироф карда мешавад. Шахсоне, ки мутобиқи тартиби муқараркардаи КМ ҶТ то синни никоҳи расидан издивоҷ карда бошад ё емансипатсия шуда бошанд, метавонанд дорои қобилияти пурраи амал эътироф ва васиятномаи тартибдодаи онҳо қонуни ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми дигаре, ки бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад, ворис ё ворисон ба ҳисоб меравад. Агар ба сифати меросгузор шахсони воқеъи баромад намоянд, пас ҳамчун ворис дар қабул намудани мерос метавонад шахсони воқеъӣ, шахсони ҳуқуқӣ, ҶТ, давлатҳои хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣниз иштирок намоянд. Давлат ҳамчун ворис метавонад ҳангоми мерос, тибқи васиятнома, инчунин мерос тибқи қонун иштирок намояд. Масалан, агар молу мулки меросӣ ба давлат васият шуда бошад ва ё агар меросгузор тибқи қонун ва васиятнома ворис надошта бошад ё агар ҳамаи ворисонро, меросгузор аз ҳуқуқи меросӣ маҳрум карда бошад, инчунин ҳангоми набудани ворисони тибқи қонун, ки танҳо як қисми молу мулки меросгузор васият шуда бошадааст, қисми боқимонда, ба давлат мегузарад.

Доираи ворисон тибқи васиятнома дар худи васиятномаи тартибдодаи меросгузор муқаррар карда мешавад, аммо ҳангоми кушода шудани мерос тибқи қонун доираи ворисон дар асоси қонун муайян карда мешавад. Дар баробари ин имконияти шаҳрванд, оид ба қабул

[8] Ниг.: Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т. 3. -4-е изд., перераб. и доп. /под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толтого. – М: ТК Велби, Издво Проспект, 2005. – С. 637.

кардани мерос дар ягон ҳолат, аз ҳаҷми қобилияти амалкунии ӯ вобаста намебошад9. Ҳангоми зинда будани шахс ӯ наметавонад дорои ворис тибқи қонун ё васиятнома бошад. Худи вазъиворисро соҳиб шудани мерос ба вуҷуд меояд10. Як субъект дар як вақт метавонад, вориси якчанд меросгузор тибқи асосҳои гуногун бошад. Ҳамчун қоида вазъи ҳуқуқии ворисро тибқи васиятнома ва бо қонун он шахсоне соҳиб мешаванд, ки ҳангоми кушода шудани мерос зинда бошанд, истисно аз ин танҳо нисбати кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос зинда таваллудшуда, баромад карда метавонад. Кӯдакони ҳолотаваллуд нашуда ба сифати субъекти ҳуқуқ эътироф карда намешаванд. Ҳуқуқҳои вай ба он шарте ҳифз карда мешавад, ки эҳтимоли зинда таваллуд шудани он ҷой дорад. Агар чунин субъект зинда таваллуд нашавад факти дар батни модар будани ӯ маънои ҳуқуқии худро гум мекунад, чунки ҳанӯз қобилияти ҳуқуқдории ӯ ба вуҷуд наомадааст11.

Зери мафҳуми муносибатҳои меросӣ гузариши ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахси фавтида (меросгузор) ба дигар шахсон (ворисон) дар асос ва тартиби муқараркардаи қонун фаҳмида мешавад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки аз муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқии қабли ба вуҷуд омадаанд, бо марги шахс қатъ нагардида, балки ба шахси дигар дар он ҳаҷм ба сифате мегузарад, ки ба шахси фавтида таалуқ долшт12. Шахси нав дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷойи шахси вафоткардаробо ҳамон ҳолати ҳуқуқие, ки то ӯ вафот карданаш қарор дошт, ишғол мекунад. Худи муносибатҳои меросӣ дар кушода шудани мерос ба вуҷуд меояд. Муносибатҳои мазкур, новобвста аз иродаи ворисон ба вуҷуд омада, барои онҳо кушода шудани мерос ҳамчунфалти ҳуқуқӣ ҳаракат набуда, балки ҳодисаро ташкил медиҳад. Меросгузор тавассути иродаи худ ба муносибатҳое, ки бо кушода шудани мерос алоқаманд мебошанд ва ҳамчунин ба мазмуни чунин муносибатҳо, на ҳама вақт таъсир расонида метавонад.

Кушода шудани мерос, на танҳо маънои ба вуҷуд омадани объекти алоҳидаро дар муомилоти гражданӣ дар шалли молу мулки меросӣ дорад, инчунин кушода шудани мерос ба вуҷуд омадани муносибатҳои меросгузор ба ворисон дар назар дошта мешавад. Фавти шаҳрванд ё фавтида эълон намудани ӯ боиси аз байн рафтан ё қатъ шудани субъекти ҳуқуқ мегардад, ки дар чунин ҳолат фаъолияти шаҳрванд, ҳамчу иштирокчии ин ё он муносибат, дар вақти ҳаёт будани ӯ ҷой дошт қатъ гашта, ӯ дигар наметавонад иштирокчии муносибатҳои нави ҳуқуқӣ гардад. Дар муносибатҳои меросӣ, ки ҳангоми кушода шудани мерос ба вуҷуд меоянд, танҳо як тараф ворис ё ворисон баромад мекунанд, чунки бо фавти меросгузор қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии ӯ қатъ гардида, дигар вай наметавонад ҳамчун тараф дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ширкат варзад.

Ба андешаи яке аз сивилистони машҳури Федератсияи Россия Ю.К. Толстой муносибатҳои меросӣ дар инкишофи худ ду давраро аз сар мегузаронанд. Давраи якум бо вақти кушода шудани мерос, бо вақти фавти меросгузор, ҳангоми ба ворисӣ ҷалб шудани ворис (ворисон) оғоз мегардад. Агар ворис меросро қабул намояд, дар чунин ҳолат нисбати ворис давраи дуюми муносибатҳои меросӣ оғоз мешавад ва то он даме идома меёдабад, ки тақдири молу мулкӣ меросӣ муайян гардад13. Доир ба ин масъала андешаи дигар низ ҷой дорад. Масалан, В.А. Белов қайд мекунад, ки аз нуқтаи назари мо сухан гуфтан, оид ба вуҷуд доштани ду гурӯҳи ҳуқуқҳо ё ду давраи инкишофи ҳамон як ҳуқуқи меросӣ, ҳамзамон алоқаманд кардани ҷудокунии ин ҳуқуқҳо ё давраҳо бо маҳаки қабул кардани мерос, ягон

---

9 Ниг.: Российское гражданское право: Учебник: В 2 т. Т. 1: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интеллектуальные права. Личные неимущественные права/ Отв. ред. Е.А. Суханов. -4-е изд; стереотип.-М.: Статут, 2015.-С. 648.

10 Ниг.: Мананников О.В. Наследственное право России: Учебное пособие. – М.: Издателсько – торговая корпорация «Дашкови К», 2004.-С.32-33.

11 Ниг.: Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т. 3.- 4-е изд; перераб. и.доп. / Под ред.А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. - М: ТК Велби, Издво Проспект, 2005. _ С.639.

12 Ниг.: Наследственное право: учебное пособие /О.П. Попова.-Хабаровск: Изд-во Тихоокеан.гос. ун-та.-С.20.

13 Ниг.:Гражданское право:учеб.: в 3 т. Т. 3.- 4-е изд.,перераб. и доп./Под ред.А.П.Сергеева,Ю.К. Толстого.- М:ТК Велби,Изд-во Проспект,2005.- С.644-645.

имконият надорад. Дар баробари ин муаллиф фикри худро бо он асоснок мекунад, ки ҳуқуқи меросӣ ҳамчун шакли махсуси гражданӣ- ҳуқуқӣ (мустақил, мазмунан номувофиқ бо дигарон) дар чорчубаи муайян, муносибатҳои ҷамъиятиро бо вақти кушода шудани мерос ва маҳфузшаванда танҳо то қабул кардани он, медарорад14.

Воқеъан, ба чунин давраҳо ҷудо кардани муносибатҳои меросӣ қобили дастгирӣ мебошад. Чунки дар давраи якум, нисбат ба ворисе, ки барои қабули мерос ҷалб шудааст ҳуқуқи субъективи қабул кардани мерос ба вуҷуд меояд, ки мазмуни чунин ҳуқуқро ду ҳуқуқи субъективии алтернативии ворис, ба монанди қабул ё рад кардани мерос ташкил медиҳад. Ҳуқуқи субъективии қабулкардани мерос маънои онро дорад, ки ворис метавонад бо хоҳиши худ, мустақилона ва бе розигии дигар шахсон меросро қабул ё аз он даст кашад, баръакс дигар шахсон уҳдадоранд барои амали кардани чунин ҳуқуқ монеъ нашаванд.

Баъзе мутахасисон дар он нуқтаи назаранд, ки муносибатҳои меросӣ дар давраи қабул кардани он ҳамчун муносибати мутлақ эътироф карда мешавад15. Муносибатҳои ҳуқуқии мутлақ он муносибатҳое дар назар дошта мешавад, ки муқобили шахси ваколатдор доираи номуайяни шахсони уҳдадор меистанд ва чунин шахсон бояд аз ҳаракате худдорӣ намоянд, ки то шахси ваколатдор тавонад, мустақилона ҳуқуқи худро амалӣ намояд. Аслан, чунин гурӯҳи муносибатҳо дар муносибатҳои ашёй-ҳуқуқӣ ба назар мерасанд. Баъзе аз мутахасисон дар чунин ақидаанд, ки аз сабаби он, ки ҳуқуқ қабул намудани мерос уҳдадории шахси дигарро пешбини накардааст, чунин ҳуқуқ ҳуқуқи субъективӣ ҳисобида намешавад. Ин ақида аз бунёди худ беасос ва ғалат аст. Аз вақти пайдо шудани ин ҳуқуқ мақомоти нотариалӣ уҳдадор аст, ки барои амалӣ гардонидани ин ҳуқуқ мусоидат намояд16.

Агар ворис ё ворисон хоҳиши қабул кардани меросро дошта бошанд, дар чунин ҳолат ҳама уҳдадоранд, ки барои озодона қабул кардани мерос аз ҷониби ворисон монеъа эҷод накунанд ва аз тарафи дигар бошад мақомотҳои давлатӣ ва шахсони ваколатдор уҳдадоранд, ки барои амали намудани ҳуқуқҳои мазкур мусоидат намоянд. Масалан, мақомоти САҲШ уҳдадор аст, ки ба ворис шаҳодатномаи вафотро пешниҳод намояд ё мақомоти нотариалӣ уҳдадор аст, аризаи ворисро оид ба қабул кардани мерос, қабул намояд.

Агар ворисе, ки барои қабул кардани мерос ҷалб карда шудааст аз қабули мерос даст кашад, нисбат ба вай муносибатҳои меросӣ қатъ мегардад ва ӯ аз ин муносибатҳо хориҷ карда мешавад. Ворис ҳуқуқ дорад, дар давоми шаш моҳ аз рӯзе, ки ӯ дар бораи қабул кардани мерос даъват шуданашро донист ё бояд медонист. Аз мерос даст кашад. Ҳангоми мавҷуд будани сабабҳои узрнок ин мӯҳлатро мумкин аст, суд дароз намояд, аммо на бештар аз ду моҳ. Ворис бо гузашти вақти ба ӯ пешниҳод шуда ҳукуқи даст кашидан аз меросро гум мекунад. Ӯ ин ҳуқуқро ҳамчун то гузаштани мӯҳлати ношондодашуда гум мекунад, агар ба ихтиёрдории молу мулки меросӣ шурӯъ карда бошад ё онро ихтиёрдорӣ карда бошад, ё барои гирифтани ҳуҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи ӯ ба ин моликият муроҷиат намуда бошад. Дар баробари ин аз ҷониби ворис даст кашидан аз қабули мерос боиси ба вуҷуд омадани дигар оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Барои соҳиб шудан ба мерос, ворис ҳуқуқ дорад онро қабул намояд. Қабул кардани он ё рад кардани он аз ҷониби ворис, ҳамчун аҳди яктарафа эътироф карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки қабул кардани мерос аз ҷониби ворис бо ягон шарт ё эзоҳот иҷозат дода намешавад, чунки қабул кардани мерос ҳуқуққабулкунии умумӣ буда ворис метавонад тамоми молу мулки ба ӯ таалуқдоштаро бе ягон тавзеҳот қабул намояд аз он даст кашад. Ҳамон вақт аз тарафи ворис мерос қабулгардида эътироф мешавад, агар ӯ воқеъан ба соҳиби молу мулки меросӣ шурӯъ намояд ё вақте ки ӯ ба мақоми нотарити маҳалли кушода шудани мерос дар хусуси қабули мерос ариза пешниҳод намояд. Чунин амалҳо аз ҷониби ворис бояд дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушода шудани мерос, ба анҷом расонида шаванд.

---

[14] Ниг.: Гражданское право. Т. 3 Особенная часть. Абсолютные гражданско-правовые формы: в 2 кн. Книга 2: учебник для бакалавриата ва магистратуры/В.А.Белов. - М.: Изд. Юрайт.2014. - С.384

[15] Ниг.: Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т. 3.- 4-е изд, перераб. и доп. /Под ред. А. П. Сергеева, Ю.К. Толстого. –М: ТК Велби, Издво Проспект, 2005. –С. 644-645.

[16] Ниг.: Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми сеюм: Китоби дарсӣ/Зеро таҳрири Ш. Т. Тағойназаров. Душанбе, 2014, С. 284

Агар ворис меросро қабул намояд, пас нисбат ба ворис давраи дуюми инкишофи муносибатҳои меросӣ оғоз мегардад ва он тол вақте идома меёбад, ки агар тақдири молу мулки меросӣ муайян карда нашавад. Масалан, бо роҳи тақсим кардани он байни ворисон, расмӣ гардонидани ҳуқуқҳои меросӣ ва ғайра17. Дар натиҷаи қабулкардани мерос нисбати ворис ҳуқуқ ба мерос ба вуҷуд меояд ва вобаста ба молу мулки меросӣ мерос метавонад дори ҳеқуқи ашёӣ ё ҳуқуқи уҳдадорӣ гардад. Ба вуҷуд омадани ҳуқуқи ашёи нисбат ба ворис, яъне аз меросгузор ба ворис гузаштани ин ё он ашёӣ бо нишони инфиродӣ муайян дар назар дошта мешавад, ки минбаъд ворис, ҳуқуқи моликияти нисбат ба ин ашёро ба даст меорад. Имконияти ҷой доштани ҳуқуқҳои уҳдадорӣ (ҳуқуқи субъективии талабкунӣ ё уҳдадории субъективии иҷро намудани ин ё он амал ба манфиати шахси дигар) дар муносибатҳои меросӣ, истисно карда намешавад. Ҳуқуққабулкунии меросӣ, умумӣ буда маънои қабулкардани на танҳо ҳуқуқҳо, инчунин уҳдадориҳои меросгузорро низ дар назар дорад.

Ҳангоми қабул кардани уҳдадориҳо, ворис ҷойи меросгузорро дар он ҳолатҳое иваз мекунад, ки ӯ шахси уҳдадор, ба ҳисоб мерафт. Масалан, агар молу мулки меросиро корхона ташкил диҳад, дар чунин ҳолат ворис метавонад ба сифати кредирор дар муносибат бо қарздорони меросгузор ва ҳам ба сифати қарздор дар муносибат бо кредиторони меросгузор баромад кунад. Худи корхона тибқи КМ ҶТ Ҳамчун комплекси молу мулкӣ тамоми намудҳои молу мулкӣ барои фаъолияти он пешбини гардида, аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, бино, иншоот, таҷҳизот асбобу анҷом, ашёи хом, маҳсулот, ҳуқуқи талаб, қарз, инчунин ҳуқуқ ба аломатҳои фардикунанда, маҳсулоти он, кору хизматрасонӣ (номи фирмавӣ, тамғаи мол, тамғаи хизматрасонӣ) ва ҳуқуқи мустаснои дигар дохил мешавад.

Таркиби муносибатҳои меросӣ. Таркиби ин муносибатҳо ба монанди дигар муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ аз субъект ва мазмун иборат мебошад. Баъзе муаллифон қайд мекунанд, кисубъектони муносибатҳоимуносибатҳои меросӣ, пеш аз ҳама меросгузор (васиятгузор) ва ворисон, ки тибқи қонун ва ё васиятнома барои қабули мерос ҷалб шудаанд, инчунин дигар шахсон, ки ба сифати ворис баромад намекунанд, масалан иҷкунандаи васиятнома ва ё мерос гирандагон (отказо получатели) баромад карда метавонанд18. Ба андешаи мо чунин нуқтаи назар қобили дастгирӣ нест, чунки ба сифати субъекти муносибатҳои меросӣ ворис ё ворисони ӯ ки барои қабул кардани мерос ҷалб шудаанд, баромад мекунанд. Нисбати ба меросгузор қайд кардан зарур аст, ки ӯ минбаъд дар баробари фавташ субъекти ягон муносибат шуда наметавонад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии меросгузор бо баробари фавти ӯ қатъ гардида, субъекти ҳуқуқ умуман аз байн меравад. Дар муносибатҳое, ки бо кушода шудани мерос алоқаманд мебошанд, шахсони ваколатдор ворисоне ба ҳисоб меравaнд, ки барои қабул кардани мерос, ҷалб карда мешаванд19. Ҳамзамон дигар нуқтаи назар ҷой дорад, ки мутобиқи он субъектони ҳуқуққабулкунии меросӣ, меросгузор ва ворисон баромад мекунанд20.

Дар КМ ҶТ номгӯи пурраи ворисоне, ки метавонанд барои қабулкардани мерос ҷалб карда шаванд, чунин муқарар карда шудааст:

Шаҳрвандони дар лаҳзаи кушодани мерос зинда;

Кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос зинда таваллуд шуда;

Шахсоне, ки дар васиятнома зикр гардидаанд;

Шахсони ҳуқуқие, ки дар васиятнома зикр гардидаанд ва дар вақти кушода шудани мерос соҳибҳуқуқии онҳо қатъ нагардида аст;

---

[17] Ниг.: Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т. 3.- 4-е изд., перераб. и доп. / Под ред. А. П. Сергеева, Ю.К. Толстого.- М: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. – С. 645.

[18] Ниг.: Наследственное право: учеб. Пос /Под ред. Н.А. Волковой, М.В. Максютина.-2-е изд., перераб. И доп.- М.: ЮНИТИ-ДАНА. Закон и право.2012.-С. 29.

[19] Ниг.: Антимонов Б.С., Граве К.А. Советское наслесдственное право.-М.: Юр. лит-1995.-С. 55.

[20] Ниг.: Российское гражданское право: учебник: В 2т. Т. 1: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интеллектульные права. Личные неимущественные права /Отв. ред. Е.А. Суханов. -4-е изд., стереотип.-М.: Статус, 2015.- С. 647.

ҶТ тибқи васиятнома;

Давлатҳои хориҷи тибқи васиятнома;

Ташкилотҳои байналмилали тибқи васиятнома;

ҶТ нисбат ба молу мулки меросии шахшуда (выморочное имущество) тибқи қонун

Унсури дигар муносибатҳои меросиро мазмуни он ташкил медиҳад. Мазмуни муносибатҳои меросӣ гуфта, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни он дар назар дошта мешавад. Мазмуни муносибатҳои меросӣ, яъне ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ворисон аз он вобастааст, ки ба таркиби молу мулки меросӣ, кадом гӯруҳи ҳуқуқҳо дохил мегарданд. Баъди муайян гардидани таркиби молу мулки меросӣ ҳаҷми ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои меросӣ аниқ мегардад ва мумкин аст, ки онҳо дар муносибатҳои мутлақ ва ё нисбӣ қарор гиранд. Масалан, агар таркиби молу мулки меросӣ аз ҳуқуқҳои моликият ва ҳуқуқҳои ашёгӣ, ҳуқуқҳои уҳдадорӣ иборат бошад, мутаносибан ворисон дар чунин ҳолат дар муносибатҳои гуногуни гражданӣ – ҳуқуқӣ ворид мегарданд.

Шахс дар вақти ҳаёт будан метавонад дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ қарор дошта бошад, дар баъзе муносибатҳо ба сифати кредитор ва дар дигар муносибатҳо ба сифати қарздор. Аз сабаби ҳуқуққабулкунии меросӣ хусусияти умуми дорад, ба ворисе, ки меросро қабул кардааст, на танҳо ҳуқуқҳо инчунин уҳдадориҳои меросгузор мегузарад. Танҳо он ҳуқуқу уҳдадориҳое мегузаранд, ки дар қонун муқарар карда шудааст. Гузариши ҳуқуқҳо аз меросгузор ба ворис маънои онро дорад, ки ворис метавонад ин ё он ашёро ба ҳуқуқи моликиятӣ қабул кунад, дорои ҳуқуқи талабкунӣ нисбати ин ё он қарздори меросгузор гардад ё аз натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии меросгузор фоида ба даст орад ва ғайра. Аммо, гузариши уҳдадориҳо бошад, боиси он мегардад, ки ворис дар чунин ҳолатҳо на ба сифати кредитор ё шахси ваколатдор, балки ба сифати қардор иштирок мекунад. Масалан, пардохт кардани қарзҳои меросгузор, дар муносибатҳои қарзӣ, содир кардани ин амал ба манфиати кредитор ва ғайра.

Ҳамин тавр дар натиҷаи қабул кардани мерос, ворис иштирокчии муносибатҳои аз ҷиҳати табиати ҳуқуқӣ гуногун шуда метавонад, ки дар баъзе чунин ҳолатҳо ҳамчун донандаи ҳуқуқ ва дар баъзеи дигар муносибатҳо бошад, дорандаи уҳдадорӣ мегардад.

Унсури дигари муносибатҳои меросӣ объекти он ба ҳисоб меравад. Умуман, объекти муносибатҳои гражданӣ – ҳуқуқӣ гуфта, он чизе дар назар дошта мешаванд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии тарафҳои чунин муносибат ба он равона карда шудааст ё ба он таъсир мерасонад. Дар адабиёти ҳуқуқи дигар нуқтаи назар низ ҷой дорад, ки мутобиқи он объекти муносибатҳои гражданӣ – ҳуқуқӣ, мувофиқан ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии гражданӣ, ба мазмуни он дохил мегардад, ин фаъолияти (амалӣ) субъектони муносибати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад21. М.Д. Егоров қайд мекунад, ки ба сифати объекти муносибати гражданӣ – ҳуқуқӣ амалӣ субъектони он, ки ба неъматҳои гуногуни моддӣ ва ғайри моддӣ равона карда шудаанд, баромад мекунад22. Муносибатҳои мероси нисбат ба мерос ба вуҷуд меоянд, мувофиқан объекти муносибатҳои меросӣ, ки ҳуқуку уҳдадориҳои субъектон ба он нигаронида шудаанд, худи мерос баромад мекунад.

## Рӯйхати адабиёти истифодашуда


1. Антимонов Б.С., Граве К.А. Советское наследсдственное право.-М.: Юр. лит-1995
2. Гражданское право. Т. 3 Особенная часть. Абсолютные гражданско-правовые формы: в 2 кн. Книга 2: учебник для бакалавриата ва магистратуры/В.А.Белов. - М.: Изд. Юрайт.2014


[21] Ниг.: Российское гражданское право: учебник: В 2 т. Т. 1: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интелектуальнные права. Личные неимущественные права /Отв. ред. Е.А. Суханов. -4-е изд., стереотип.-М.: Статут, 2015.-С.120.

[22] Ниг.: Гражданское право: учебник. Часть 1. Изд. 6-е, перераб. И доп. /Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. М.: «ТК Велбии», 2002.-С.99.

3. Гражданское право: учеб. /С.С. Алексеева.-2-е изд., перераб. и доп.-М.: Проспект; Екатеринбуг: Институт частного право, 2010.
4. Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т. 3.- 4-е изд, перераб. и доп. /Под ред. А. П. Сергеева, Ю.К. Толстого. –М: ТК Велби, Издво Проспект, 2005.
5. Гражданское право: учебник. Часть 1. Изд. 6-е, перераб. И доп. /Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. М.: «ТК Велбии», 2002
6. Мананников О.В. Наследственное право России: Учебное пособие. – М.: Издателсько – торговая корпорация «Дашкови К», 2004.-С.32-33.
7. Маҳмудов М.А., Менглиев Ш. М. Ҳуқуқи хусусии римӣ, (фишурдаи лексияҳо)-Душанбе: Сино.-
8. Наследственное право: учеб. Пос /Под ред. Н.А. Волковой, М.В. Максютина.-2-е изд., перераб. И доп.-М.: ЮНИТИ-ДАНА. Закон и право.2012.-С. 29.
9. Наследственное право: учебное пособие /О.П. Попова.-Хабаровск: Изд-во Тихоокеан.гос. ун-та
10. Оид ба масъалаи ивазшавии шахсон дар уҳдадорӣ муфассал нигаред: Ҳуқуқи уҳдадорӣ /Зери таҳрири профессор Ғаюров.Ш.К. Гурӯҳи муаллифон. Душанбе:”СИНО”, 2016.-(Муаллифи боб-Бобохонов Ҳ.З.)
11. Российское гражданское право: учебник: В 2 т. Т. 1: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интелектуальнные права. Личные неимущественные права /Отв. ред. Е.А. Суханов. -4-е изд., стереотип.-М.: Статут, 2015.
12. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. /Зери тахрири Маҳмудов М. А.-Душабе:<<ЭР-граф>>, 2012.

## ҶОЙИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ ДАР ПАРТАВИ МУҚАРРАРОТИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сафарзода Эраҷ — унвонҷуи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон

Аннотатсия: мақола дар партави муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷою манзалати ҳокимияти иҷроия дар низоми ҳокимияти давлатӣ бахшида шудааст. Таъкид мешавад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон афкори пешқадами сиёсию ҳуқуқии ҷаҳониро дар бар гирифта, консепсияи сифатан нави ҳокимияти иҷроияро мустаҳкам намуд. Муаллиф дар асоси таҳлили ҳуқуқӣ ба хулоса меояд, ки асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳокимияти ичроия такмили минбаъдаро металабанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин ҷода бо назардошти дастовардҳои илмӣ таълиф ёфта, бояд дар қонунгузорӣ баёни босубот дошта бошанд.

Калидвожаҳо: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷзияи ҳокимият, ҳокимияти иҷроия, консепсияи ташкили ҳокимияти иҷроия, низоми боздошт ва муқовимат, Президенти ҷумҳурӣ, Ҳукумати Тоҷикистон.

Фаъолияти муваффақонаи давлат чун ташкилоти сиёсию ҳуқуқии ҷомеа аз самаранокии кори ҳамаи дастгоҳи давлатӣ вобаста аст. Дастгоҳи мазкур чун маҷмуи мақомоте тавсиф меёбад, ки функсияҳои гуногуни давлатро амалӣ мекунанд. Дар ҷаҳони муосир беш аз ду ҳазор халқияту миллатҳо арзи вуҷуд доранд, вале камтар аз дусадтои онҳо соҳибдавлат мебошанд. Асри гузашта – асри XX-ум дар ташаккули миллати тоҷик ва мутташакил гаштани он нақши ҳалкунанда бозид. Таъсиси Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии сотсиалистӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ва рушди минбаъдаи он ҳамчун давлатӣ

соҳибистиқлол, ҳар кадом марҳилаҳои нибатан мустақил бошанд ҳам, равобити ногусастанӣ доранд, зеро таҷҷассуми тағйири сифатӣ касб намудани ҳамон як ҷомеа маҳсуб мешаванд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон афкори пешқадами сиёсию ҳуқуқии ҷаҳониро дар бар гирифта, тавсифҳои моҳиятии давлат ва самти инкишофи ҷомеаро муайян менамояд [1]. Аз ҷумла, бори аввал дар сатҳи конститутсионӣ принсипи «таҷзияи ҳокимият» мустаҳкам гардид, ки дастоварди бузурги хиради инсонӣ буда, аҳамияти муайянкунандаи худро дар таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ собит намудааст. Ҳоло татбиқи ин қоида дар тарҳбандии конститутсионии сохторҳои ҳокимиятӣ чун омили зарурии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд эътироф меёбад. Назарияи таҷзияи ҳокимият иқтидори бузурги ташкилию ҳуқуқӣ дошта, татбиқи он на фақат тафриқаи функсионалии идораи корҳои давлатӣ, балки таъсису инкишофи сохторҳои мушаххаси давлатиеро тақозо менамояд, ки ба шохаҳои гуногун мутаалиқ буда, дар маҷмуъ чун низоми ягонаи амалисозии ҳокимияти давлатӣ баромад менамоянд [2].

Дар шароити муосир барои Тоҷикистон фаъолияти самарабахши ҳокимияти иҷроия, таъсиси низоми чандир ва муносиби мақомоте, ки идораи давлатии ҳамарӯзаро амалӣ месозанд, аҳамияти махсус касб менамояд. Маҳз ҳамин шохаи ҳокимияти давлатӣ ба маҷмуи гуногунранги мақомоту хадамот, ҳайати бисёршумораи кадрии хизматчиёни давлатӣ соҳиб мебошад. Тавсифи воқеии ҳокимияти иҷроия нишондиҳандаи сатҳи рушди давлат буда, ин ҳолат аҳамияти онро дар низоми давлатдории муосир ошкор менамояд. Ҳокимияти иҷроия василаи асосии идораи давлатӣ аст ва аз ин боис зарурияти айнӣ дошта, тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ асоснок таъкид мегардад, аксар чун фаъолияти ташкилии давлат баромад мекунад [3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷзияи классикии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шудааст: қонунгузорӣ, иҷроия ва суд. Ҳар кадоме аз шохаи ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколати худ мустақиланд ва тобеи якдигар нестанд. Вале ин мустақилияти шохаҳои ҳокимияти давлатиро мутлақ фаҳмидан дурст нест, зеро ҳеҷ яке аз онҳо бидуни ширкати дигар шоха доираи бештари вазифаҳои функсионалии худро баррасӣ ва ҳал карда наметавонад. Ин тамоси шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо бо номи «низоми боздошт ва муқовимат» маъмул аст, ки тавассути он ҳамоҳангии механизми ҳокимияти давлатӣ таъмин мегардад. Масалан, мувофиқи Конститутсия қабули қонунҳо салоҳияти Маҷлиси Оли бошад ҳам, танҳо баъди имзои Президент қонун эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Ё худ - таъсиси Ҳукумати ҷумҳурӣ салоҳияти Президенти ҷумҳурӣ бошад ҳам, дар ташкили ин мақоми ҳокимияти иҷроия Маҷлиси Олӣ низ иштирок дорад: ҳамаи фармонҳои Президент дар бораи таъину озод намудани аъзои Ҳукумати мамлакат ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод мегарданд. Ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар таъсиси сатҳи олии ҳокимияти судии кишвар низ ҳамкорӣ доранд. Чунин тарзи ташкили ҳокимиятдории расмӣ ба назорати тарафайн ва муҳимаш – мувозинати байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд [4].

Проблемаҳои фаъолияти ҳокимияти иҷроия дар шароити ислоҳоти низоми идораи давлатӣ, ки дар Тоҷикистон сурат дорад, ба аҳамияти махсус молик аст. Ин ислоҳот, пеш аз ҳама, фаъолияти низоми ҳокимияти иҷроия ва нақши он дар таъмини идораи давлатии корҳои ҷомеа ва давлат нигаронида шудааст. Он он ҷузъи таркибии маҷмуи дигаргунсозиҳои куллии ташкилию ҳуқуқии дар чумҳурӣ идомадошта буда, ба дигар шоҳаҳои ҳокимияти давлатӣ ва тамоси ҳамдигарии онҳо низ дахл дорад. Таҷзияи ҳокимият тамосу таъсири мутақобилаи шохаҳои ҳокимият, умумият ва ягонагии сиёсати давлатиро дар масоили умумӣ инкор намекунад. Баръакс, он ба таъмини ягонагии амали ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ дар партави нақш ва вазифаҳои асосии давлат равона мешавад [5].

Консепсияи ҳокимияти иҷроия, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон мустаҳкам шудааст, сифатан нав буда, аз низоми идораи хоси замони қаблии шуравӣ куллан фарқ мекунад. Моҳияти навовариҳо пеш аз ҳама, аз он бармеояд, ки дар ҷумҳурии мо шакли идораи ҷумухрии президентӣ ҷорӣ шудааст. Тавре дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ олими

шинохтаи соҳавӣ Б.Ҳ. Раззоқов асоснок таъкид менамояд, консепсияи расмӣ бо чанд хусусияти муҳим фарқ мекунад:

-якум, ҳокимияти иҷроия пурра ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутаалиқ дониста шудааст: акнун Президент чун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия тавсиф меёбад;

-дуюм, ба зиммаи Президент мувофиқи Конститутсия роҳбарии Ҳукумати мамлакат низ вогузор гардид, яъне ӯ ҳамзамон Раиси Ҳукумати Тоҷикистон мебошад;

-сеюм, таъсири бевосита ташкилию фармоишии ҳокимияти қонунгузорӣ ба фаъолияти Ҳукумат маҳдуд гардид;

-чорум, низоми ҳокимияти иҷроия дар симои Президенти ҷумҳурӣ кафили ташкилӣ пайдо кард;

-панҷум, ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таасури доимии Президенти кишвар қарор гирифта, ӯ бо истифода аз ваколатҳои муҳим ва васеи худ дар соҳаи идораи давлатӣ ба мазмуни фаъолияти ҳамаи зинаҳои ҳокимияти иҷроия таъсири муайянкунанда пайдо кард [6].

Ҳеҷ кадом мақоми дигари ҳокимияти давлатӣ хуқуқ надорад, ки самт ва салоҳияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро аз худ намояд. Гузариши функсияҳои ҳокимияти иҷроия ба дигар мақомот – қонунгузорӣ ва ё судӣ аз нигоҳи қонун номумкин буда, заминаи ҳуқуқӣ надорад. Бо ин сабаб, Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилияти ташкилии ҳокимияти иҷроияро хеле васеъ намудааст. Якум, аз салоҳияти ҳокимияти қонунгузорӣ функсияҳои ташкилию амрдиҳандагӣ нисбати мақомоти ҳокимияти иҷроия хориҷ шудаанд. Дуюм, зинаҳои пешбарандаи низоми ҳокимияти иҷроия айни ҳол бо ширкати бевосита ва ҳалкунандаи Президент таъсис меёбанд. Сеюм, дар таъсиси зинаҳои поёнии ҳокимияти иҷроия зинаҳои болоии он таъсири муайянкунанда доранд. Чорум, субъектҳои ҳокимияти иҷроия назди Президент масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошанд. Панҷум, функсияҳои назоратии ҳокимияти қонунгузор низ маҳдуд гашт: парламенти кишвар дар симои Маҷлиси намояндагон иҷрои буҷети давлатиро назорат мекунад. Ҳамин тавр, низоми сифатан нави ҳокимияти иҷроия дар каламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шуруъ намуд, ки ягонагӣ, тобеъияти зинавӣ, яккасардорӣ, таъинотӣ – принсипҳои асосии таъсиси он маҳсуб мешаванд.

Мақомоти ҳокимияти иҷроия аз таъсири ҳокимияти қонунгузорӣ (намояндагӣ) тамоман озод нестанд. Ҳокимияти қонунгузорӣ воситаи асосии таъсиррасонии роҳбарикунанда ва таъсисдиҳандаро ба фаъолияти низоми ҳокимияти иҷроия дар ихтиёр дорад - қабули қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии барои иҷро ҳатмӣ. Ғайр аз ин, тавре дар боло ишора шуд, мақоми қонунгузории кишвар зимни таъсиси Ҳукумати ҷумуҳурӣ низ ширкат дорад. Дар банди 4-и м.69-уми Конститутсияи ҷумҳурӣ омада, ки Президент фармонҳои худро дар бораи таъин ва озод намудани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод менамояд. Тартиби ба ҳамин монанд нисбати таъину озод намудани роҳбарони воҳидҳои марзию маъмурӣ - вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо пешбинӣ шудааст, ки тамоси Президенти ҷумҳуриро бо мақомоти намояндагиии маҳаллӣ нишон медиҳад: Президент раисони вилоят, шаҳр ва ноҳияро таъину озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод менамояд.

Ҳокимияти иҷроия дар доираи салоҳияти худ, ки дар Конститусия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст, мустақиман бе мувофиқа бо мақомоти шохаҳои дигари ҳокимият фаъолият мебарад. Ваколатҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия аз мақсад ва таъиноти иҷтимоии он дар ҷомеа баромада, нақши ҳокимияти иҷроияро дар низоми ягонаи ҳокимияти давлатӣ ошкор месозанд. Масалан, таҳлили мазмуни моддаҳои 9, 62, 64, 69, 73, 76, 77, 79-и Конститутсияи кишвар нишон медиҳад, ки фаъолияти ҳокимияти иҷроия, пеш аз ҳама, ба амалисозии қонунҳо, яъне ташкили иҷрои Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ нигаронда шудааст.

Ҳокимияти иҷроия бо мавзӯъ ва доираи фаъолияти худ аз дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ҷиддан фарқ дорад. Таъиноти асосии он – ташкили иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои

меъерӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Маҳз ҳамин самт моҳияти тамоми фаъолияти ҳокимияти иҷроия, мазмуни салоҳияти мақомоти онро ташкил дода, хислати зерқонунӣ доштани ҳама асноди онро муайян месозад. Шикастани ин “қолаб” ё худ кӯшиши “бурун ҷастан” аз ҳукми меъёри қонун, сарфи назар кардани қонун ба он оварда мерасонад, ки мақомоти иҷроия тавсифи муҳими конститутсионии худро гум мекунанд. Мутаасифона, ҳанӯз ҳам дар асноди меъерӣ-ҳуқуқии амалкунанда ва лоиҳаи қонунҳои таҳияшаванда хислати иҷроиявии фаъолияти ин сифат мақомот равшан ифода намеебад. Тарҳи амал “дар асос ва ба мақсади иҷрои қонун” барои ҳокимияти иҷроия ҳоло ҳам муайякунандаи мазмуни фаъолият нагаштааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати мақомоти ҳокимияти иҷроия ваколати нашри санадҳои ҳуқуқӣ ва ширкат дар раванди қонунэҷодсозиро мустаҳкам менамояд (м.м. 58, 70, 74, 79). Муқаррароти мазкур нишонаи дахолат ба соҳаи ҳокимияти қонунгузорӣ нест, баръакс, он вазифаи қонунгузори миллиро сабук намуда, ҷараёни ташкили иҷрои қонунҳои ҷумҳуриро нисбатан чандир месозад. Мақомоти ҳокимияти иҷроия худ низ ваколати меъёрэҷодсозӣ доранд. Зиёда аз он, аз истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мақомоти ҳокимияти иҷроия метавонанд лоиҳаи қонунҳоро таҳия намуда, бо тартиби муқарраршуда ба баррасии қонунгузор пешниҳод созанд. Чунин тарзи ташкили кор дар такя ба малакаи касбии ҳомилони ҳокимияти иҷроия сурат мегирад. Он имкон медиҳад, ки таклифҳои бесасос мавриди таҳияи қонунҳо сарфи назар гардида, оқибати татбиқи санад баҳо гирад.

Ҳокимияти иҷроия назди ҷомеа ва давлат асосан на барои таҳияи қонунҳо, балки тавре дар боло ишора шуд, барои ташкили иҷрои қонунгузорӣ масъул мебошад. Дар ин самт ҳокимияти иҷроия мебояд барномаҳои мушаххас таҳия ва пиёда созад, асноди зерқонунии зарурӣ нашр намуда, татбиқи амалии меъерҳои қонунро самарабахш гардонад, дар самти баланд бардоштани савияи ҳуқуқии шаҳрвандон чорабиниҳои васеъ анҷом диҳад, зинаи татбиқи қонунҳо, меъёрҳои алоҳидаи онҳоро таҳлил намуда, чораҳоро оид ба бартараф намудани ҷанбаҳои манфӣ ва нуқсони онҳо анҷом диҳад ва ғ. Амалисозии ҳамаи ин самтҳоро бидуни таъсиррасонии ҳамарӯза ва доимии идоракунандагӣ ба ҷараёнҳои ҷомеӣ, муносибатҳои чамъиятӣ ва дар маҷмӯъ ҳадафҳои идора тасаввур намудан номумкин аст. Ҳокимияти иҷроия барои ба роҳ мондани равобити мураккаби ҷомеӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-маданӣ ва маъмурӣ-сиёсӣ, фаъолияти созандагӣ ва муҳофизатӣ зарур аст. Ин вазифаро бо назардоштии гуногунранг будани муносиботи ҷамъиятӣ дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ӯҳда карда наметавонанд. Танҳо иқтидори ҳокимияти иҷроия қодир аст, ки дар ҳаҷми пурра ин самтро ба зимма гирад.

Дар давлати муосири ҳуқуқбунёд ва демократӣ ҳокимияти иҷроия тобеи дигар рукнҳои ҳокимияти расмӣ нест, он мустақиман фаъолият бурда, ба неруи бузурги созанда соҳиб аст. Аз ин боис, дигар рукнҳои ҳокимият ҳуқуқ доранд, ки аз болои он назорат баранд. Агар ҳокимияти иҷроияро бо дигар рукнҳои ҳокимият муқоиса намоем, вай аз рӯи иқтидору тавоноӣ дар ҷои аввал меистад. Захираҳои моддӣ ва молиявии кишвар, номгӯи васеи мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, сохторҳои қудратӣ (артиш, милитсия, дигар хадамоти махсус) дар ҳокимияти иҷроия андӯхт шудаанд. Ҳокимияти иҷроия чун рукни нисбатан зудамали ҳокимияти давлатӣ боқӣ монда, ҳамеша бо ифодаи маҷозӣ «даст дар набзи ҳаёт» дорад. Мутаасифона, чанде пеш дар афкори ҷомеӣ ва доираҳои илмӣ ин рукни ҳокимият аксар ба таъбиди беасос қарор мегирифт, вале ҳоло ҳамагон шоҳиди аҳамияти рӯзафзуни маъмурияти умумӣ дар таъмини амнияти инсон, ҷомеа ва давлат, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, пешгирии таҳдидҳои ҷаҳонӣ мебошем.

Таҳлили меъёрҳои конститутсионӣ ва муқоисаи онҳо бо санадҳои ҷории қонунгузорӣ дар соҳаи идора собит менамоянд, ки қонунгузор на ҳамеша аз ӯҳдаи иҷрои ин вазифаи масъулиятнок мебарояд. Самти фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳанӯз ҳам танзими дақиқи ҳуқуқӣ наёфтааст, зиёда аз он – вазъи имрӯзаи иқтисодӣ дар санадҳои меъёрии соҳаи идора инъикоси дуруст надорад. Ба ақидаи мо, чунин вазъ пеш аз ҳама, аз он сабаб сар зада, ки принсипи «таҷзияи ҳокимият» чун арзиши бузурги иҷтимоӣ ва нерӯи ҳокимияти иҷроия чун шохаи ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби афкори ҷомеӣ ба пуррагӣ дарк ва қабул нашудааст. Тасаввуротҳои кӯҳнаи соддалавҳона нисбати ҳокимият ва ҳокимиятдорӣ қувват доранд.

Масалан, ҳанӯз ҳам дар санадҳои навини қонунгузорӣ ва ҳатто асару мақолаҳои илмӣ ибораҳои «мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идора», «мақомоти ҳокимият ва идора» истифода мегарданд, ки ба таълимоти нави расмии ҳокимияти давлатӣ чандон мувофиқ нестанд.

Тарҳи конститутсионии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили минбаъда ниёз дорад. Мисоли равшани он аз ҷумла, таҳлили вазъи ҳуқуқии Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Ҳукумат) шуда метавонад. Тавре маълум аст, меъёрҳои конститусионӣ ҳайат, самтҳои асосӣ ва шаклҳои фаъолияти ин мақом, масъуляти он, маҳдудиятҳоро барои аъзои он мустаҳкам сохтанд. Моддаи алоҳида ба самтҳои тамоси Ҳукумат бо мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор - Маҷлиси Олӣ бахшида шудааст (м.75). Вале масоили зиёд марбут ба вазъи ҳуқуқии Ҳукумат аз доираи танзими анъанавии конститусионӣ-ҳуқуқӣ берун мондаанд. Дар натиҷа мақоми мазкур дар пардаи ҳуқуқии ноқис, номуайян ва сертаззод зуҳур намуд, ки баҳododи якранги ҳуқуқиро ба он душвор мегардонад. Дар боби алоҳидаи Конститутсия мустаҳкам шудани мақоми Ҳукумат нишонаи нақши мустақил доштанаш дар механизми давлатӣ бошад, дар ҳеҷ шакл тавсиф наёфтани он ва норавшан мондани мавқеаш дар низоми таҷзияи ҳокимият ишорати ба сохтори ёридиҳанда шабоҳат доштанаш мебошад. Зиёда аз он, бори аввал дар таҷрибаи конститусионӣ–ҳуқуқӣ Ҳукумат дар ягон шакл номгузорӣ низ нагардид.

Мазмуни Конститутсия дар ифодаи тарҳи ҳокимияти иҷроия ба таври возеҳ гуногунрангии афкори ҷомеаро инъикос намудааст. Ҳинни муҳокимаи лоиҳаи Конститутсияи навин дар афкори ҷамъиятӣ баҳси доманадор атрофи масоили интихоби шакли идора сурат дошт ва таззоди ақоид ба мазмуни сифатии баъзе аз меъёрҳои конститусионӣ бетаъсир намонд. Ҳангоми баҳодод ба меъёрҳои костититутсионӣ нисбати ҷойи Ҳукумат чунин ба чашм мерасад, ки из ибтидо ба он нақши машваратӣ, ёридиҳанда нисбат додаанд. Дар ин қолаб Ҳукумат чун сохторе касб мекунад, ки дар амалӣ гаштани ваколатҳои Президенти кишвар дар соҳаи идораи давлатӣ мусоидат намуда, пеш аз ҳама, роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодию иҷтимоиро таъмин месозад. Агар ин нигоҳ асоси воқеӣ дошта бошад, пас барои номгузории алоҳидаи Ҳукумат ва дар боби алоҳидаи Конститутсия мустаҳкам кардани вазъи хукукии он зарурат арз надошт.

Меъёрҳои конститутсионӣ дар тавсифи ҳуқуқии Ҳукумат тасдиқи босубот зоҳир намесозанд. Барои мисол, аз моддаи 64-уми Констиутсия бармеояд, ки Президенти ҷумҳурӣ чун сардори давлат айни замон роҳбарии Ҳукуматро низ ба ӯҳда дорад. Вале дар моддаи 73-юми Конститутсия ин хулосаи мантиқӣ тасдиқ намеёбад: ҳангоми номбар намудани ҳайати Ҳукумати ҷумҳурӣ (Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ) Президент, ки сардори Ҳукумат аст, ёдрас намешавад. Ҳукумат мақоми пешбарандаи ҳокимияти иҷроия аст ва дар ташкили самарабахши идораи давлатӣ нақши махсус мебозад. Номуаянӣ дар танзими мавқеи ҳуқуқии он муддати мадид вуҷуд дошта наметавонад ва ба ислоҳи ҷиддӣ ниёз дорад.

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ барои Тоҷикистон омили муайянкунандаи такмили идора истифодаи оқилонаи неруи инсонӣ мегардад, ки ду ҷанбаро дар бар мегирад: салоҳияту кордонии ходимони давлатӣ ва иштироки ҳамаҷонибаи шаҳрвандон дар идораи давлатӣ. Сухан дар бораи ноил гаштан ба сифати нави ҳокимиятдории расмие меравад, ки дар он давлат ва мақомоти он чун намунаи риояи талаботи қонун ва меъёрҳои умумэътирофи маъмурӣ баромад намуда, номгӯйи дақиқи хизматрасониҳои давлатиро барои ҷомеа дар сатҳи баланд анҷом медиҳанд. Танҳо чунин тартиб метавонад яке аз омилҳои таъмини самарабахшии идораи давлатӣ ва устувории пойдевори давладории миллии тоҷикон гардад. Ин мақсад зарурати тадқиқ ва ошкорсозии он сарчашма ва омилҳоеро талаб дорад, ки моҳияти замонавии идораи давлатиро дар марҳилаи муосир муайян карда, сатҳи ташкили онро баланд мебардоранд.

Ҳамин тавр, Конститутсияи навини Тоҷикистони тозаистиқлол дастоварди бузурги ҷомеа ва афкори ҳуқуқӣ мебошад. Мақсади асосии Конститутсия дар соҳаи идораи давлатӣ таъсиси ҳокимияти иҷроияи пурзӯр мебошад. Ҷомеа низ дар роҳи гузариш ба асосҳои бозоргонӣ ва пешравии ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳокимияти иҷроия фаъол ва муқтадир

ниёз дорад. Аз ин рӯ, хеле муҳим ва зарур аст, ки тарҳи дар Конститутсия мустаҳкамгаштаи ҳокимияти иҷроия дар қонунгузории ҷорӣ таҳриф наёфта, инкишофи босубот ва мантиқи асоснок пайдо намояд. Ҳамзамон, меъёрҳои конститутсионӣ ба такмили минбаъда ниёз доранд. Ин хулоса бахусус ба он меъёрҳое тааллуқ дорад, ки асосҳои ташкили ҳокимияти иҷроияро мустаҳкам месозанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин ҷода мебояд бо назардошти дастовардҳои охирини илмӣ таълиф ёфта, баёни босубот дошта бошанд ва ҳамаи санадҳои қонунгузорӣ бо онҳо ҳамоҳанг бошанд. Танҳо зимни чунин муносибат, ки ба инобати хосиятҳои маъмули ҳокимияти иҷроия такя дорад, метавон низоми устувори роҳбариро ба даст овард.

Адабиёт:

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016. С.8.
2.Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. Душанбе, 2013. С.97.
2.Исполнительная власть в России. История и современность, проблемы и перспективы развития /Отв. ред. Н.Ю.Хаманева. М., 2004. С.10.
3.Зойиров Р.,Хакимов Ш. Эволюция Конституции как Основного Закона (историко-теоретическое и сравнительно-правовое исследование). Душанбе, 2004. С.254.
5.Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. Душанбе, 2007. С.12.
6.Раззоқов Б.Ҳ. Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дастури илмӣ-методӣ. Душанбе, 2006. С.37.

## ШИРКАТҲО ВА ТАНОСУБИ ОНҲО БОҶАМЪИЯТҲОИ ХОҶАГИДОРӢ

Емомова А — Магистранти курси 2-юми ихтисоси 240103- ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ширкатҳои хоҷагидорӣ ва баррасии вазъи ҳуқуқии онҳо дар ҳоли ҳозир мубрам мебошад. Бо он мақсад, ки дар шароити имрӯза, ширкатҳои гуногуни тиҷоратӣ ташкил шуда, дар иқтисоди бозорӣ амал намуда истодаанд.

Мувофиқи банди 2 моддаи 50 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикисто ташкилоти хоҷагидорӣ дар шаклҳои зерин ташкил карда мешавад:

- ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ;
- кооперативҳои истеҳсолӣ;
- корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ.

Аломати асосии ташкилоти хоҷагидорӣ инҳо мебошанд:

а) максади асосии онҳо гирифтани фоида мебошад.

б) фоидаи ба дастовардашуда дар байни иштирокчиён тақсим карда мешавад.

Гурӯҳи якуми ташкилоти хоҷагидорӣ ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ мебошад. Мафҳуми ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Мувофиқи банди 1 моддаи 69 Кодекси номбурда ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ширкатҳои тиҷоратие мебошанд, ки сармояи оинномавиашон (харифонаашон) ба ҳиссаи (пасандозҳои) муассисон (иштирокчиён) тақсим шудааст.

Ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ метавонанд, манфиати соҳибкорони алоҳида ва гурӯҳи соҳибкоронро ифода намоянд [1].

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳои хоҷагидорӣ дар шакли ширкати комил, ширкати ба боварӣ асосёфта таъсис дода мешаванд.

Ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бошанд, дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, ҷамъиятҳои дорои масъалияти иловагӣ ташкил карда мешаванд.

Фарқи ширкатҳои хоҷагидорӣ аз ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ асосан дар он аст, ки иштирокчиёни ширкатҳои хоҷагидорӣ дар фаъолияти вай иштирок менамоянд. Аз ин сабаб як шахс ҳуқуқ дорад, иштирокчии факат як ширкат бошад.

Хусусияти асосии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар он аст, ки дар онҳо бештар моликияти иштирокчиёни муттаҳид карда мешавад. Иштирокчиёни ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ барои ӯҳдадориҳои ташкилот масъулият надоранд (ба ғайр аз ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ).

Ба мисли дигар ташкилоти хоҷагидорӣ ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бояд сармояи оинномавӣ дошта бошанд. Сармояи оинномавӣ ин ҳиссаҳои маблағи иштирокчиёни ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ мебошад, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсис қайд шудаанд. Пул, коғазҳои қимматнок, дигар ашё, ҳуқуқи молу мулкӣ, ё дигар ҳуқуқи дорои арзиши пулӣ метавонад, ҳисса ё амволи ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бошанд.

Арзиши пулии саҳми иштирокчии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бо мувофиқаи муассисон (иштирокчиён) – и ҷамъияту ширкат муайян карда, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун метавонад аз тафтиши мустақилонаи экспертӣ гузаронида шавад.

Фаромӯш набояд кард, ки ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ агарчи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба вуҷуд омада бошанд ҳам, дар дигар мамлакатҳои тараққикардаи сармоядорӣ хеле барвақт пайдо шудаанд.

Аввалин ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ аллакай дар асри XVII амал менамуданд. Масалан, дар Англия дар ибтидои асри XVII ширкати Ост – Индия, Ширкати бонки Англия таъсис дода шуда буданд. Дар Франсия онҳо асри XVIII ба вуҷуд омаданд. Кодекси савдои Франсия, ки соли 1807 қабул гардида буд, ташкили ширкатҳои саҳҳомиро пешбинӣ менамуд.

Тавре ки қайд карда шуд, мафҳуми ширкатҳои хоҷагидорӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ мафҳуми нисбатан нав мебошад. Ин мафҳум ҳам дар Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар илми ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ба давраи нави хоҷагидорӣ, яъне иқтисоди бозорӣ гузаштан пайдо гардид. То солҳои 90 – уми асри гузашта дар Қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мафҳум истифода намешуд.

Воқеан, гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ на танхо ширкатҳои хоҷагидорӣ, балки намудҳои дигари ташкилотҳоро низ ба вуҷуд оварад.

Дар банди 1 моддаи 50 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ширкатҳои хоҷагидорӣ чунин муқаррарот вуҷуд дорад: Ташкилотҳое ашхоси ҳуқуқи хоҷагидорӣ буда метавонанд, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд. Аз меъёри ҳуқуқии дар боло зикргардида чунин бармеояд, ки тамоми шахсони ҳуқуқиро ба ду гурӯх ҷудо кардан мумкин аст: ширкатҳои хоҷагидорӣ ва ширкатҳои ғайрихоҷагидорӣ. Чунин тақсимоти ташкилотҳо (шахсони ҳуқуқӣ) аз рӯи мақсади асосии фаъолияти онҳо ба амал бароварда шудааст.

Ширкатҳои хоҷагидорӣ пеш аз ҳама шахси ҳуқуқӣ мебошанд ва онҳо бояд он аломатхое, ки барои ашхоси ҳуқуқӣ хос аст дошта бошанд. Маълум аст, ки аломатхои шахси ҳуқуқӣ инҳо мебошанд: муттаҳидии ягона, молу мулки алоҳида доштан, ҷавобгарии мустақилона доштан, дар муомилоти гражданӣ аз номи худ мустақилона баромад карда тавонистан.

Аксари аломатҳои мазкур дар моддаи 48 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Дар банди дуюми моддаи номбаршуда шахсони ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳ тақсим карда шудаанд:

- шахсони ҳуқуқие, ки иштирокчиёнашон нисбати онҳо ҳуқуқу ӯҳдадорӣ доранд;

- шахсони ҳуқуқие, ки муассисони онҳо ба амволашон ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи дигари ашёӣ доранд.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи якум ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ дохил карда шудааст. Ба гурӯҳи дуюми шахсони ҳуқуқӣ корхонаҳои воҳид аз ҷумла корхонаҳои фаръӣ, инчунин муассисаҳое дохил мешаванд, ки аз ҷониби молик маблағгузорӣ карда мешаванд. Бояд гуфт, ки шарҳи аломатҳои шахсони ҳуқуқӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд нест. Онро

мо дар китобхои илмиву таълимӣ ёфта метавонем [1]. Аломатҳои шахси ҳуқуқи инҳо мебошанд:

1. Муттаҳидии ягона аломати якуми ашхоси ҳуқуқӣ аз ҷумла ширкатҳои хоҷагидорӣ мебошад. Ташкилоти хоҷагидорӣ бояд ба тарзи муайян ташкил карда шавад. Сохторҳои дохилии он бояд ба мақсаду вазифаҳояш ҷавобгӯ бошанд. Фаъолияти ташкилоти тиҷоратиро макомоти он амалӣ менамояд.

Ягонагии ташкилоти хоҷагидорӣ дар оиннома ё низомномаи умумӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, ё созишнома ифода меёбад.

Сохтори дохилии ташкилоти хоҷагидорӣ низ дар оиннома ва шартномаи таъсис муайян карда мешавад.

2. Молу мулки алоҳида доштан. Аломати дуюми ташкилоти хоҷагидорӣ молу мулки алоҳида доштан ҳисоб мешавад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ базаи моддӣ доштан барои таъсиси ширкатҳои хоҷагидорӣ ниҳоят муҳим мебошад. Молу мулки ширкатҳои хоҷагидорӣ аз ҳисоби маблағҳои иштирокчиён ба вуҷуд меояд, ки барои фаъолияти онҳо зарур мебошад. Муттаҳид намудани воситаҳои гуногун ба як комплекси алоҳида, ҷамъ намудани маблағҳои пулӣ имконият медиҳад, ки корхона, истеҳсолот, иҷрои кор ва хизматрасониҳоро ба роҳ монад.

Молу мулки ҳар як ташкилоти хоҷагидорӣ дар баланси мустақилонаи он акс карда мешавад.

3. Ҷавобгарии мустақилона аломати дигари ташкилоти хоҷагидорӣ мебошад. Ҳар як ташкилоти хоҷагидорӣ нисбат ба ӯҳдадориҳои худ мустақилона, яъне худ ҷавобгар мебошад. Мутобиқи моддаи 57 Кодекси мадании ҶумҳурииТоҷикистон ашхоси ҳуқуқӣ аз ҷумла корхонаҳои хоҷагидорӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо тамоми амволашон масъулият доранд. Аз рӯи ӯҳдадориҳои худ масъулият доштани ташкилоти хоҷагидорӣ ҳам ин маъноро низ ифода менамояд, ки шахси даъвогар дар мавриди иҷро накардани ӯҳдадорӣ аз тарафи ҷавобгар ҳуқуқ дорад бо молу мулки вай талаб пешниҳод намояд.

4. Дар муомилоти гражданӣ аз номи худ мустақилона баромад карда тавонистан. Бо аломати мазкур корхонаи хоҷагидорӣ ҳамчун субекти ҳуқуқ характери пурра мегирад [4]. Корхонаи хоҷагидорӣ ҳуқуқ дорад барои манфиат ва ҳуқуқҳои вайроншудаи худ даъво пешниҳод намояд, ҳамчунин барои даъвои пешниход намудаи дигар шахсони ҳуқуқӣ ҷавоб диҳад.

Аломати мазкурро соҳиб будани ташкилоти хоҷагидорӣ ҳамчунин мустақилона бо дигар ашхос бастани шарномахои гражданиро низ ифода менамояд. Дар ҳолати ҷой доштани асосҳои (аломатҳои) дар боло номбаршуда корхонаи хоҷагидорӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад, ки агар он дар мақомоти дар қонунгузорӣ пешниҳод шуда, ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Ширкатҳои хоҷагидорӣ аз вақти шахси ҳуқуқӣ эътироф шуданаш ба қобилияти ҳуқуқдорӣ соҳиб мешавад. Субъекти ҳуқуқ будани шахс қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ доштани вай аст.

Дар илми ҳуқуқи гражданӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ ба ду намуд ҷудо карда шудааст: қобилияти ҳуқуқдории маҳдуд ва қобилияти ҳуқуқдории умумӣ (универсалӣ). Қобилияти ҳуқуқдории умумӣ (универсалӣ) ба субъект имконият медиҳад, ки ӯ тамоми ҳуқуқу ӯҳдадориҳои гражданиро соҳиб бошад. Масалан, шаҳрвандонро ҳам ба ин гурӯҳ дохил кардан мумкин аст.

Қобилияти ҳуқуқдории маҳдуд ба корхонаҳо мансуб аст. Бояд қайд намоем, ки ин корхонаҳои хоҷагидорӣ аз ин қоида истисно мебошанд. Дар банди якуми моддаи 49 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ширкатҳои хоҷагидорӣ, ба истиснои корхонаҳои воҳид ва дигар намудҳои ширкатҳои пешбинӣ намудаи қонун метавонад ҳуқуқу ӯҳдадориҳое дошта бошад, ки барои татбиқи ҳар намуди фаъолияти бо қонун манъношуда заруранд. Дар ҳолатҳое, ки қонун талаб менамояд, баъзе фаъолиятҳо дар асоси литсензия сурат мегиранд. Ҳамин тавр, қобилияти ҳуқуқдории корхонаҳои хоҷагидорӣ нисбат ба ашхоси ҳуқуқии давлатӣ васеътар мебошад [1].

Албатта, нисбат ба корхонаҳои давлатӣ васеъ будани қобилияти ҳуқуқдории ташкилоти хоҷагидорӣ тақозои давраи иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад. Фаромӯш набояд кард, ки қобилияти ҳуқуқдории ташкилоти хоҷагидорӣ аз лаҳзаи ба қайдгирии он ба вуҷуд меояд ва баробари барҳам додани он қатъ мегардад.

Бояд зикр кард, ки барои баъзе фаъолиятҳо бояд корхонаи хоҷагидорӣ иҷозатномаи махсус дошта бошад. Чунин иҷозатнома аз тарафи мақомоти махсуси давлатӣ, ки дар як соҳаи хоҷагии халқ амал менамояд, дода мешавад.

Барои гирифтани иҷозатнома (литсензия) бояд корхонаи хоҷагидорӣ (ташкилоти хоҷагидорӣ) ба мақомоти дахлдор: ариза, нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, санади бақайдгирии давлатии ташкилот, ҳуҷҷат дар бораи супорида шудани маблағ барои гирифтани иҷозатнома ва дигарҳоро пешниҳод намояд. Қарор дар бораи дода шудани иҷозатнома бояд дар давоми 1 моҳ қабул карда шавад.

Дар ҳолати пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти бардурӯғ ва нодуруст ё хулосаи манфии экспертҳо мумкин аст, иҷозатнома дода нашавад. Иҷозатнома ё литсензия оид ба ҳар як намуди фаъолият алоҳида дода мешавд. Дар ҳолати қатъ гардидани фаъолияти ташкилоти хоҷагидорӣ ичозатнома ё литсензия низ қатъ мегардад.

Мувофиқи моддаи 54 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти хоҷагидорӣ бо мақомоташ, ки дар асоси қонунҳои амалкунанда ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайян мегардад, иҷрои ӯҳдадориҳои гражданиро бар зимма мегирад, ҳуқуқи мадании худро амалӣ менамояд.

Шахсоне, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ аз номи ташкилоти хоҷагидорӣ баромад мекунанд, бояд ба манфиати ташкилоти хоҷагидорӣ софдилона хизмат намоянд.

Агар дар қонун ё ҳуҷҷатҳои таъсис тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, мақоми ташкилоти хоҷагидорӣ вазифадор аст, ки бо талаби муассисони (иштирокчиёни) тишкилоти хоҷагидорӣ зиёнеро, ки ӯ ба корхона расонидааст, ҷуброн намояд. Ҳамин тавр, барои фаъолияти ташкилоти хоҷагидорӣ мақоми он аҳамияти ниҳоят калон дорад.

Ҳар як ташкилоти хоҷагидорӣ бояд дар асоси нишонаҳои худ аз дигар шахсони ҳуқуқӣ фарқ дошта бошад. Фарқ намудани шахсони ҳуқуқиро дар ҳуқуқи гражданӣ фардикунонӣ (индивидуализатсия) мегӯянд.

Якчанд асосҳои қонунии фардикунонии шахси ҳуқуқӣ азҷумла ширкатҳои хоҷагидорӣ вуҷуд дорад, ки инҳоянд: маҳали ҷойгиршавии ташкилоти хоҷагидорӣ, тамғаи мол, маркаи истеҳсолӣ.

1). Маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти хоҷагидорӣ маҳалле мебошад, ки вай дар он ҷо ба қайд гирифта шудааст (моддаи 55 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти хоҷагидорӣ дар ҳуҷҷатҳои таъсис нишон дода мешавад, бояд маҳалли ташкилоти хоҷагидорӣ аниқ бошад, зеро ба маҳалли ҷойгиршавии он ҳуҷҷатҳо фиристода мешавад, ӯҳдадориҳои гуногун ба иҷро расонида мешавад.

2). Номи фирмавӣ [5] воситаи дуюми фардикунонии такилоти хоҷагидорӣ мебошад. Номи фирмавӣ номи махсуси ташкилоти хоҷагидорӣ буда, яке аз ҷузъҳои ҳуқуқи шахсии гайримолумулкии вай ба ҳисоб меравад. Дар банди 4 моддаи 55 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки ташкилоти хоҷагидорӣ бояд ҳатман номи фирмавӣ дошта бошад.

Номи фирмавӣ ба шакли ташкили – ҳуқуқии ташкилоти хоҷагидорӣ ҳатман бояд ишора намояд (дар ин бора дар боби 2 маълумот дода мешавад). Ҳуқуқ ба номи фирмавӣ ҳуқуқи мутлаки ташкилоти хоҷагидорӣ мебошад. Тартиби қайди номи фирмавии ширкатҳои тиҷоратиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Номи фирмавии ташкилоти хоҷагидорӣ дар асоси қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад.

3). Тамғаи молӣ воситаи сеюми фардикунонии ташкилоти хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Муносибатҳое, ки оид ба тамғаи молӣ ба вуҷуд меоянд, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молу хизматрасонӣ» аз 5 марти с.2007[4, С.128] танзим карда мешаванд.

Тамғаи молӣ аз расм, калимаву ибора ва дигар намудҳои ифодаҳои рамзӣ иборат мебошад. Тамғаи молӣ барои ҷудо кардани моли як корхонаи хоҷагидорӣ аз дигар ширкатҳои истеҳсолкунанда ёрӣ мерасонад.

Ширкатҳои тиҷоратие, ки ба хизматрасонӣ машғул мебошанд, бояд тамғаи хизматрасонӣ дошта бошанд. Мувофиқи қонуни дар боло номбаршуда шахси дигар тамғаи моли ташкилоти тиҷоратиро бе иҷозати вай истифода бурда наметавонад. Тамғаи молие, ки танҳо аз нишонаҳои рамзу байрақ, эмблемаи давлатӣ, номи расмии давлатҳо, номи ихтисоршуда ё пурраи ширкатҳои байналхалқи, байниҳукуматӣ, тамғаи расмии назоратӣ, мӯҳр, нишонаи динӣ ва ғайра иборатанд, ба қайд гирифта намешавад. тиҷоратиро бе иҷозати вай истифода бурда наметавонад.

Тамғаҳои молие, ки маълумоти нодурустро дарбар мегиранд ё шахсро дар хусуси мол ё истеҳсолкунандаи он ба иштибоҳ меандозанд, аломатҳое, ки аз ҷиҳати мазмун хилофи манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои инсондӯстӣ ва ахлоқӣ мебошанд, низ ба қайд гирифта намешаванд.

Талабнома барои қайду сабти тамғаи молӣ ба мақоми давлатии муҳофизати ихтироот ва бақайдгирии тамғаҳои молу хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Пас аз санҷиши пешакӣ ва ҷавобгӯи талаботи қонун будани он дар бораи сабту тамғаи молӣ қарор қабул карда мешавад. Додани шаҳодатномаи тамғаи молӣ аз ҷониби Идораи патентӣ дар давоми як моҳи пас аз санаи бақайдгирии тамғаи молӣ дар Феҳрист сурат мегирад.

Шакли шаҳодатнома ва таркиби маълумотеро, ки ба он ворид мегардад, мақоми патентӣ муқаррар менамояд.

Қайду сабти тамғаи молӣ дар давоми 10 сол аз рӯзи расидани талабнома ба мақоми давлатӣ эътибор дорад. Ин мӯҳлатро дар асоси аризаи ташкилоти хоҷагидорӣ ҳар дафъа ба муддати даҳ сол дароз кардан мумкин аст. (моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молу хизматрасонӣ»).

4). Маркаи истеҳсолӣ [3, С.234] воситаи дигари фардикунонии ташкилоти хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Маркаи истеҳсолӣ навиштаҷоти луғавӣ дар бораи ташкилоти хоҷагидорӣ, номи фирмавии он, номи мол, стандарти он, хусусиятҳои моли истеҳсолшуда ва дигар маълумотҳоро дар бар мегирад.

Ному ҷои истеҳсол барои тарғибу ташвиқи мол ёрии калон мерасонанд. Аз ин рӯ дар маркаи истеҳсолӣ номи маҳал низ зикр мегардад. Масалан, оби минералии Шоҳамбарӣ, қолинҳои шаҳри Қайроққум, самоворҳои Тула, тоқиҳои Чуст ва монанди инҳо [5, С.128].

### Руйхати адабиёти истифода шуда


1. Гражданского право. Учебник. Том 1. / Под. ред. А. П. Сергеева и Ю. К. Толстого. – М. Проспект, 2006.
2. Тихомирова Л.В., Тихомиров М.Ю. Юридическая энциклопедия. – М Юринформцентр,2000.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молу хизматрасонӣ» аз 5 марти с.2007//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2007.- №3. – М.167.
4. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми I. Китоби дарсӣ / Дар зери таҳрири М.А. Маҳмудов. – Душанбе: «Эр-граф», 2007
5. Словарь иностринных слов- М., Рус. яз., 1979. – С. 543.

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШИРКАТҲО ВА ҶАМЪИЯТҲОИ ХОҶАГИДОРӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ХОРИҶӢ

Емомова А. Магистранти курси 2-юми ихтисоси 240103- ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Калидвожаҳо**: ширкат, корпоратсияҳо, коопоратив, мунитсипал, тиҷорат, ташкилотҳои динӣ, саҳҳомон.

Ҳама корпоратсияҳо дар ИМА ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд: умумӣ (public), нимумумӣ (quasi-public), соҳибкорӣ (bisiness) ва ғайри соҳибкорӣ (non-profit). Олимони амрикоӣ Речман Д. М. Мескон, К. Боуви ва Д. Тилл ҳамин таснифро пешниҳод мекунанд, аммо якчанд истилоҳҳои дигарро истифода мебаранд: 1) корпоратсияҳои давлатӣ (ширкатҳо, ки аз ҷониби ҳукумати федералӣ ё ҳукумати штатҳо бо мақсади махсус таъсис дода шудааст); 2) корпоратсияҳои квазидавлатӣ (корхонаҳои тиҷоратӣ, ки дар хизматрасонии асосии ҷамъиятӣ дорои монополия мебошанд); 3) корпоратсияҳои хусусӣ, ки ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо мешаванд.

Ба корпоратсияҳои умумӣ мақомотҳои давлатӣ ва мунитсипалӣ (шаҳрҳо, оҳияҳо, деҳаҳо) дохил мешавад. Онҳо қисми таркибии дастгоҳи давлатӣ мебошанд, ки дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ буда фаъолияти идоракуниро дар доираи ҳудуди муайян ба амал мебарорад. Дар низоми ҳуқуқи континенталӣ ин гунна ташкилотҳо мақомотҳои давлат номида мешаванд ва ба қатори корпоратсия дохил карда намешаванд. Корпоратсияҳои нимумумӣ онҳоеро меноманд, ки ба ниёзи умумии аҳолӣ хизмат мекунад, масалан корпоратсияи таъмини газ, об, қувваи барқ, корпоратсияи обёрикунӣ, корпоратсияи роҳи оҳан ва ғайра.

Дар ин ҳолат истилоҳи корпоратсияро нисбат ба ташкилоте, ки бо маблағи андозсупорандагон амал намуда вазифаро оид ба хизматрасонӣ барои таъмини ниёзи аҳолӣ бар душ дорад истифода мекунанд. Корхонае, ки ба шакли моликияти давлатӣ (корпоратсияи мудофиавӣ, кайҳонӣ ва ғ.) дохил карда шудааст, саҳмияҳояш низ ба давлат тааллуқ доранд. Вазъи ҳуқуқии онҳо бо дигар намуди корпоратсияҳо монанд мебошад. Аммо дар як қатор ҳолатҳо ба онҳо имтиёз дода мешавад, масалан онҳо аз андозбандӣ, ҷавобгарии ғайришартномавӣ озод ҳастанд.

Ҳамаи дигар корпоратсияҳо ба гурӯҳи хусусӣ дохил мешаванд, яъне онҳое, ки дар таъсиси онҳо давлат иштирок намекунад ва он бо ташаббуси шаҳрвандон ба мақсади таъмин намудани манфиати шахсии худ тасис дода шудааст. Корпоратсияҳои хусусӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: соҳибкорӣ ва ғапйрисоҳибкорӣ. Ба корпоратсияҳои ғайрисоҳибкорӣ ташкилотҳои динӣ, корпоратсияҳо дар соҳаи маориф (мактабҳо, коллеҷҳо ва донишгоҳҳои давлатӣ), фондҳои хайрия дохил мешаванд.

Онҳо мақсадашон ба даст овардани фоида нест, агар фоида ба даст ояд онро ба мақсади оинномавӣ, ки ба сифати ғайрисоҳибкорӣ таъсис дода шудааст истифода мекунанд. Корпоратсияҳои соҳибкорӣ ба мақсади ба даст овардани фоида таъсис дода мешавад. Онҳо дар байни корпоратсияҳои дар боло номбаршуда аз нуқтаи назари мақоми иқтисодӣ вазъияти ҳукмронро соҳиб мебошанд. Масалан, мувофиқи маълумоти Идораи омории ИМА дар соли 1984 дар мамлакат 3 млн. корпоратсия амал мекард, ё 5 % аз шумораи умумӣ бо назардошти 13 млн. соҳибкори инфиродӣ ва 1 млн. ширкат, аммо 87 % даромади умумии фаъолияти соҳибкорӣ ба корпоратсияҳо тааллуқ дошт. Таъсири сиёсии корпоратсияҳои мазкурро мукин аст ҳамчун аҳамиятнок баҳогузорӣ кунанд: онҳо яке аз гурӯҳҳои мустаҳками ҳалкунанда ба ҳисоб мераванд ва дар бисёр ҳолатҳо қонунгузорро водор месозад, ки ба онҳо аҳамият диҳанд.

Корпоратсияҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногун фаъолият мекунанд: дар соҳаи саноат, нақлиёт, савдо, хизматрасонии комуналӣ ва умуман дар дигар соҳаҳои хоҷагӣ. Инчунин бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ҷудо карда мешаванд, ки танзими махсуси ҳуқуқиро

талаб мекунанд.Таснифи корпоратсияе, ки дар ҳуқуқи англосаксонӣ истифода мешавад чунин аст[2].

Дар низоми ҳуқуқи англосаксонӣ корпоратсияи соҳибкорӣ ин ҷамъияти саҳҳомӣ мебошад. Дар низоми ҳуқуқи континенталӣ бошад ба таври дигар аст. Дар ҳуқуқи континенталӣ истилоҳи корпоратсия асосан ба истилоҳи шахси ҳуқуқӣ монандӣ дорад. Аз ин лиҳоз корпоратсияро мумкин аст ҳамчун ташкилоти колективӣ, ташкилоте, ки ба сифати шахси ҳуқуқӣ эътироф шудааст ва ба саҳмгузории якҷоя асос ёфта ба ягон фаъолияти манфиатноки иҷтимоӣ машғул аст баҳо диҳем. Корпоратсияро бо аломатҳое, ки дар мафҳуми мазкур нишон дода шудааст таҳлил мекунем.

Яккум, корпоратсия ҷамъи оддии шахсон нест. Вай ассотсиатсия, иттиҳоди одамон аст, яъне коллективи муташаккиле мебошад, ки иродаи он бо манфиати гурӯҳ аз номи фардҳое, ки ба ҳайъати он шомиланду аз номи худ ҳамчун ташкилоти ва молумулки ягона амал мекунанд, муайян карда мешавад.

Дуюм, корпоратсия - иттиҳоди на танҳо одамон, инчунин сармояи онҳо. Доираи шахсоне, ки сармояи худро барои таъсиси фаъолияти корпоратсия мегузоранд, инчунин метавонанд ҳаҷми сармояро дар ҳама вақти мавҷудияти корпоратсия ба таври ҳатмӣ муайян кунанд. Ба он давлатро, шумораи асосии саҳмияҳо-дорандаи пакети саҳмияҳои назорат, саҳҳомони бузурги дигар, ки ба ҳайси онҳо чи ташкилот ва чи шахсони алоҳида баромад мекунанд, инчунин саҳмгузорони хурдро-саҳҳомонро шомил намудан мумкин аст. Сармояҳои номаршуда асоси молиявии корпоратсияро ташкил медиҳад. Сармояе, ки муассис ё иштирокчии корпоратсия мегузорад, метавонад дар шакли истеҳсолии он мавҷуд бошад, яъне ҳамчун комплекси истеҳсолию хоҷагии муайян ё дар шакли молу мулки мушаххас мавҷуд бошад. Одатан ин дар таъсис намудани корхонаҳои хурд, ки дар шакли ширкат баромад мекунанд ҷой ддорад. Дар намуди молумулки мушаххас сармоя ба корпоратсия тааллуқ дорад. Иштирокчиёни корпоратсия бошанд молики сармоя чун арзиш боқӣ мемонанд.

Сеюм, корпоратсия - ин иттиҳоди одамон барои амалӣ намудани ягон намуд фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ мебошад. Чигуна фаъолият манфиатнок мебошад бевосита дар қонун пешбинӣ нашудааст. Одатан намудҳои фаъолият, ки зарарнок эътироф шудаанд, ба ҷамъият хатарноканду манъ карда шудаанд нишон дода мешаваду халос. Дигар боқимондаи онҳоро мувофиқи принсипи «он чи, ки манъ карда нашудааст, иҷозат аст» ҳуқуқ доранд амалӣ намоянд. Фаъолияти корпоратсия метавонад дар срҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба амал бароварда шавад. Ҷои асосиро албатта соҳаи истеҳсолот, соҳае, ки дар он ҷо неъматҳои моддӣ истеҳсол карда мешавад соҳиб мегардад. Он равиш ва имконияти дигар соҳаҳоро муайян мекунад, аз қабили хизматрасонӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра.

Сармояе, ки дар корпоратсия ҷамъ оварда шудааст бояд амалӣ карда шавад, яъне доимо дар «ҳаракат» бошад, барои ба мақсадҳои дар назди корпоратсия гузошташуда расидан истифода шавад. Фаъолият оид ба истифодаи самараноки сармояи дар корпоратсия ҷамъовардашуда ва барқарор намудани ягон намуд фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ хеле мушкил аст. Ана барои чи дар дохили корпоратсия шуъбаҳои махсусгардондашуда (шуъбаҳо, сеххо, минтақаҳо) ҷудо карда шудааст, ки таъсири мутақобила байни онҳо бо ёрии идоракунии дар дастгоҳи мо таъсиснамуда ба даст оварда мешавад. Билохира аломати чорум, ки дар мафҳуми корпоратсия зоҳир гардидааст, чунин маъно дорад, ки ташкилоти колективӣ он вақте корпоратсия ҳисобида мешавад, ки агар вазъи ҳуқуқии шахси ҳуқуқиро соҳиб шаванд. Ба ин факти бақайдгирии он дар мақомоти давлатӣ гувоҳӣ медиҳад. Бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ – ин қоидаи муҳим на танҳо барои ҶТ, ки ба низоми ҳуқуқи романно-олмони шомил аст, балки барои бисёр мамлакатҳои ҳуқуқи континенталӣ низ ба шумор меравад.

Хусусиятҳои таъсис ва фаъолияти корпоратсия дар ИМА.

Дар замони имрӯза дар ИМА шакли гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии корхонаҳо мавҷуд ҳастанд. Ҷараёни бақайдгирии ҳар яки онҳоро вобаста аз штаташон фарқ намудан мумкин аст.

Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии тиҷорат. Агар дар бораи умуман мамлакат ҳарф занем, пас ҳама штатҳо ба сармоягузорони хориҷӣ амалӣ намудани фаъолияти худро дар ИМА бо корхонаҳои дорои чунин шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ иҷозат медиҳад:

1. Sole proprietorships – Соҳибкорони хусусӣ.
2. Partnerships – Ширикӣ бо ҷавобгарии маҳдуд ва номаҳдуд.
3. Corporations – Корпоратсия дар шакли C Corporations ва «S Corporation»s.
4. Limited Liability Companies (LLC) – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд.
5. Foreign Corporation – филиали ширкати хориҷӣ.
6. Joint Venture – корхонаҳои муштарак.
7. Foreign Corporation Representative – намояндагии ширкати хориҷӣ.

Ҳар як шакли моликият дар ИМА хислати ба худ хос, сохтори дохилӣ ва вазъи ҳуқуқӣ, ҳаҷм ва соҳаи фаъолиятро доро мебошад. Ҳар як шакли моликият бартарият ва камбудии худро дорад, чи қадаре ки интихоби ҳар яки онҳо барои молик як дараҷаи муайяни хатарро пеш меорад, ҳамин қадар фоида ҳам дорад.

Аз омӯхтани соҳибкории хусуси оғоз мекунем. Дар ИМА соҳибкори хусусӣ тиҷорати худро соҳиб аст, ҷавобгарии бемаҳдудро оид ба қарзҳова ухдадориҳои корхона бо тамоми молумулк бар душ гирифта идора мекунад. Бақайдгирии расмии соҳибкори хусусиро дар ИМА талаб намекунанд,ба истиснои баъзе аз штатҳо, ки дар он ҷо номи корхона ба қайд гирифта шуда, барои тиҷорат иҷозатнома гирифта мешавад. Соҳибкори инфиродӣ шахси ҳуқуқӣ намебошад ва барои ҳамин ҳам аз нуктаи назари андозбандӣ, ҳама даромади корхона даромади шахсии соҳибкори инфиродӣ буда, дар ИМА мувофиқи ставкаи андози шахсони воқеӣ андозбандӣ карда мешавад. Соҳибкори инфиродӣ оид ба даромад ва хароҷоти худ дар шакли соддакардашуда,ки аудит ва тафтишоти махсуси муҳосиборо талаб намекунад, ҳисобот медиҳад[1].

Дар ИМА ду намуди ширикӣ вуҷуд дорад: бо Чавобгарии маҳдуд ва номаҳдуд. Дар ҳарду намуди ширикӣ шарикон бояд ба шартномаи таъсис имзо гузоранд, ки дар идораи котиботи штат ба қайд гирифта мешавад. Фарқият байни ин ширикиҳо дар он аст, ки шарикбо ҷавобгарии номаҳдуд мавҷудияти ду ва ё зиёда шарикони баробарҳуқуқро пешниҳод мекунад, ки ҷавобгарии номаҳдудро оид ба қарзҳо ва ухдадориҳои ширикӣ дар ИМА ба душ мегирад.

Шарикбо ҷавобгарии маҳдуд мавҷудияти ақалан як шарики генералиро бо ҷавобгарии номаҳдуд ва як ё якчанд шариконро бо ҷавобгарии маҳдуд пешниҳод мекунад, ки ҷавобгарии хусусиро оид ба қарзҳо ва ухдадориҳои ширикӣ дар ИМА танҳо дар ҳаҷми маблағе, ки пешакӣ аз ҷониби шарикон муайян карда шудааст ва дар ҳуҷҷати таъсисӣ нишон дода шудааст, бар душ дорад. Идоракунӣ, назораткунӣ ва қабули қарорро дар ҳарду намуди ширикӣ танҳо худи шарикони генералӣ амалӣ мекунанд. Ширикӣ дар ИМА чун шахси ҳуқуқӣ субъекти андозбандӣ намебошад ва танҳо худи шарикон аз даромадашон барои иштирок дар ширикӣ андоз месупоранд.

Бартарияти андозии ширикӣ ин дар ИМА маҳдуд набудани аъзои он мебошад. Корпоратсияи хурд наметавонад аз 35 аъзо зиёд дошта бошад. Ба ғайр аз ин саҳҳоми он наметавонад шахси хориҷӣ бошад, иштирокчии ширикӣ бошад метавонад шахси хориҷӣ бошад. Ширикӣ мавқеи шакли нави тиҷоратро бо номи ширкат бо ҷавобгарии маҳдуд, ки дар бораш баъдтар ҳарф мезанем маҳдуд намуд.

Корпоратсия. Ин шакли корхона дар ИМА шакли паҳнгашта ва умумии тиҷорат мебошад. Корпоратсия дар ин ҷо танҳо дар шакли саҳҳомон бо ҷавобгарии маҳдуд таъсис дода мешавад. Аз хусусияти андозбанди ҳама корпоратсияҳо ба ду намуд – «C Corporation» ва «S Corporation» ҷудо мешавад. Фарқияти байни ин ду намуд корпоратсия ба пуррагӣ ҳис карда мешавад. Аз он оғоз мекунем, ки фоидаи «C Corporation», чун қоида дукарата андозбандӣ карда мешавад-аз фоидаи худи корхона ва аз дивидендҳое, ки байни саҳҳомон тақсим карда мешавад.

Дар ин ҳолат фоидаи «S Corporation» дар сатҳи корпоратсия андозбандӣ карда намешавад, зеро вазъи андози ин корпоратсия нишон медиҳад, ки ҳама фоидаи корпоратсия

байни саҳҳомон тақсим карда мешавад ва танҳо худи саҳҳомони «S Corporation» дар ИМА андозбандӣ карда мешаванд.

Фарқияти дигари ин ду корпоратсия шумораи саҳҳомон мебошад: агар «S Corporation» ҳуқуқи доштани шумораи бемаҳдуди саҳҳомонро-резидентҳо ва ғайрирезидентҳои ИМА, чи шахсони ҳуқуқӣ ва чи шахсони воқеӣ (дар баъзе ҳолатҳо аз соҳаи фаъолият вобаста аст) дошта бошад, пас «S Corporation» ҳуқуқи доштани на зиёда аз 75 саҳҳомро дорад, ки танҳо шахсони воқеӣ – резидентҳои ИМА (инчунин ба баъзе истсноҳо) буда метавонанд. Ҳама корпоратсияҳои амрикоӣ ҳамчун C Corporations ба қайд гирифта мешаванд. Агар корпоратсия хоҳад, ки чун «S Corporatio» тасниф шавад, пас ин корпоратсия чунин ҳуқукро пас аз ба мақомоти андоз пешниҳод намудани чунин шакл ба даст меорад.

Дар баъзе штатҳои ИМА чунин шакли соҳибкорӣ ба монанди ширкат бо ҷавобгарии маҳдуд бисёр паҳн гаштааст. Он бомуваффақият аломатҳои корпоратсия ва ширкатро ба худ инъикос мекунад.Ширкат бо ҷавобгарии маҳдуд ҳуқуқ дорад аъзои бемаҳдуд дошта бошад-шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, резидентҳо ва ғайрирезидентҳои ИМА дар ин ҳолат ҳуқуқ ва ҷавобгарии аъзоёни ширкат, инчунин тартиби идоракунии ширкатро созишномаи таъсис муайян мекунад. Ҳамчун шахси ҳуқуқӣ Ширкат бо ҷавобгарии маҳдуд дар ИМА субъекти андозбандӣ намебошад ва танҳо худи шарикон аз даромадашон барои иштирок дар шарикӣ андоз месупоранд. Дар ин ҳолат агар ширкат бо як аъзо таъсис дода шавад, пас аз нуқтаи назари баҳисобгирии андоз чунин корхона вобаста аз вазъияти гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ метавонад дар ИМА ҳамчун корпоратсия ё соҳибкори инфиродӣ муаррифӣ карда шавад.

Филиали ширкати хориҷӣ дар ИМА ба монанди он, ки дар мамлакатҳои Аврупо ба қайд гирифта мешавад таъсис дода намешавад. Дар бисёре аз штатҳо филиал метавонад ҳамчун «корпоратсияи хориҷӣ». Ингуна корпоратсияи хориҷӣ дар муносибатҳои андозбандӣ ва маъмуриятчигӣ чун корпоратсияи оддии америкоӣ дида мешавад.

Корхонаи муштарак дар ИМА метавонад бо нақшаи мушаххас ва дар мӯҳлати муайян, дар ҳуҷҷатҳои мувофиқ сабт намуда дар шакли корпоратсия ё ширкат бо низоми мувофиқи андозбандӣ ва маъмуриятчигӣ таъсис дода шавад.

Дар бораи намояндагии ширкати хориҷӣ ҳарф зада қайд намудан зарур аст, ки он ҳуқуқ дорад намояндагии доимии худро дар ИМА бо яке аз ин ду тарзҳои зерин таъсис диҳад:

1.Ширкати хориҷӣ бо агенти мустақил, ки дар ИМА шахси мустақил ва аз ширкати хориҷӣ ҷудо буда, манфиати онро дар ИМА муаррифӣ мекунад қарордод мебандад;

2. Ширкати хориҷӣ агенти вобастаро ба кори доимӣ киро мекунад, ки дар ИМА шахси мустақил набуда аз ширкати хориҷӣ ҷудо мебошад ва манфиати онро дар ИМА доимӣ муаррифӣ мекунад.

Дар ин ҳолат агар намояндагӣ дар ИМА «ҷои доимии амалинамоии фаъолият» дошта бошад намояндагии доимӣ ба сифати субъекти андозбандӣ дар ИМА баромад мекунад. Дар зери ин мафҳум қайдкунии ҷои амалисозии фаъолияти ширкати хориҷӣ дар ҳудуди ИМА (филиал, идора, завод, устохона, ҷои кашшофӣ ва коркарди боигариҳои табиӣ ва ғ.), инчунин ҷойҳои дигаре, ки ба воситаи он дар ИМА ҳама ва ё як қисми фаъолияти хоҷагии ширкати хориҷӣ баамал бароварда мешавад, фаҳмида мешавад.

Хусусиятҳои таъсиси корпоратсия.Чи тавре, ки қайд карда будем, яке аз шаклҳои паҳнгаштаи фаъолияти соҳибкорӣ ин корпоратсия ва намудҳои гуногуни он мебошад. Муҳокимаи пурраи ташкили корпоратсия хо дар тамоми мамлакат мушки ласт аз он сабабе, ки қонунгузории ҳар штат ҷараёни гуногуни ташкили корхонаро пешниҳод мекунад. Мо ҷараёни ташкили корпоратсияи америкоиро дар шакли умумӣ, ки ба қонуни федералии мамлакат мувофиқ аст дида мебароем.

Барои таъсис додани корпоратсия дар навбати аввал тайёр ва имзо намудани шартномаи таъсис зарур аст [4]. Дар он тарафҳо принсипи асосии фаъолияти ҷамъият, таркиби саҳҳомон, уҳдадории тарафҳо ва ҷавобгарӣ ба уҳдадорие, ки дар алоқамандӣ бо вазъи «ширкат дар ҷараёни бақайдгирӣ» ба вуҷуд меояд муайян мекунанд.

Пас аз ба имзо расондани шартнома аз ҷониби ҳама аъзоёни корпоратсия, ба котиби штат, ки дар онҷо бақайдгирӣ баамал баровардa мешавад дархост оид ба номгузории корпоратсия пешниҳод карда мешавад. Ҷавобро оид ба имконияти бақайдгирии корпоратсия бо номи мазкур аз котиби штат гирифта, коркарди оинномаи корпоратсия баамал баровардa мешавад, ки дар оянда ба котиби штат барои муҳокима пешниҳод карда мешавад. Баъд тафтиши ҳуҷҷатҳо аз ҷониби котиби штат баамал баровардa мешавад. Ҳуҷҷатҳоро тафтиш намуда дар мавриди надоштани камбудӣ Котиби штат Сертификатро оид ба бақайдгирии корпоратсия интишор мекунад. Пас аз ин корпоратсия бақайдгирифташуда ба шумор меравад.

Дар ҳама корпоратсияҳо дар баробари оинномa, ҳуҷҷати асосӣ регламент мебошад. Вай ҳуҷҷати дохилӣ буда аз ягон тасдиқоти расмӣ намегузарад. Регламент наметавонад ба Оинномa мухолифат кунад. Ҳангоми пайдоиши баҳс бартариятро Оинномa соҳиб мешавад.

Ҳар як штати ИМА шакли ҳуҷҷатҳои бақайдгирии худро дорад. Ба ғайр аз ин шумораи ҳуҷҷатҳои бақайдгиранда ва мазмуни онҳо аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Масалан, дар штати Невада пас аз бақайдгирии ширкат мувофиқи қонун муассисон уҳдадоранд, ки барои ба амал баровардани тиҷорат иҷозатнома гиранд. Ин иҷозатномаи умумӣ барои ҳама намуди тиҷорат мебошад. Иҷозатнома хислати бақайдгирдорад, аммо пуркунии шумораи зиёди ҳуҷҷатҳо ва пардохти боҷи солонаро талаб мекунад. Дар штати Ню-Йорк бошад хориҷиён умуман корпоратсия таъсис дода наметавонанд.

Дар давоми муддати хеле зиёд штати Делавэр бо қонунгузории нарм ва оддии худ ҳангоми интихоби ҷои бақайдгирии корпоратсияҳо дар ИМА ҷои асосироишғол мекунад. Зиёда аз 350 000 корпоратсия инҷоро ҷои қайди қонунии худ интихоб карданд. Дар солҳои охир ба маркази диққати манфиатҳои потенсиалӣ якчанд штатҳо, ба монанди Вайоминг, Невада ва Орегон барои таъсиси корпоратсияҳо ширкатҳо бо ҷавобгарии маҳдуд ба вуҷуд омадаанд.

Ҳамин тавр, пеш аз он, ки дар ИМА тиҷорат боз кунӣ, шакли ташкилӣ-ҳуқуқии корхонаи ояндаро муайян кунӣ, қонунгузории штатро, ки дар он фирма таъсис дода мешавад бо диққат омузем ва шарти мувофиқтарро интихоб намоем.

Хусусиятҳои таъсис ва фаъолияти корпоратсия дар Британияи Кабир ва дигар низоми ҳуқуқи англосаксонӣ. Мувофиқи қонунгузории англисӣ чор намуди ширкат мавҷуд аст, ки метавонад ба қайд гирифта шавад.

1.Ширкат бо ҷавобгарии маҳдуд – ҷавобгарии ҳамаи саҳҳомон наметавонад аз маблағи напардохтаи саҳмия, ки он дар даст дорад зиёд бошад. Вақте, ки саҳмияҳо баровардa шудаанд, шумораи муайяни саҳмияҳо дар ҳама ширкатҳо мавҷуд аст. Ба ҳар як саҳмия арзиши муайян мавҷуд аст, масалан 100 саҳмия сармояи саҳмиявии ширкатро ташкил мекунад. Дутои он метавонад баровардa шавад ва ба пурргапардохт карда шавад, тавозун ба 98 баробар мешавад ва ин ҳаҷми ҷавобгарӣ нисбат ба ширкат ба шумор меравад.

2. Ширкат бо ҷавобгарии маҳдуди бо кафолат- ҷавобгарии ҳар як аъзои ширкат ва саҳҳомон ба миқдори ҳамон маблағе, ки бо розигиашон ба сармояи ширкат гузоштанд маҳдуд карда шудааст. Ин намуди ширкат асосан барои ба амал баровардани мақсадҳои хайриявӣ вуҷуд дорад ва наметавонад барои бастани аҳде, ки ба гирифтани фоида равона аст истифода шавад.

3. Ширкат бе ҷавобгарии маҳдуд – ин ширкати хусусӣ бея гон маҳдудият барои аъзоёни он мебошад.

4.Ширкати навъи кушода – саҳмияҳои ин ширкат метавонад ба фурӯши умумбаровардa шавад, аммо ҷавобгарии саҳҳомон чун ҷавобгарии ширкат бо ҷавобгарии маҳдуд наметавонад аз ҳадди саҳмияҳои пардохтнашуда, ки дар даст доранд зиёд бошад [4].

Ки метавонад ширкат таъсис диҳад. Мувофиқи қонуни асосшахс метавонад ширкатро ба тамоми мақсади қонунӣ таъсис диҳад агар онро Ассотсиатсияи Меморандум тасдиқ карда бошад. Ширкати навъи кушода, ширкати бе ҷавобгарии маҳдуд бояд на кам аз ду саҳҳом дошта бошад.

Ширкат чигуна таъсис ёфтааст. Ширкат бо кушодашавии Меморандум ва моддаҳои Ассотсиатсия таъсис дода шудааст. Меморандум номи ширкат, ҷойгиршавии идораи бақайдгириро тасдиқ мекунад. Он бояд дар Англия, Уэлс ё Шотландия ҷойгир бошад. Меморандум бобҳои асосиро дар бар мегирад, ба ширкат имконияти дар самтҳои гуногуни тиҷораткор карданро медиҳад. Бобҳои дигари Меморандум аз он вобаста аст, кик адом намуди ширкат ба қайд гирифта мешавад. Меморандум бояд аз ҷониби ҳар як саҳҳом имзо гузошта шавад ва шакли он ба Companies House супорида мешавад.

Моддаҳои Ассотсиатсия қоидаҳоро барои фаъолияти ширкат ва пешбурди корҳои дохилии он тасдиқ мекунад. Инчунин ҳама маълумотҳои директории яккум ва котиб, суроғаи идораи бақайдгириро ба қайд гирифтан зарур аст. Ҳангоми пешниҳод намудани суроға ва номҳо инчунин санаи таваллуд, ихтисоси шахс, номгӯи дигар вазифаҳо дар ширкати Британияи Кабир нишон дода мешавад, ки ба мӯҳлати панҷ сол нигоҳ дошта мешавад. Ҳама хизматчиёни таъиншуда ва саҳҳомон бояд ин шаклро хона два имзо кунад. Шахс метавонад ҳамчун директор ва ҳамчун котиби ширкат амал кунад, ба шарте ки вай директори ягонаи ширкат набошад.

Идораи бақайдгирии ширкат суроғае мебошад, ки ба онҷо тамоми ахборот равона карда мешавад, аз он ҷумла аз Companies House.

Идораи бақайдгирӣ метавонад дар Англия ё Уэлс бошад ва ин бояд барои расондани ахборот ба ширкат бе ягон нигоҳдорӣ суроғаи ҳаққонӣ бошад.

Агар ширкат суроғаи идораи бақайдгириро пас аз таъсисдиҳии он иваз мекунад, пас он уҳдадор мешавад, ки дар ин бора ба Companies House хабар диҳад.

Ширкат бояд чи қадар хизматчдошта бошад. Ҳар як ширкат бояд хизматчии одатан ба ҳама вақт таъиншуда дошта бошад. Ширкати хусусӣ як директор ва котиб талаб мекунад. Мутобиқан бояд ду хизматчӣ бошад, зеро директор наметавонад ҳам котиби ширкат бошад. Ширкати шакли кушода бояд ду директор ва як котиби такмилёфтае, ки вазифаҳояшро иҷро мекунад дошта бошад. Мувофиқи қонунгузории англисӣ ҳама хизматчиёни ширкат дорои гурӯҳи васеи уҳдадорӣ мебошанд.  Агар директор ё котиби нав таъин гардад, ё онҳо ваколатҳои худро гузоранд, ё насаб, суроға ё дигар маълумотҳоро иваз намоянд, ҳамаи ин бояд ба Companies House пешниҳод карда шавад.

Кадом талаботҳо ба директории ширкат пешниҳод карда мешавад. Асосан ҳама шахс метавонад директории ширкат бошад. Он наметавонад дар чунин ҳолат директор бошад:

- ин шахс набояд пештар бо ҳукми суд аз вазифаи директори ширкати дигар сабукдӯш карда шуда бошад;

- шахс набояд бо сабаби иҷро накардани уҳдадориҳояш аз ҷониби суд муфлис эълон шуда бошад. Агар ширкат ширкати шакли кушода бошад, пас шахси аз 70 солагӣ калон метавонад директории корхона бошад, албатта бо розигии маҷлиси ҳамаи аъзоёни ташкилот. Маҳдудияти поёнии синну сол барои вазифаи директорӣ муқаррар нашудааст, аммо ин бояд синну солее бошад, ки барои таъин нмудан кофӣ бошад;

Чигуна номро интихоб намудан мукин аст. Истифодаи ном ба ширкат маҳдуд аст. Companies House номҳоеро, ки бо номҳои дигар ширкатҳо якхелаанд ба қайд намегирад. Калимаҳои муайян наметавонанд истифода шаванд ба ғайр аз ҳолатҳои муайян, инчунин номҳои таҳқиркунанда ба қайд гирифта намешаванд. Инчунин тафтиш намудани номҳо бисёр зарур аст, номҳои интихобшуда ба дигар номҳои бақайдгирифташуда монандӣ дорад ё не. Мегӯянд, ки дар давоми 12 моҳи бақайдгирии ширкат Котиби Давлатӣ метавонад зарурати ивазнамоии номи ширкатро талаб намояд [3].

Ширкати шакли кушода. Ин ширкатест, ки ба гуфтаҳои зерин мувофиқ аст:

- ҳам дар Меморандум ва ҳам дар ном бояд ҳамон факт дарҷ гардад, ки ин PLC. Дар Меморандум бояд банди махсус дарҷ гардад, ки аз PLC будани ин ва номҳои ширкатҳо бояд бо Public Limited Company ба охир расаданашон гувоҳӣ диҳад. Меморандум бояд дар шакли муайян мавҷуд бошад;

- фонди оинномавӣ набояд аз 50 000 фунт стерлинг кам бошад. Пеш аз он, ки ширкат бояд ба кор оғоз намояд саҳмияҳо бояд ба арзиши 50 000 фунт стерлинг тақсим карда шуда бошанд. Чояки он на кам аз 12 500 фунт стерлинг бояд падохт карда шуда бошад;

- PLC-ии азнав таъсисдодашуда наметавонад тиҷоратро оғоз намояд ва восита ба даст орад то он даме, ки сертификати мувофиқи моддаи 117 Қонун дар бораи ширкатҳо соли 1985 (section 117 of the Companies Act 1985), баровардашударо, ки барориши минималии саҳмияҳо (50,000 фунтов стерлинг)-ро тасдиқ мекунад надорад. Маҳдудиятҳои асосии PLC инҳо мебошанд: PLC бояд на кам аз ду директор ва ду саҳҳмдор дар ширкат дошта бошад. Онҳо метавонанд ҳамон шахсон бошанд. Котиб бояд шахсе бошад, ки дорои донишҳои зарурбошад ва вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо иҷро намояд. Дар фарқият аз ширкати бо ҷавобгарии маҳдуд PLC одатан 7 моҳро пас аз ба охир расидани давраи ҳисоботдиҳӣ барои ба Companies House пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ дар ихтиёр дорад. Дар ҳолати вайрон намудани ин мӯҳлат Companies House ҷарима мебандад; PLC наметавонад имтиёзҳое, ки барои ширкатҳои хусусӣ бо ҷавобгарии маҳдуд ё ширкатҳои хурди хусусӣ тааллуқ доранд истифода кунад; PLC наметавонад дар бораи ихтиёран қатъ намудани фаъолият арз кунад.

Бартариятҳои асосии PLC:

- ба бозори сармоя роҳ дорад ва метавонад саҳмияҳои худро барои дар биржаи молфурӯхтан пешниҳод кунад;

- метавонад ширкати рекламавиро бо пешниҳоди хариди саҳмияҳои ширкат оғоз намояд. Барои муқоиса ширкатҳои хусусӣ наметавонанд худашон саҳмияҳояшонро ба фурӯш пешниҳод намоянд;

- агар тиҷорат бобаро шавад, ширкати бо ҷавобгарии маҳдуд метавонад ба ширкати шакли кушода азнав ба қайд гирад. Бояд резолютсияи нав қабул шавад ва нусхаи он бо аризаи мазкур ба Companies House равона карда мешавад;

- ширкати шакли кушода метавонад ба ширкати бо ҷавобгарии маҳдуд бо қабул намудани резолютсияи мазкур азнав ба қайд гирифта шавад. Сармояи саҳмиявӣ бояд кам карда шавад, зарурати фуруши онҳо ба миён меояд, агар онҳо ба моликияти ҷамъиятӣ дохил набошанд.

Конселярияи ширкат. Ҳама ҳуҷҷатҳои ширкат бояд оид ба худ маълумоти муайянро диҳанд. Ширкат бояд аз тарафи берунаи иидора ё он ҷое, ки тиҷорат баамал бароварда мешаванд номи худро дошта бошад. Ном бояд равшан навишта шуда бошад ва хуб намоён бошад. Ном инчунин дар сарлавҳаи мактуби хабардиҳӣ ва интишорҳои расмӣ, инчунин дар чекҳо, фармонҳо, векселҳо ва ғайра мавҷуд бошад. Дар ҳама бланкаҳои ширкат дар баробари ном ва суроға инчунин ҷои бақайдгирӣ ва рақами бақайдгирӣ ҷой дошта бошад. Дар сарлавҳаи бланкаҳо мумкин аст номи директорҳо нишон дода шавад, агар ширкат инро зарур шуморад пас номи ҳамаи директоронро пешниҳод намудан зарур аст.

**Рӯйхати адабиёти истифода шуда**

1. Антимонов Б.С. Основания договорной ответственности социалистических организаций. М., 1962,

2. Д. В Ломакин  Акционерное правоотношение: понятие, содержание, субъекты: Дис. … канд. юрид. наук. – М., 1996. Он же. Акционерное правоотношение. – М.: Спарк, 1997.

3. Суханов Е.А. Гражданское право. Том II. Полутом 2 / Е.А. Суханов – М.: БЕК, 2005г.

4. Учебник по гражданскому праву. /Под ред. Толстого, Сергеева. Часть 1. М.: Проспект, 1998.

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ДИГАР ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТӢ

Емомова А. Магистранти курси 2-юми ихтисоси 240103- ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Фишурдаҳо. Дар мақолаи мазкур вобаста ба вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ сухан меравад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди иқтисодиёти он саҳми назаррасро соҳиб мебошад.

**Калидвожаҳо:** кооператив, фурӯш, истеҳсол, муносибат, фаъолият, ташкилот, тиҷоратӣ, хоҷагӣ, оиннома.

Ба ҳайси ташкилотҳои тиҷоратӣ Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон коопретиви истеҳсолиро номбар намудааст. Ҳолати ҳуқуқии кооперативи истеҳсолӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ»[1] аз 2 декабри соли 20013, муайян карда шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» муносибатҳоро оид ба ташкил, фаъолият ва қатъ шудани фаъолияти кооперативҳо дар соҳаи истеҳсол, коркард, фурӯши маҳсулоти саноатӣ, кишоварзи ва маҳсулоти дигар, иҷрои корҳо, савдо, хизматрасонии маиши ва намудҳои дигари хизмате, ки қонун манъ накардааст, ба танзим медарорад. Кооперативи истеҳсоли (артел) - иттиҳоди ихтиёрии шаҳрвандон дар асоси узвият барои фаъолияти якҷояи истеҳсолӣ ё дигари хоҷагидорӣ мебошад, ки ба иштироки шахсии меҳнати ва тарзи дигари иштирок, инчунин аз ҷониби аъзо (ииттирокчиён)-и он муттаҳид сохтани аъзоҳаққии саҳмии амволӣ асос меебад. Ҳуҷҷатҳои таъсисии кооперативҳои истеҳсоли (минбаъд кооператив) иштироки шахси ҳуқуқиро дар фаъолияти он пешбинӣ карда метавонад. Кооператив метавонад, ба ҳамаи намудҳои фаъолияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, машғул шавад. Мақсад ва навъи фаъолияти кооперативро аъзои кооператив муайян менамоянд. Ба намудҳои алоҳидаи фаъолияте, ки барои он гирифтани иҷозатнома (литсензия) зарур аст, кооператив танҳо дар сурати мавҷуд будани иҷозатнома машғул шуда метавонад. Намудҳои фаъолияте, ки кооператив ба он машғул шуда метавонад, дар оинномаи он нишон дода мешавад. Муносибати давлат, мақомоти давлатӣ ва ҳокимияти маҳалли давлатӣ кооперативҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровarда мешавад.

Кооператив дар асоси принсипҳои зерин таъсис меебад ва амал мекунад: ихтиёри будани узвият дар кооператив; ёрии ҳамдигарӣ ва таъмини нафъи иқтисоди барои аъзои кооператив, ки дар фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагӣ иштирок менамоянд; тақсими фоида ва зарари кооператив дар байни аъзои он бо назардошти иштироки шахсии меҳнатии онҳо ё иштироки онҳо дар фаъолияти хоҷагии кооператив; дар фаъолияти хоҷагии кооператив маҳдуд кардани иштироки шахсоне, ки аъзои он нестанд; идораи фаъолияти кооператив дар асосҳои демократӣ (як узви кооператив - як овоз дорад); барои ҳамаи аъзои он дастрас будани иттилоот дар бораи фаъолияти кооператив.

Кооператив танҳо дар асоси қарори муассисони (иштирокчиёни) он ташкил карда мешавад. Ҳуҷҷати таъсисии кооператив оинномаи тасдиқнамудаи маҷлиси умумии аъзои кооператив мебошад. Оинномаи кооператив бояд маълумоти зеринро дошта бошад: 1) номи фирмавии кооператив; 2) маҳалли ҷойгиршавии кооператив; 3) тартиби идоракунии фаъолияти кооператив; 4) тартиб ва шартҳои дохилшави ба кооператив, асосҳо ва тартиби қатъ кардани узвият дар кооператив; 5) андозаи аъзоҳаққии саҳмии аъзои кооператив; 6) таркиб ва тартиби аъзоҳаққии саҳмиро супурдани аъзои кооператив ва масъулияти онҳо барои риоя накардани ӯҳдадорӣ оид ба супурдани аъзоҳаққии саҳмӣ; 7) андоза ва шартҳои масъулияти иловагии (субсидиарии) аъзои кооператив барои карзҳои он; 8) хусусият ва тартиби иштироки шахсии меҳнатии аъзои он дар фаъолияти кооператив ва масъулияти онҳо барои риоя накардани ӯҳдадорӣ оид ба иштироки шахсии меҳнатӣ; 9) тартиби тақсими фоида ва зиёни кооператив; 10) ҳайат ва салоҳияти мақомоти идоракунии кооператив ва

тартиби қарор қабул намудани он, аз ҷумла оид ба масъалаҳое, ки доир ба онҳо қарор якдилона ё бо аксарияти кулли овозҳо қабул карда мешавад; 11) тартиб ва шартҳои азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии кооператив; 12) ному насаб, санаи таваллуд, ҷои истиқомат, шиноснома ё ҳуҷҷати онро ивазкунандаи аъзои кооператив, ки Оинномаро тасдиқ кардаанд ва аъзои раёсати кооператив. Оинномаи кооператив дорои маълумотҳои дигаре буда метавонад, ки барои фаъолияти он зарур аст. Номи фирмавии кооператив бояд номи он ва ибораҳои "кооперативи истеҳсолӣ" ё "артел"-ро дошта бошад [3]. Кооператив бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Шумораи аъзои кооператив набояд аз 5 нафар кам бошад. Ҳар шахси воқеи ба синни 16 расидае, ки бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаи кооператив аъзоҳаққии саҳмиро супоридааст, узви кооператив шуда метавонад. Шахси ҳуқуқӣ дар фаъолияти кооператив ба воситаи намояндаи худ мувофики талаботи оинномаи кооператив иштирок менамояд. Шумораи аъзои кооперативе, ки аъзоҳаққии саҳмиро супоридаанд, вале бо меҳнати шахсии худ дар фаъолияти он иштирок наменамоянд, аз 25 фоизи шумораи умумии аъзои кооперативи бо меҳнати шахсии худ дар фаъолияти он иштироккунанда зиёд буда наметавонад. Аъзои кооператив, ки ба синни нафақа расидаанд ё бо сабаби аҳволи саломатиашон ба нафақа баромадаанд ё берун аз кооператив ба вазифаи интихоби гузаштаанд, ё ки ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмат даъват шудаанд, инчунин дар ҳолатҳои дигар бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаи кооператив узвияти худро дар он метавонанд нигоҳ доранд. Дар сурати вафоти узви кооператив ворисони ӯ метавонанд ба узвияти кооператив қабул гарданд, агар дар оинномаи кооператив ҳолати дигар пешбини нашуда бошад. Дар акси ҳол кооператив ба ворисон арзиши саҳми узви вафоткардаи кооперативро медиҳад.

Узви кооператив ҳуқуқ дорад: 1) дар фаъолияти истеҳсолӣ ё фаъолияти дигари хоҷагидории кооператив иштирок намояд; 2) ба мақомоти идоракунии кооператив интихоб намояд ва интихоб шавад; 3) дар бораи фаъолияти кооператив иттилооти пурра гирад; 4) қисми фоида ва даромадҳои дигареро, ки дар байни аъзои кооператив тақсим карда мешаванд, гирад; 5) аз имтиёзу афзалиятҳое, ки кооператив барои аъзои худ пешбини намудааст, истифода барад; 6) бо хоҳиши худ аз кооператив хориҷ шуда, маблағи дар қонун ва оинномаи кооператив пешбинишударо гирад; 7) ба ҳаққи меҳнат, истироҳат, суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ; 8) барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ ба суд муроҷиат намояд. Узви кооператив метавонад дорои ҳуқуқҳои дигаре бошад, ки қонун, санадҳои қонунгузорӣ ва оинномаи кооператив пешбинӣ намудаанд.

Узви кооператив ӯҳдадор аст: 1) талаботи оинномаи кооперативро риоя намояд; 2) қарорҳои мақомоти идоракунии кооперативро иҷро намояд; 3) аъзоҳаққии саҳмиро супорад; 4) дар фаъолияти кооператив бо меҳнати шахсии худ иштирок намояд; 5) оид ба ӯҳдадориҳои кооператив бо тартиби пешбининамудаи қонун ва оинномаи кооператив масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) дошта бошад; 6) коидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро риоя намояд; 7) сирри тиҷоратӣ кооперативро фош накунад. Узви кооператив вазифадор аст, ӯҳдадориҳои дигареро, ки қонун, санадҳои қонунгузорӣ ва оинномаи кооператив пешбинӣ намудаанд, иҷро намояд.

Ҳар узви кооператив ҳуқуқ дорад бо тартиби муқарраркардаи қонун ва оинномаи кооператив узвияти худро бо роҳи ихтиёрӣ баромадан аз кооператив қатъ намояд. Дар ин сурат ба ӯ бояд арзиши саҳм пардохта шавад, ё мутобиқи саҳми ӯ амвол дода шуда, инчунин маблағҳои дигари дар оинномаи кооператив барояш пешбинигарднда пардохта шавад. Саҳмпулӣ ё амволи узви хориҷшавандаи кооператив пас аз анҷоми соли молиявӣ ва тасдиқи мувозинаи муҳосибавии кооператив дода мешавад. Узвият дар кооператив дар чунин ҳолатҳо қатъ мегардад: 1) вафоти узви кооператив ё фавтида эълон намудани ӯ; 2) ба дигар шахс додани саҳмпулии худ; 3) аз кооператив баромадан; 4) барҳам додани хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва ё шахси ҳуқуқие, ки узви кооператив мебошад; 5) аз кооператив хориҷ кардан. Узви кооперативро бо қарори маҷлиси умумии аъзои кооператив дар ҳолатҳои зерин аз

кооператив хориҷ кардан мумкин аст: 1) рӯёнидани маблағи қарзи шахсии узви кооператив дар назди кооператив аз ҳисоби саҳми ӯ танҳо дар сурати нокифоя ва қобили қабул набудани амволи дигари он барои пардохти чунин қарз; 2) дар сурати мунтазам иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки тибқи оинномаи кооператив ба зиммааш вогузор гардидаанд; 3) бо сабаби узви кооперативӣ ба ҳамин кооператив монанд будани ӯ; 4) дар дигар ҳолатҳое, ки қонун ва оинномаи кооператив пешбини кардааст[5].

Мақомоти идоракунии кооператив инҳоянд:

1) Маҷлиси умумии аъзои кооператив;

2) Шӯрои нозирони кооператив;

3) Мақомоти иҷроияи кооператив;

4) Комиссияи тафтишотӣ (ревизор)

Маҷлиси умумии аъзои кооператив мақоми олии кооператив мебошад. Ба салоҳияти истисноии маҷлиси умумии аъзои кооператив дохил мешавад: 1) қабул ва таҷйири оинномаи кооператив; 2) қабул ва хорич кардани аъзои кооператив; 3) таъсис додани Шӯрои нозирон ва қатъ намудани ваколати аъзои он; 4) тасдиқи Дастури маҷлиси умумии аъзои кооператив; 5) таъсис додан ё қатъ намудани ваколати мақоми иҷроияи кооператив; 6) муқаррар намудани фондҳои тақсимнашаванда ва захираҳои кооператив ва тартиби истифодаи онҳо; 7) муқаррар намудани қоидаҳои тартиботи дохилии кооператив, тартиби пардохти музди меҳнати аъзо ва кормандони кироягии кооператив; 8) таъсис ва барҳам додани филиалҳо ва намояндагиҳои кооператив; 9) ҳалли масъалаи иштироки кооператив дар ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, инчунин дохил шудан ба иттиҳодия (ассотсиатсия, иттифоқ)-ҳои кооперативҳо; 10) ҳалли масъалаҳо оид ба супоридани аъзоҳаққии саҳмии иловагӣ; 11) тасдиқ намудани ҳисоботи солонаю тавозуни муҳосибавии кооператив ва тақсим кардани фоидаю зиёни он; 12) қабул кардани қарори азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии кооператив; 13) шунидани ҳисоботи раёсати (раиси) кооператив; 14) интихоби комиссияи тафтишотии (ревизор) кооператив ва қатъ намудани ваколати аъзои он. Ба салоҳияти мустасноии маҷлиси умуми тибқи оинномаи кооператив мумкин аст ҳалли масъалаҳои дигар низ мансуб дониста шавад. Агар дар маҷлиси умуми зиёда аз нисфи аъзои кооператив иштирок дошта бошанд, он комилҳуқуқ ҳисоб мешавад. Ҳар узви кооператив ҳангоми қабули қарори маҷлиси умумии аъзои кооператив як овоз дорад. Маҷлиси умумии аъзои кооператив аз рӯи масъалаҳои муҳокимашаванда дар доираи ваколатҳои худ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои кооператив қарор қабул мекунад ва иҷрои онро назорат менамояд. Оинномаи кооператив метавонад масъалаҳоеро муайян кунад, ки қарори оид ба ҳалли онҳо бо аксарияти кулли овозҳо ё якдилона қабул карда шавад. Тартиби даъват ва гузаронидани маҷлиси навбати ва ғайринавбатии аъзои кооперативро оинномаи кооператив муайян менамояд [1].

Дар кооперативе, ки зиёда аз панҷоҳ нафар аъзо дорад, мумкин аст аз ҳисоби аъзои кооператив Шӯрои нозирон ташкил карда шавад, ки он ба фаъолияти мақомоти иҷроияи кооператив назорат мекунад. Аъзои Шӯрои нозирон дар маҷлиси умумии аъзои кооператив интихоб карда мешаванд. Теъдод, мӯҳлати амал ва салоҳияти Шӯрои нозиронро оинномаи кооператив муайян мекунад. Шӯрои нозирони кооператив аз ҳайати худ раиси Шӯрои нозиронро интихоб менамоянд. Аъзои Шӯрои нозирон дар як вақт узви раёсат ё раиси кооператив буда наметавонад. Аъзои Шӯрои нозирони кооператив ҳақ надоранд аз номи кооператив амал намоянд. Тибқи оинномаи кооператив ба салоҳияти Шӯрои нозирон назорати қарорҳои маҷлиси умумии аъзои кооператив вогузор шуда метавонад.

Роҳбарии ҷориро оид ба фаъолияти коооператив мақомоти иҷроияи кооператив амалӣ менамояд. Мақомоти иҷроияи кооператив раёсат ё раиси он мебошанд. Раёсати кооперативро раиси раёсат сарвари мекунад, ки маҷлиси умумии аъзои кооператив ӯро аз ҳисоби аъзои кооператив интихоб менамояд. Дар кооперативҳои дорои камтар аз бист нафар аъзо вазифаҳои раёсат ба зиммаи раиси кооператив вогузор карда мешавад. Узви раёсати (раиси) кооператив аз ҳисоби аъзои кооператив дар маҷлиси умумии аъзои кооператив интихоб мегардад. Теъдоди аъзои раёсат, инчунин мӯҳлате, ки дар давраи он раёсати (раиси) кооператив интихоб мегарданд, бо оинномаи кооператив муайян карда мешавад. Раёсати

(раиси) кооператив ба маҷлиси умумии аъзои кооператив ва Шӯрои нозирони кооператив ҳисоботдиҳанда мебошад. Баррасии тамоми масъалаҳои фаъолияти кооператив салоҳияти раёсати (раиси) кооператив мебошад, ки тибқи қонун ва оинномаи кооператив ба салоҳияти истисноии маҷлиси умумии аъзои кооператив ё Шӯрои нозирони кооператив вогузор нашудаанд. Раёсат дар маҷлисҳои худ қарорҳо қабул мекунад. Агар дар маҷлиси раёсат на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои раёсат ҳузур дошта бошанд, он комилҳуқуқ ҳисоб мешавад. Қарори раёсат бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои раёсати дар маҷлис ҳузурдошта қабул мегардад. Раиси раёсат (раиси кооператив) чунин ваколатҳо дорад: аз номи кооператив бидуни ваколатнома амал мекунад; амволи кооперативро ба ҳадде, ки қонун пешбини намудааст, идора намуда, аз номи кооператив ваколатнома медиҳад, аз ҷумла бо ҳуқуқи ба каси дигар ваколат додан; дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредити суратҳисобҳо мекушояд; қарорҳои раёсатро имзо мекунад; кормандони кирояро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд; дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад, ки иҷрои он барои аъзои кооператив ва кормандони кироя ҳатмӣ мебошад. Аъзои кооператив ва кормандони кироя метавонанд аз рӯи қарор ва амалҳои мақомоти иҷроияи кооператив ба маҷлиси умумии кооператив ё суд шикоят намоянд.

Барои назорат кардан ба фаъолияти молиявию хоҷагии кооператив маҷлиси умумии аъзои кооператив комиссияи тафтишотиро дар ҳайати на камтар аз 3 нафар аъзои кооператив ва дар сурати аз 20 нафар кам будани аъзои кооператив ревизорро интихоб менамояд. Аъзои комиссияи тафтишотии (ревизор) кооператив аъзои Шӯрои нозирон ва мақомоти иҷроияи кооператив шуда наметавонанд. Комиссияи тафтишотии (ревизор) кооператив ҳолати молиявии кооперативро аз рӯи ҷамъбасти кори соли молиявӣ тафтиш менамояд. Тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии кооператив бо супориши маҷлиси умумии аъзои кооператив, Шӯрои нозирони кооператив ё бо талаби на камтар аз 10 фоизи аъзои кооператив, инчунин бо ташаббуси комиссияи тафтишоти (ревизор) гузаронида мешавад. Комиссияи тафтишот (ревизор) натиҷаи тафтишро ба маҷлиси умумии аъзои кооператив ва Шӯрои нозирони кооператив пешкаш менамояд. Барои тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии кооператив мақомоти иҷроияи кооператив ё Шӯрои нозирони кооператив метавонанд аудити берунаро сафарбар намоянд. Тафтиши фаъолияги молиявию хоҷагии кооператив аз тарафи аудити беруна бо талаби на камтар аз 10 фоизи аъзои кооператив сурат гирифтанаш мумкин аст [4].

Кооператив ҳақ дорад соҳибмулки ҳама гуна амвол бошад, ба ғайр аз амволе, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти давлатӣ ҳисоб меёбад. Сарчашмаҳои ташкилебии амволи кооператив инҳо мебошанд: 1) аъзоҳаққии саҳмии кооператив; 2) фоидаи аз фаъолияти кооператив бадастомада; 3) қарз, амволе, ки аз тарафи шахси воқеи ва ҳуқуқи тӯҳфа карда шудааст; 4) дигар манъбаҳое, ки қонун манъ накардааст. Амволе, ки моликияти кооператив аст, мутобиқи оинномаи кооператив ба саҳми аъзои он тақсим карда мешавад. Саҳм ҳиссаи узви кооператив дар амволи кооператив мебошад ва бо фоиз ба ҳисоб гирифта мешавад. Узви кооператив ҳуқуқ дорад ҳангоми барҳам хӯрдани кооператив саҳми худро талаб намояд. Кооператив ҳуқуқ надорад, ки саҳмия (аксия) барорад.

Аъзоҳаққии саҳмии аъзои кооператив сармояи ибтидоии кооперативро ташкил дода, барои пӯшонидани хароҷот ҷиҳати таъсис ва ташкили фаъолияти он таъин мешавад. Пул, қоғазҳои қимматнок, мол, ҳуқуқҳои амволи, аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи замин, ҳуқуқ ба натиҷаи моликияти зеҳнӣ ва амволи дигар аъзоҳаққии саҳмии кооператив шуда метавонад. Узви кооператив вазифадор аст, ки дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии кооператив сад фоизи саҳмпулии худро супорад. Таркиб ва андозаи аъзоҳаққии саҳмӣ, инчунин тартиб, усул ва мӯҳлати ворид шудани онро оинномаи кооператив муайян мекунад. Бо қарори маҷлиси умумии аъзои кооператив аз ҷониби аъзои кооператив супоридани аъзоҳаққии саҳмии иловагӣ пешбини шуда метавонад. Аъзоҳаққии саҳмии дохилшавии узви нави ба кооператив қабулшавандаро созишномаи ӯ бо кооператив муайян намуда, он дар протоколи маҷлиси умумии аъзои кооператив ба қайд гирифта мешавад. Аъзоҳаққии саҳмии узви кооперативро ба гарав мондан мумкин аст. Тартиби ба гарав мондан ва рӯёнидан аз ҳисоби он бо қонунгузории граждани муайян карда мешавад. Ба аъзои кооператив дафтарчаи

аъзогӣ дода мешавад, ки дар он андозаи аъзоҳаққии саҳмии ҳатмӣ ва мӯҳлати пардохтани он, ҳаҷми аъзоҳаққии саҳмии иловагӣ, шакли аъзоҳаққии саҳми (пул, замин, амвол), андозаи саҳми афзоянда ва санаҳои додани он, ҳаҷми пардохти арзиши аъзоҳаққи ва санаи ин пардохтҳо нишон дода мешавад.

Тибқи оинномаи кооператив мумкин аст муқаррар карда шавад, ки қисми муайяни амволи кооператив фондҳои тақсимнашаванда буда, барои мақсадҳои муайян кардаи оинномаи кооператив истифода шаванд. Қарори таъсис додани фондҳои тақсимнашавандаро, агар дар оинномаи кооператив тартиби дигаре пешбини нагардида бошад,аъзои кооператив якдилона қабул мекунанд. Амволе, ки фонди тақсимнашавандаи кооперативро ташкил медиҳад, ба саҳми аъзои кооператив дохил карда намешавад. Аз амволи номбаршуда аз рӯи ӯҳдадориҳои шахсии аъзо рӯёнидан мумкин нест. Кооператив ҳуқуқ дорад фондҳои захиравӣ ва фондҳои дигари хилофи қонун набудаи моддию молиявиро, ки барои фаъолияти истеҳсолию хоҷаги ва рушди ийтимоии он заруранд, ташкил диҳад.

Фоидаи кооператив вобаста ба натиҷаҳои сол муайян карда мешавад. Фоидае, ки баъд аз супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатми боқӣ мемонад, дар ихтиёри пурраи кооператив монда, аз ҷониби маҷлиси умумии аъзои кооператив ба мақсадҳое, ки оинномаи кооператив пешбини намудааст, равона карда мешавад. Фоидаи кооперативи дар байни аъзои кооператив, ки ба иштироки шахсии меҳнати он асос меёбад, ба андозаи саҳми онҳо тақсим карда мешавад. Дар байни аъзои кооператив, ки бевосита бо меҳнати шахсиаш дар фаъолияти кооператив иштирок наменамоянд, фоидаи кооператив мутаносибан ба андозаи аъзоҳаққии саҳмии онҳо тақсим карда мешавад. Бо қарори маҷлиси умумии аъзои кооператив қисми фоидаи кооператив мумкин аст дар байни кормандони кироаи онҳо тақсим карда шавад. Тартиби тақсими фоидаро оинномаи кооператив пешбини менамояд. Зиёни кооператив, ки аз рӯи мувозинаи муҳосибави муайян карда мешавад, дар байни аъзои кооператив мувофиқи андозаи музди меҳнати аъзои кооператив тақсим карда мешавад. Зиёни кооператив аз ҳисоби фонди захиравӣ, кам кардани саҳмпулии афзоянда ё аз ҳисоби аъзоҳаққии саҳмии иловагии гузошташуда ҷуброн мешавад.

Кооператив аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ҳамаи амволе, ки дар соҳибмулкии он мебошад, масъулият дорад. Кооператив аз рӯи ӯҳдадориҳои узви худ ҷавобгар намебошад. Аъзои кооператив оид ба ӯҳдадориҳои кооператив танҳо дар ҳолати пешбининамудаи оинномаи он масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) доранд. Узви кооператив, ки ба кооператив пас аз таъсисёбии он дохил шудааст, оид ба ӯҳдадориҳое, ки баъд аз дохилшавии ӯ ба кооператив ба миён омадаанд, масъулият дорад. Рӯёнидан аз ҳисоби саҳми узви кооператив аз рӯи қарзи шахсии ӯ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун ва оинномаи кооператив танҳо дар сурати нокифоя будани амволи дигари ӯ барои пардохти чунин қарз мумкин мебошад. Масъулият дар байни аъзои кооператив мутаносибан ба андозаи саҳмҳои онҳо тақсим карда мешавад. Давлат аз рӯи ӯҳдадориҳои кооператив ва кооператив аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат масъулият надоранд[1].

Кооператив бо қарори маҷлиси умумии аъзои он метавонад ихтиёран аз нав ташкил ё барҳам дода шавад. Ҳангоми азнавташкилдиҳии кооператив санади супурдан ё баланси тақсимот тартиб дода мешавад, ки дар онҳо тартиби гузариши ӯҳдадориҳои кооперативи азнавташкилшаванда нисбати ҳамаи кредиторҳо ва қарздорон ифода меебад. Санади супурдан ё баланси тақсимот аз ҷониби маҷлиси умумии аъзои кооператив, ки дар хусуси азнавташкилдиҳии кооператив қарор қабул намудааст, тасдиқ гардида, ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои бақайдгирии давлатии кооперативи навтаъсис ва ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо пешниҳод карда мешаванд. Кооператив бо қарори якдилонаи аъзои он метавонад ба ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ табдил дода шавад. Кооператив бо қарори суд дар сурати бидуни иҷозатнома (литсензия) фаъолият кардан, ба фаъолияти манъкардаи қонун машғул шудан, дар ҳолати якчанд маротиба ё дағалона вайрон кардани қонун, инчунин муфлисшавӣ барҳам дода мешавад. Тартиби барҳамдиҳии кооперативҳоро Кодекси

граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигари амалкунанда муайян менамоянд. Амволи боқимондаи кооперативи барҳамхӯрда баъди қонеъ намудани талаботи кредиторон дар байни аъзои он мувофиқи саҳмашон тақсим карда мешавад.

**Корхонаи давлатӣ.** Ҳолати ҳуқуқии корхонаҳои давлатӣ дар меъёрҳои Кодеки граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 124-127) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ»[2] аз 28 феврали соли 2004, №10 муқаррар шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ» ҳолати ҳуқуқии корхонаҳои давлатӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои моликони амволи онҳо, тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамхӯрии корхонаҳои давлатиро муайян мекунад. Дар ин қонун мафҳумҳои асосии зерин ифода гардидааст:

- Корхонаи воҳиди давлатӣ - ташкилоти тиҷоратиест, ки ҳуқуқи ба амволи вобастакардаи молик соҳиб шуданро надорад.

- Корхонаи давлатии фаръӣ - шахси ҳуқуқиест, ки дар назди дигар корхонаи давлатӣ, аз ҳисоби қисми моликияти он таъсис меёбад.

- Пешбурди хоҷагидорӣ - ҳуқуқи маҳдуди молии корхонае, ки аз давлат чун молик амволро гирифтааст ва дорои ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани ин амвол мебошад.

- Идоракунии оперативӣ - ҳуқуқи маҳдуди молии корхонаи давлатӣ нисбати амволе, ки аз молик мутобиқи мақсадҳои фаъолияти худ, супоришҳои молик ва таъиноти амвол гирифтааст ва дорои ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ин амволро дорад.

Ба корхонаҳои давлатӣ мансубанд: а) корхонаҳои воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ; б) корхонаи давлатӣ бо ҳуқуқи идораи оперативӣ. Вобаста ба намудҳои моликияти давлатӣ корхонаҳо тақсим мешаванд: а) ба корхонаҳое, ки таҳти моликияти ҷумҳуриявӣ қарор доранд - корхонаҳои давлатии ҷумҳуриявӣ; б) ба корхонаҳое, ки таҳти моликияти ҳокимияти маҳаллӣ қарор доранд - корхонаҳои давлатии коммуналӣ.

Ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки талаботи ҷомеа ва давлатро муайян мекунанд, самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ мебошанд. Вазифаҳои асосии корхонаҳои давлатӣ инҳоянд: а) таъмини моддии қудрати мудофиавии давлат ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеа; б) истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ); в) анҷом додани фаъолият дар соҳаҳое, ки ба вазифаҳои давлат мансубанд. Корхонаи давлатӣ метавонад баробари корхонаҳои дигари таъсис ёфта дар соҳаҳои зерини муқаррар намудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намояд: нигоҳдорӣ ва инкишофи шабакаи роҳҳои давлатии автомобилгард ва дигар объектҳои инфрасохтор, ки барои онҳо тибқи қонунгузорӣ тартиби махсуси маблағгузорӣ муқаррар шудааст; иҷрои корҳои наҷотбахшӣ дар кӯҳсор ва дигар корҳои махсус дар вазъияти фавқуллода ва садамавӣ, ҳифз аз сӯхтор, обхезиҳо ва дигар фалокатҳои табиӣ; анҷом додани фаъолияти истеҳсолӣ дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; истеҳсоли корҳои топографию геодезӣ ва картографӣ; анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг ва варзиш; анҷом додани дигар фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ, ки дар нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбини шудаанд.

## Рӯйхати адабиёти истифода шуда


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002, №68«Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» // АМОҶТ 2002, №11, мод. 687; с.2010, № 12, мод. 819.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2004, №10«Дар бораи корхонаҳои давлатӣ»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, № 2, мод. 42; с.2008, №10. мод.807; с.2010, №12, м.818.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» // АМОҶТ 2013.

4. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ. Душанбе: «ЭР-граф», 2014,
5. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии (туристии) Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе: «Эр-граф», 2012,

## МЕХАНИЗМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

Шарифова Д. Магистранти курси 2-юми ихтисоси 240103- ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар натиҷаи омӯзишу тадқиқи адабиёти ҳуқуқӣ[1] ва санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ[2] пешниҳод шудааст. Мавҷудияти меъёрҳои зиёди ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналхалқӣ ба таври дахлдор ҳимоя шудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро тақозо менамоянд. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон гуфта, тарз ва воситаҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки тавассути онҳо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҳар гуна дахолати беасос ва ғайриқонунӣ ҳимоя шуда, ҳуқуқҳои поймолшуда бошанд бо тартиби дахлдор барқарор карда мешаванд.

Дар навбати худ вобаста ба аломат ва маҳакҳои гуногун ин механизмҳо ба намуд ва қисматҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд. Масалан, механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсонро мумкин аст, ки вобаста ба самти фаъолият ва муносибат бо рукнҳои ҳокимият ба механизмҳои судии ҳимояи ҳуқуқи инсон, механизмҳои давлатии ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва механизмҳои ғайридавлати (ҷамъиятӣ)-и ҳимояи ҳуқуқи инсон ҷудо намуд.

Механизмҳои байналхалқиро бошад, мумкин аст, ки ба механизмҳои универсалӣ ва механизмҳои минтақавӣ ҷудо намуд. Атрофи мафҳум, моҳият ва тарзи фаъолияти ин воситаҳо муфассалтар диққат хоҳем дод.

Механизмҳои байналхалқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ба механизмҳои универсалӣ ва минтақавӣ ҷудо мешаванд. Механизмҳои универсалӣ гуфта мақомотҳоеро дар назар доранд, ки доираи фаъолияташон ба ҳамаи давлатҳои сайёра паҳн мегарданд ва чун қоида аз ваколатҳои онҳо ҳамаи одамон истифода бурда метавонанд (Масалан, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон). Асоси ҳуқуқии фаъолияти чунин мақомотро сананадҳои байналхалқии умумиҷаҳонӣ ташкил медиҳанд. Механизмҳоми минтақавӣ бошанд, дар заминаи санадҳои ҳуқуқии минтақавӣ бунёд гашта, салоҳияти онҳо ба давлатҳои аъзои ягон созмони минтақавӣ паҳн гашта, имконияти истифодаи ваколатҳои онро танҳо шаҳрвандони мансуб ба ҳамон митақа доранд (Масалан, Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон).

Нахуст механизмҳои байналхалқии универсалии ҳимояи ҳуқуқи инсонро дида мебароем.

Соли 1945 ҳанӯз дар Конференсияи Крим зарурати таъсиси мақомоти нави байналхалқие, ки сулҳи сартосариро таъмин карда тавонад, таъкид шуда буд. Дар ш. Сан Франсискои ИМА аз моҳи апрел то июни с.1945 Оинномаи СММ бо иштироки 50 давлат мавриди муҳокима қарор гирифт ва 26 –уми июни ҳамон сол имзо шуд. Вале танҳо баъди тасдиқ шудани он аз ҷониби аъзоёни доимии Шӯрои Амнияти СММ дар санаи 24 – уми октябри с. 1945 ба ҳукми амал даромад ва ин рӯз чун рӯзи таъсисёбии СММ шинохта шудааст. Тибқи Оиннома яке аз самтҳои фаъолияти СММ-ро ташкили ҳамкорҳои байналҳалқӣ бо мақсади кӯмак расонидан ба эҳтирому риояи умумии ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, сарфи назар аз тафовутҳои гуногуни иҷтимоӣ ташкил менамуд. Ҷиҳати тезонидани ин раванд аз ҷонби СММ дар соҳаи эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон як қатор тадбирҳо андешида шуданд. Агар қабули Оинномаи СММ нахустин тадбир дар бунёдгузории муносибатҳои нави байналхалқӣ бошад, пас қабули ЭУҲБ дуввумин тадбире буд, ки ба рушди минбаъдаи сифатан нави ҳуқуқҳои инсон асос гузошт. 10 - декабри с. 1948

ин санад қабул гардид ва бо вуҷуди хосияти эъломиявӣ ва тавсиявӣ доштанаш ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро бо тарғиби универсалӣ буданашон мустаҳкам намуд. Вале таъмини ҳуқуқҳои инсон тавассути меъёрҳои ғайриҳатмӣ босамар сурат намегирад. Аз ин рӯ соли 1966 дар ду Паймон, яке Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ ва дигаре Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қабул гардид. Ҳуқуқҳое, ки дар Паймони якум муқаррар гардиданд, ҳуқуқҳои тавсифи фавридошта мебошанд, яъне барои таъмини онҳо давлатҳои аъзо набояд таъхир намоянд. Ҳуқуқҳои дар Паймони дуюм пешбинишуда бошанд, ҳуқуқҳои барномавӣ мебошанд. Яъне давлатҳо барои таъмини онҳо бояд зина ба зина шароит фароҳам оваранд. Дар маҷмӯъ се санади дар боло овардашуда Билл оид ба ҳуқуқҳо ном дошта, маҳсули фаъолияти муттасили СММ мебошанд.

СММ аз мақомотҳои асосӣ ва ёрирасон иборат мебошад. Мақомотҳои асосии СММ Ассамблеяи Генералӣ, Шӯрои амният, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, Шӯрои васоят (ҳоло бинобар сабаби ба даст овардани истиқлолияти қаламравҳои тахти васоят қарор дошта, мақомоти мазкур барҳам дода шудааст), Суди байналмиллалӣ ва Котибот мебошанд. Дар маҷмӯъ ҳар яке аз ин сохторҳо дар самти эҳтиром ва таъмини ҳуқуқҳои инсон фаъолият мебаранд. Вале масъулияти асосӣ оиди ба иҷро расонидани функсияҳои СММ дар ҷодаи риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд бар души Ассамблеяи Генералӣ ва дар зери роҳбарии он ба Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (ШИИ) вогузор карда шудааст. Мувофики м.13 Низомномаи СММ «АГ бахри ҳамкории байналмилалӣ дар ҷодаи риояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии он новобаста аз нажод, ҷинс, забон ва дин тадқиқоти дахлдор мегузаронад ва тавсияномаҳо кабул менамояд». Тадқиқотро дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо супориши АГ ШИИ ва макомоти ёрирасони он, мақомоти махсусгардонидашудаи созмон ва Котиби генералии СММ мегузаронанд.

Тавсияномаҳои аз ҷониби АГ СММ қабулшуда чи дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва чи дар дигар соҳа барои давлатҳои аъзои СММ аз чиҳати ҳуқуқӣ барои иҷроиш ҳатми нестанд. Аммо мувофиқи м. 55 ва 56 Низомномаи СММ давлатҳои аъзои СММ бар зиммаи худ ӯҳдадории ҳамкорӣ карданро бо СММ бо мақсади ташаккули эҳтироми умумӣ нисбати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва риояи онҳо гирифтаанд. Бинобар ҳамин, тавсиянома ё резолютсияҳое, ки барои кабули онҳо ҳамаи давлатҳо ва ё аксарияти давлатҳои аъзо овоз доданд, мувофиқи принсипҳои ҳуқуқи байналхалкӣ барои давлатҳои аъзои созмон характери ҳатмигӣ мегиранд.

Мувофиқи Оинномаи СММ, АГ ва ШИИ, ки дар зери роҳбарии он амал мекунад, барои амалӣ гардонидани функсияҳои худ мақомоти ёрирасони муваққатӣ ва диомоамалкунанда ташкил менамоянд. Ҳамин тариқ, соли 1946 аз ҷониби ШИИ Комиссия СММ оид ба Ҳуқуқи Инсон ташкил карда шудааст. Вазифаи асосии ин мақом омода намудани тавсия ва маърӯзаҳо оид ба Били байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳимояи ақалиятҳо, рафъи табъиз аз рӯи аломатҳои нажодӣ, ҷинсӣ, забонию динӣ ва масоили дигари марбут ба ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб мерафт. Вале бинобар сабаби шахшудагии салоҳияти ин мақом ва бесамарии фаъолияти он боварии ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба он кам гардид. [3]Бинобарин аз с. 2006 тибқи резолютсияи 60/251 АГ Комиссия ба Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон табдил ёфт.

Вазифаи асосии Шӯро тадқиқи ҳолати таъмин ва амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, тайёр кардани тавсияҳо ва лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва ғ. мебошад. Ин мақомот ҳамчунин супоришҳои АГ ва ШИИ –ро ба ҷо меорад. Дар комиссия ба таври доимӣ масъалаҳои вобаста ба вайрон гардидани ҳуқуқҳои инсон муҳокима мешаванд. Ин сохтор дар ин ё он мамлакат вайрон гардидани ҳуқуқҳои инсонро муқаррар карда, метавонад тафтишоти махсус гузаронад ва оид ба бартарафсозии камбудиҳо тавсияҳо таҳия намояд. Дар айни замон баробари истифодаи ҳисоботҳои даврии давлатҳо дар бораи вазъияти риоя ва таъмини ҳуқуқҳои инсон дар қаламрави давлати худ, Шӯро аз шабакаи паҳншудаи гурӯҳҳои корӣ ва маърӯзачиҳо, ки ваколат доранд, вазъият ва ҳолатҳои мушаххаси риояи ҳуқуқҳои инсонро дар мамлакати мушаххас тафтиш намоянд, истифода

мебарад, шикоятҳои инфиродӣ ва гурӯхи одамон ва созмонҳои ғайриҳукуматиро баррасӣ менамоянд. Мувофиқан, дар назди Шӯро як қатор гурӯҳои корӣ ва маърузачиёни махсус ба монанди гурӯҳи корӣ оиди дастгиркунии беасос, гурӯҳи корӣ оиди масъалаи ҳуқуқ ба инкишоф, маърузачии махсус оид ба масъалаи Эъломия дар бораи манъи ҳама гуна табъиз вобаста ба дин ва эътиқод, маърузачии махсус оид ба масъалаи хариду фурӯши кӯдакон ва фоҳишагарии кӯдакона, ташкил карда шудааст, ки ҳар яки онҳо дар соҳаҳои дахлдлор фаъолият мекунанд.

Мақомоти дигари ёрирасони СММ ин Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Ин вазифаро АГ СММ соли 1994 таъсис додааст. КО СММ шахси мансабдорест, ки ӯро Муншии Генералии СММ таъйин ва АГ ба мӯҳлати 4 сол тасдиқ менамояд. Вай аз ваколатҳое бархурдор аст, ки дар доираи онҳо имкони ҳалли ҳама гуна проблемаҳои марбут ба ҳуқуқи инсонро дорад. Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон вазифадор аст, ки:

1. Ба риоя ва амалисозии ҳифзи ҳама ҳуқуқҳои гражданӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ кӯмак кунад ва ин тадбирҳоро дастгирӣ намояд.

2. Супоришҳои мақомотҳои дахлдори СММ-ро дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон иҷро намояд ва бо мақсади кӯмакрасонӣ ба дастгирии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон тавсиҳо пешниҳод кунад.

3. Дар риоя ва амалисозии ҳифзи ҳуқуқҳо ба рушд ва расонидани дастгирӣ дар ин масъала аз ҷониби мақомоти СММ кӯмак кунад.

Мақомотҳои шартномавии СММ

Яке аз дастовардҳои бузурги СММ ин таъсиси базаи меъёрӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Имрӯз аз ҷониби ин мақом тахминан 90 Конвенсия қабул гардидааст. Мақомотҳое, ки барои таъмини иҷроиши чунин конвенсияҳо таъсис дода шудаанд, мақомотҳои шартномавии СММ ном доранд. Дар нақша мақомотҳои асосии шартномавии СММ оид ба ҳуқуқи инсон нишон дода шудаанд:

Тибқи муқаррароти шартномаҳои байналхалқӣ ҳайати мақомотҳои шартномавиро аз 10 то 23 эксперт, ки ба мӯҳлати чор сол аз ҷумлаи намояндагони давлатҳои аъзои конвенсияи дахлдор дар анҷумани давлатҳои аъзо бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешаванд, ташкил медиҳанд. Истисно аз ин қоида Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки ҳайати онро Шӯрои Иқтсиодӣ ва иҷтимоии СММ аз шумули рӯйхати намояндагони давлатҳои аъзои Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтсиодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ интихоб менамояд. Ҳангоми интихоби ҳайати мақомоти шартномавӣ дар бештари мавридҳо омилҳое ба монанди тақсимоти одилонаи ҷуғрофӣ (ба истисноҳи Кумитаи зиди шиканҷа) ва намояндагии низомҳои асосии ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешаванд. Зимни интихоби ҳайати Кумитаҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва зиди шиканҷа, бартарӣ ба он номзадҳое дода мешавад, ки малакаи кории ҳуқуқӣ дошта бошанд. Дар амалия ҳамаи экспертҳои мансуб ба ҳайати мақомоти шартномавӣ дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ мебошанд. Дар мавриди интихоби ҳайати Кумитаҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон, оид ба рафъи табъизи нажодӣ ва оид ба рафъи табъиз нисбати занон ҳамчунин намояндагии тамаддунҳои мухталиф низ ба инобат гирифта мешавад.

Тибқи нишондоди шартномаҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳайати ин мақомотҳо бояд ашхосе шомил гарданд, ки аз сифатҳои баланди ахлоқӣ ва салоҳияти дахлдор оид ба ҳуқуқи башар бархурдор бошанд. Маҳаки бархурдор будан аз сифатҳои баланди ахлоқӣ нисбат ба ҳайати Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нишон дода нашудааст. Маҳаки дуюм бошад, дар нисбат ба номзадҳо ба ҳайати Кумитаи СММ оид ба рафъи табъизи нажодӣ пешбинӣ нагаштааст.

Мутобиқи нишондоди шартномаҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, аъзоёни кумитаҳо бояд аз ҳисоби намояндагони давлатҳои аъзои конвенсияи дахлдор интихоб шаванд. Аммо чунин талабот дар нисбати Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муқаррар нагаштааст.

Интихоботи аъзои мақомоти шартномавии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар анҷуманҳои давлатҳои аъзои конвенсияи дахлдор баргузор мегардад. Кворум барои бургузории чунин анҷуманҳо аз се ду ҳиссаи иштирокдорони конвенсияи дахлдор муайян шудааст.

Ҳамаи мақомоти шартномавии СММ, ба истиснои Кумита оид ба рафъи табъиз нисбати занон, анҷуманҳои худро дар Шӯъбаи СММ дар ш. Женева мегузаронанд. Макони баргузории машваратҳои Кумита оид ба рафъи табъизи нажодӣ бошад, муассисаҳои Марказии СММ дар ш. Нию-йорк мебошанд. Аз се иҷлосияе, ки ки Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон давоми як сол баргузор менамояд, ду- тоашон (дар тобистон ва тирамоҳ) дар ш.Женева ва якеашон (дар фасли баҳор) дар муассисҳои Марказии СММ дар ш. Нию-йорк баргузор мешаванд. Шумора ва давомияти баргузории иҷлосияҳои мақомоти шартномавӣ ба таври гуногун сурат мегирад:

- Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ҳама сола се иҷлосия бургузор менамояд, ки давомияти ҳар яке аз онҳо ду ҳафта аст;
- Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамасола ду иҷлосия баргузор менамояд, ки давомияти онҳо се ҳафтаро ташкил медиҳад;
- Кумитаи зиди шиканҷа дар як сол ду маротиба иҷлосия ба мӯҳлати ду ҳафтаӣ баргузор менамояд. Бо талаби яке аз давлатҳои аъзои Конвенсияи зиди шиканҷа ва ё бо хоҳиши аксарияти аъзои ин Кумита, имконияти баргузор намудани иҷлосияи махсус низ вуҷуд дорад;
- Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак дар як сол се иҷлосия ба мӯҳлати се ҳафтаӣ баргузор менамояд;
- Кумита оид ба рафъи табъиз нисбати занон соле ду иҷлосия бо мӯҳлати ду ҳафтаӣ баргузор менамояд;
- Кумита оид ба рафъи табъизи нажодӣ соле ду иҷлосия бо дарбаргирии се ҳафта барои ҳар яке баргузор менамояд;
- Кумита оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо бошад дар як сол як иҷлосия мегузаронад.

Мақомоти шартномавии СММ бо мақсади ба амал баровардани назорат оид ба иҷро шудани шартномаҳои дахлдор оид ба ҳуқуқи инсон дар давлатҳои аъзо, дорои як қатор ваколатҳо мебошанд. Вазифаи асосии ҳамаи ин мақомот аз баррасии маърӯзаи давлатҳои аъзо оид ба тадбирҳои андешидашуда дар самти дар ҳаёт татбиқ намудани мазмуни санадҳои дахлдор иборат мебошад. Дар заминаи омӯзиши чунин маърӯзаҳо мақомоти шартномавӣ иҷроиши вазифаи дигари худро таъмин менамоянд, ки он ҳам бошад, дар пешниҳоди тавсияҳои дахлдор ифода меёбад. Мақомоти шартномавӣ ҳамчунин Мулоҳизаҳо (Тавзеҳот) бо тартиби умумиро ба тасвиб мерасонанд, ки қисми такрибии вазифаҳои онҳоро ташкил медиҳанд. Ба истиснои ин ду вазифаи асосие, ки дар фаъолияти ҳамаи мақомоти шартномавии СММ ба мушоҳида мерасанд, баъзеашон вазифаҳои дигарро низ иҷро менамоянд, аз ҷумла:

а) баррасии мурочиати фардҳои ҷудогона, ки худро қурбонии вайронкориҳои давлате меҳисобад, ки аъзои санади дахлдори байналхалқӣ аст;

б) баррасии мурочиати давлатҳои ҷудогона, ки аъзои шартномаи дахлдор буда, тасдиқ менамояд, ки давлати дигари иштирокдори ҳамон шартнома ӯҳдадориҳои худро аз рӯи мазмуни ин шартнома иҷро намекунад.

Бо мақсади пайдо намудани шиносоии наздик бо тарзи ташкил ва фаъолияти ин мақомоти шартномавӣ, зурур меҳисобем, ки ҳар яке аз онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем:

Кумита оид ба ҳуқуқи инсон. Ин мақомот назорати иҷроиши меъёрҳои ПБҲШС-ро иҷро намуда, аз 18 нафар иборат мебошад ва онҳоро давлатҳои аъзо аз ҷумлаи шаҳрвандони худ интихоб менамоянд. Вазифаҳои асосии ин мақомот чунинанд:

- қабул ва баррасии маърӯзаҳои давлатҳои аъзои ПБҲШС оиди андешидани чораҳо бобати дар ҳаёт ҷорӣ намудани ҳуқуқҳои дар Паймон дарҷгардида. Дар асоси омӯзиши маърӯзаҳои пешниҳодгардида, Кумита тавсияҳо медиҳад;

- қабули маълумоти давлати алоҳида нисбати давлати дигари аъзои Паймон, ки меъёрҳои Паймонро иҷро наменамояд;

- қабул ва баррасии шикояти фарди алоҳида, ки худро қурбонии ҳуқуқпоймолкунии давлати аъзои Паймон мешуморад. Ин вазифа ба Кумита танҳо баъди қабули Протоколи якуми иловагӣ ба Паймон (16.12.1966), ки воситаҳои пешниҳоди шикояти инфиродиро пешбинӣ менамояд, вогузор гардид.

Кумиати оид ба ҳуқуқи инсон шикоятҳои инфиродии шахсро қабул ва баррасӣ менамояд, агар талаботҳои зерин риоя шуда бошанд:

- шикоят бояд ба як ва ё якчанд ҳуқуқе, ки дар ПБХСШ муқаррар гардидаанд таалуқ дошта бошад;

- чун қоида шикоят бояд аз ҷониби худи шахси ҳуқуқаш поймолгардида (қурбонӣ) ва ё намояндаи вай пешниҳод гардад. Агар тахмин равад, ки қурбонӣ имконияти мустақилона муроҷиат намудан надорад ва касеро аз номи худ ваколатдор карда наметавонад, Кумита шикояти шахсони бегонаро низ аз рӯи ин ҳуқуқвайронкунӣ қабул менамояд.

- давлате, ки ба муқобили вай шикоят ирсол мегардад бояд аъзои Протоколи иловагӣ бошад;

- шикояд қабул мешавад, агар поймолкунии ҳуқуқ баъди аз ҷониби давлат ба тасвиб расонидани Протокол рух дода бошад. Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки пеш аз эътирофи ин санад рух дода буданд, мавриди муҳокимаи Кумита қарор намегиранд. Вале агар ҳуқуқвайронкунӣ то эътирофи Протокол рух дода бошаду оқибатҳояш то ҳол идома ёбанд, яъне хусусияти давомдор дошта бошанд, шикоят мавриди баррасии Кумита қарор хоҳад гирифт

- зарур аст, ки шикояткунанда аз тамоми воситаҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон истифода барад ва танҳо баъди қонеъ нашудан ба Кумита муроҷиат намояд. Ин қоида истисно мешавад, агар дар қонунгузории миллӣ воситаҳои ҳимояи чунин ҳуқуқҳо пешбинӣ нашуда бошанд ва ё баррасии парванда дар зинаҳои миллӣ беасос таъхир ёбад;

- Кумита шикоятро қабул наменамояд, агар худи ҳамин масъала дар як маврид дар мақомоти дигари байналхалқӣ баррасӣ шуда истода бошад;

- шикоят набояд анонимӣ ва хусусияти таҳқиромез дошта бошад.

Баррасии шикоят аз се марҳила иборат мебошад:

1. бақайдгирии шикоят;
2. тадқиқи масъала қабулияти шикоят;
3. баррасии моҳиятии шикоят.

Кумита ин масъалаҳоро мавриди баррасӣ қарор дода дар интиҳо ақидаи худро баён менамояд ва ин ақидаҳо дар ҳуҷҷатҳои ҳарсолаи СММ нашр мегарданд. Бояд қайд намоем, ки имрӯзҳо дар баробари муроҷиат ба Кумита оид ба ҳуқуқҳои инсон ҳолатҳои зиёди муроҷиат ба Суди Аврупо оида ба ҳуқуқи инсон мушоҳида мегардад. Тартиби муроҷиат ба ин мақомотҳо монанд мебошанд. Вале фарқияти асосӣ дар ҳамин аст, ки қарорҳои Кумита оид ба ҳукуқи инсони СММ хусусияти тавсиявӣ доранд ва ягона воситаи таъсиррасонии ин мақомот ба муқобили давлатҳои ба вайронкорӣ роҳ дода нашри расмии ин ҳолатҳои вайроннамоии ҳуқуқҳои инсон мебошад. Қарорҳои Суди Аврупо бошанд, хосияти ҳатмӣ доранд. Фарқияти дигар дар он аст, ки ба Суди Аврупо дар муддати 6 моҳи баъди баромадани қарори мақомоти дахлдори давлат, муроҷиат намудан мумкин аст. Агар ин мӯҳлат гузарад, шикоят баррасӣ намегардад.

Шаҳрвандони ҶТ чун қоида ба Суди Аврупоӣ бинобар аъзои ША набудани ҶТ муроҷиат карда наметавонанд. (агар яке аз давлатҳои аъзои Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, ҳуқуҳои шаҳрванди ҶТ-ро вайрон намуда бошад, пас ин шахс ҳуқуқ пайдо мекунад, то ба Суди Аврупоӣ муроҷиат кунад). Вале ҶТ 13.11.1998 ҳам ПБҲШС ва Протоколи якуми иловагӣ ба онро қабул намудааст ва аз ин рӯ шаҳрвандони он ҳуқуқи муроҷиат ба ин мақомотро доранд.

Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Ин мақом с. 1985 аз ҷониби Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ бо мақсади таъмини иҷроиши меъёрҳои Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ созмон дода шудааст.

Вазифаи асосии ин Кумита қабул ва баррасии маърӯзаҳои давлатҳои аъзои ПБҲИИФ оиди андешидани чораҳо бобати дар ҳаёт ҷорӣ намудани ҳуқуқҳои дар Паймон дарҷгардида мебошад. Дар асоси омӯзиши маърӯзаҳои пешниҳодгардида, Кумита тавсияҳо медиҳад. Шаклҳои асосии фаъолияти Кумита инҳо ба шумор меравад:

- баррасии маърӯзаҳои давлатҳои аъзо;
- рӯзҳои муколамаи умумӣ;
- Таҳияи Мулоҳизаҳои тартиботи умумӣ.

Кумитаи зидди шиканҷа. Ин мақом бо мақсади таъмини иҷроиши Конвенсияи СММ зиди шиканҷа ва дигар навъи муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пасткунандаи шаъну эътибор созмон дода шудааст. Дар асоси ин Конвенсия Кумита вазифаҳои зеринро анҷом медиҳад:

- қабул ва баррасии маърӯзаҳои давлатҳои аъзои Конвенсия оиди андешидани чораҳо бобати дар ҳаёт ҷорӣ намудани ҳуқуқҳои дар он дарҷгардида. Дар асоси омӯзиши маърӯзаҳои пешниҳодгардида, Кумита тавсияҳо медиҳад;
- қабул ва баррасии шикоятҳои нфиродӣ дар сурате, ки ҳамон давлати аъзои Конвенсия ваколатҳои Кумитаро ба тасвиб расонида бошад (Яъне ба м.20 Конвенсия эзоҳ намуда бошад).[4]
- қабули иттилоот ва гузаронидани тафтишот вобаста ба мунтазам татбиқ гаштани шиканҷа дар қаламрави давлати аъзои Конвенсия;
- қабули шикояти як давлат аз болои давлати дигари аъзои Конвенся.

Шартҳои қабулияти шикояти инфиродӣ ба Кумитаи зиди шиканҷа бо шартҳои қабулият дар Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон монанд мебошанд.

Кумита оид ба рафъи табъизи нажодӣ. Ин кумита бо мақсади иҷроиши муқаррароти Конвенсияи СММ оид ба рафъи табъизи нажодӣ созмон дода шудааст ва иҷроиши вазифаҳои зеринро ба ӯҳда дорад:

- қабул ва баррасии маърӯзаҳои давлатҳои аъзои Конвенсия оиди андешидани чораҳо бобати дар ҳаёт ҷорӣ намудани ҳуқуқҳои дар он дарҷгардида. Дар асоси омӯзиши маърӯзаҳои пешниҳодгардида, Кумита тавсияҳо медиҳад;
- қабули шикояти як давлат аз болои давлати дигари аъзои Конвенся;
- қабул ва баррасии шикоятҳои нфиродӣ дар сурате, ки ҳамон давлати аъзои Конвенсия ваколатҳои Кумитаро ба тасвиб расонида бошад (Яъне ба м.14 Конвенсия эзоҳ намуда бошад).[5]
- иштироки бевосита дар амалисозии ташаббусҳо дар соҳаи таълим, тарбия ва иттилоотонӣ бо мақсадҳои тарғиби дӯстию рафоқат байни халқу миллатҳо.

Шартҳои қабулияти шикояти инфиродӣ ба Кумита оид ба рафъи табъизи нажодӣ бо шартҳои қабулият дар Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон монанд мебошанд. Вале шарти иловагие низ вуҷуд дорад, ки тибқи он шикоят бояд дар муддати 6 моҳи баъди қабули қарори ниҳоии зинаи олии мақомоти давлатӣ пешниҳод гардад. Риоя нагаштани чунин шарт асос барои рад намудани шикоят гардида метавонад.

Кумита оид ба рафъи табъиз нисбати занон

Ин Кумита соли 1982 дар асоси Конвенсияи СММ оид ба рафъи табъиз нисбати занон қабул шудааст. Кумита иҷроиши масъалаҳои зеринро ба зима гирифтааст:

- ба амал баровардани мониторинг дар давлатҳои аъзо оид ба рафти иҷроиши Конвенсия ва баррасии ҳисоботҳои давлатҳои аъзо;
- баррасии ҳисоботи давлатҳои аъзо дар маҷлисҳои кушода;
- Таҳияи тавсияҳои умумӣ аз рӯи масъалаҳои мушаххас;
- тибқи Протоколи иловагӣ баррасӣ намудани шикоятҳои инфиродӣ.

Шартҳои қабулияти шикояти инфиродӣ ба Кумита оид ба рафъи табъиз нисбати занон бо шартҳои қабулият дар Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва Кумитаи СММ зиди шиканҷа монанд мебошанд.

Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак

Ин Кумита с.1991 бо мақсади таъмин намудани иҷроиши талаботи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак созмон дода шудааст. Кумита ба иҷрои ӯҳдадориҳои давлатҳои аъзо дар соҳаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак назорат мебарад. Давлатҳои аъзо вазифадорнад, ки ба Кумита оид ба иҷрои Конвенсия ва пешрафт дар соҳаи татбиқи амалии ҳуқуқҳои кӯдак маърӯзаҳо пешниҳод намоянд.

Кумита механизми баррасии шикоятҳои инфиродро надорад.

Кумита оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо.

Кумита назорати иҷроиши Конвенсияи СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро таъмин намуда вазифдор аст:

- қабул ва баррасии маърӯзаҳои давлатҳои аъзои Конвенсия оиди андешидани чораҳо бобати дар ҳаёт ҷорӣ намудани ҳуқуқҳои дар он дарҷгардида. Дар асоси омӯзиши маърӯзаҳои пешниҳодгардида, Кумита тавсияҳо медиҳад;

- қабули шикояти як давлат аз болои давлати дигари аъзои Конвенся;

- қабул ва баррасии шикоятҳои нфиродӣ дар сурате, ки ҳамон давлати аъзои Конвенсия ваколатҳои Кумитаро ба тасвиб расонида бошад (Яъне ба м.77 Конвенсия эзоҳ намуда бошад).

Ҳамаи мақомоти шартномавии дар боло номбаргашта, баъди баррасии маърӯзаҳои расмии давлатҳои аъзо оид раванди таъмин ва иҷроиши шартномаҳои дахлдор мулоҳизаҳои хотимавӣ қабул менамоянд, ки аз фаслҳои зерин таркиб ёфтаанд: 1) муқаддима; 2) ҷабҳаҳои мусбӣ; 3) омилҳое, ки мувофиқгардонии шартномаро мушкил мегардонанд; 4) масъалаҳои асосие, ки таасуфро ба миён меоранд; 5) тавсия ва пешниҳодот.[6]

Яке аз кӯҳантарин ташкилотҳои минтақавӣ дар қитъаи Аврупо Шӯрои Аврупо ба ҳисоб меравад.[7]. 4 ноябри с. 1950 дар ш. Рим аз ҷониби аъзои ин Шӯро Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ қабул гардид, ки 3 сентябри с.1953 эътибори қонунӣ пайдо намуд.

Шӯрои Аврупо, ки худ соли 1949 созмон ёфтааст, мақсадҳои зерин дошт:

- ба даст даровардани ваҳдат байни аъзоёни он;

- ҳимоя ва таҳкими ҳуқуқҳои инсон;

- волоияти меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ;

- ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳое, ки дар назди ҷомеаи аврупоӣ қарор доранд (нажодпарастӣ, ифлосшавии муҳити зист, ВМБ (СПИД), нашъамандӣ, ҷинояткории муташккил ва ғ.);

- мусоидат ба устувории демократия дар Аврупо тавассути анҷом доданиислоҳоти сиёсӣ, қонунгузорӣ ва конститутсионӣ

Тибқи Оинномаи ин ташкилот «мақсади Шӯрои Аврупо муяссар гардидан ба ваҳдадти баркамол байни аъзоёни он ҷиҳати ҳимоя ва амалисозии присипҳоест, ки ба инкишофи иқтисодиву иҷтимоии онҳо кӯмак мерасонанд» (м.1). Тибқи м.3 Оиннома бошад, ҳар як давлати аъзои Шӯро бояд принсипи волоияти ҳуқуқро эътироф намуда, барои ҳамаи шахсони дар қаламрави онҳо қарордошта, истифодаи ҳуқуқ ва озодиҳои асосиро кафолат диҳанд. Ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф миёни давлатҳои аъзои ташкилоти мазкур созишнома ва қарордоди зиёде, ки шумораи онҳо аз 170 мегузарад ба имзо расидааст. Санадҳои асосие, ки дар заминаи ин ташкилоти бонуфуз қабул шудаанд, инҳо ба ҳисоб мераванд:

- Конвенсия оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ (с.1950) бо 12 протоколе, ки мазмун ва моҳияти онро тағйир ва ё илова намудаанд;

- Хартияи иҷтимоии Аврупо (с.1961 бо коркарди навин аз с. 1996);

- Конвенсияи Аврупоӣ оид ба шаҳрвандӣ (с.1998);

- Конвенсияи Аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибату ҷазои ғайриинсонӣ ва пастзанандаи шаъну эътибор (с.1987) ва ғ.

Ба сифати ҳуҷҷатҳои муассисии Шӯрои Аврупоӣ Оинномаи он аз 5 майи с.1949 ва Созишномаи Генералӣ оид ба имтиёзҳо ва масуниятҳои Шӯрои Аврупо аз 2 сентябри с.1949 баромад мекунанд.

Мақомотҳои Шӯрои Аврупо ҳамчун механизми ҳуқуқи инсон:

Кумитаи Вазирон, ки мақоми дастурӣ буда, ба ҳайати он вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзо ва ё намояндаи доимии онҳо, инчунин ҳайати дигари ҳукуматҳо шомиланд. Оид ба масоили баррасишуда, Кумита дар шакли тавсияҳо ба ҳукуматҳо хулоса медиҳад. Оид ба баъзе масъалаҳо ҳалномаҳои он хусусияти ҳатмӣ мегиранд. Макони ҷойгиршавии ин мақом ш. Страсбург аст.

Ассамблеяи Парлумонӣ, ки аз ҳисоби аъзоёни парлумони давлатҳои аъзо интихоб ва ё таъин мешаванд. Шумораи аъзоён аз ҳисоби давлатҳои алоҳида ба таври гуногун сурат гирифтааст. Масалан, аз ҳисоби Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Италия, Русия – 18-нафарӣ, аз Испания, Туркия, Украина – 12-нафарӣ, аз Юнон, Белгия ва ғ. – 7-нафарӣ ва ғ. Ассамблея мақоми машваратӣ буда, ба Кумитаи вазирон тавсияҳо медиҳад.

Конгресси ҳокимияти маҳаллӣ ва минтақавии Аврупо – мақоми маслиҳатӣ буда, намояндагони ҳукуматҳои маҳаллӣ ва минтақавии давлатҳои аъзои Шӯроро муттаҳид намудааст.

Котибот – мақомоти маъмурии Шӯро ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Котиби генералӣ роҳбарӣ мешавад (Котибро Ассамблеяи Парлумонӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб менамояд).

Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон – мақомоти ягонаи доимии Шӯрои Аврупоӣ ба ҳисоб рафта, ба баррасии шикоятҳои инфиродие, ки оид ба ҳолатҳои поймолшавии моддаҳои Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ ворид мешаванд, машғул аст.[8]

11 майи с. 1994 аъзоёни Шӯрои Аврупоӣ протоколи №11 –ро ба Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ қабул намуданд, ки ба шаҳрвандон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва гурӯҳи дигари одамон имконияти муроҷиати бевосита ба ин мақомро фароҳам меорад. Протоколи фавқуззикр с.1997 баъди аз ҷониби ҳамаи давлатҳои аъзои Шӯро имзо ва ба тасвиб расиданаш, эътибори қонунӣ пайдо намуд. Тибқи ин протокол Комиссияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон барҳам дода шуда, ҷояшро Суди Аврупоӣ ишғол намуд.

Барои баррасии парвандаҳо Суд кумитаҳои иборат аз се судя, палатаҳои иборат аз 7 судя ва палатаҳои калони иборат аз 17 судяро таъсис медиҳад. Масоили вобаста ба қабулияти шикоятҳоро кумитаҳои иборат аз се судя ҳал менамоянд. Ин ҳолатро бо он асоснок намудан мумкин аст, ки бо афзоиши аъзоёни Шӯрои Аврупоӣ миқдори шикоятҳо низ зиёд шуда истодаанд ва маҳз фаъолияти ин кмитаҳо имконият медиҳанд, ки масъалаи қабулияти шикоятҳо сари вақт ва босифат ҳал гардад. Баррасии бевоситаи парвандаҳо бошанд, аз ҷониби палатаҳо сурат мегиранд. Палатаҳои калон бошанд, масъалаҳои нисбатан муҳим, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба маънидоднамоии меъёрҳои Конвенсияро баррасӣ менамоянд.

Иҷроиши ҳалномаҳои Суд барои давлатҳои аъзо ҳатмӣ буда, таъмини риояи онҳо ба зиммаи Кумитаи вазирон вогузор гардидааст. Ҳамин тавр гуфтан мумкин аст, ки протоколи № 11 ба Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, механизми мукаммали минтақавии ҳимояи ҳуқуқи инсонро ба вуҷуд овардааст. Давлатҳои аъзои Шӯрои Аврупо бо таъсири ҳалномаҳои Суди Аврупоӣ қонунгузории миллии худро пайваста такмил медиҳанд.

Ҳар давлате, ки майли дохил шудан ба Шӯрои Аврупоро дорад, дар баробари эътирофи Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, ба таври ҳатмӣ бояд қонунгузории худро ба ҳалномаҳои батасвибрасидаи Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон мувофиқ созад.

Бояд хотирнишон сохт, ки ҳуқуқи муроҷиат ба Суди Аврупоиро танҳо шаҳрвандони давлатҳое доранд, ки аъзои Шӯрои Аврупоӣ (мувофиқан аъзои Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ) бошанд. Шаҳрвандони давлатҳои ғайр танҳо дар сурати поймол шудани манфиатҳои қонуниашон аз тарафи давлатҳои аъзои Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, ин ҳуқуқро пайдо менамоянд. Суоле ба миён меояд, ки оё шаҳрвандони Аврупо метавонанд, ки аз механизмҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон истифода намоянд? Албатта метавонанд, зеро онҳо низ қисми ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонианд ва давлатҳое, ки ин афрод ба онҳо мансубият доранд, санадҳои асосии

СММ оид ба ҳуқуқи башарро ба тасвиб расонидаанд. Дар ин замина, ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки шаҳрванд зимни мурочиат ба ин мақомот ҳуқуқи интихоб дорад. Масалан, фарз кардем, ки ҳуқуқ ба муттаҳидшавии шаҳрванд АБ, ки ба давлати Фаронса мансубияти сиёсӣ дорад, аз чониби ин кишвар поймол шуд. Баъди истифодаи ҳамаи зинаҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон, вай метавонад, ки ё ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва ё ба Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон мурочиат кунад. Шаҳрванд ҳолатҳои зеринро ба инобат гирифта, метавонад ба яке аз ин мақомот мурочиат намояд:

Қарорҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон хусусияти ҳатмӣ надоранд. Онҳо танҳо ба давлат тавсия медиҳанд, ки ҳуқуқи поймолшударо барқарор намоянд. Қарорҳои Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи башар бошанд, хусусияти ҳатмӣ доранд. Ин мақом метавонад, ки давлатҳоро маҷбур созад то ҳуқуқи поймолшудаи шахс барқарор карда шавад;

Шартҳои қабулияти шикояти инфиродӣ ба ҳар дуи ин мақом, қариб ки якхела ҳастанд. Агар дар мавриди шикоят ба Кумита талаб карда шавад, ки ҳуқуқи поймошуда ба яке аз ҳуқуқҳои дар ПБҲШС дарчгардида дахл дошта бошад, пас дар мавриди шикоят ба Суди Аврупоӣ талаб карда мешавад, ки мазмуни шикоят бояд аз ҳуқуқҳои дар Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ муқаррargардида бар оянд;

Агар зимни қабулияти шикоят дар Кумита талабот оид ба мӯҳлат муқаррар нашуда бошад, пас яке аз шартҳои асосии қабулияти шикояти инфиродӣ дар Суди Аврупоӣ риояи мӯҳлат аст. Яъне шаҳрванд бояд дар муддати 6 моҳи баъди ба табъ расидани қарори ниҳоии зинаи миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон ба Суд мурочиат намояд;

Макони чӣгиршавии Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон ш. Женева ва макони чойгиршавии Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон бошад, ш. Страсбург аст.[9]

Низоми ҳимояи ҳуқуқи инсон, ки дар заминаи Ташкилоти Давлатҳои Америкоӣ бунёд ёфтааст, аз низоми минтақавии ҳимояи ҳуқуқи инсон, ки дар сатҳи Шӯрои Аврпуоӣ амал менамояд, ба хусусиятҳои зиёди худ фарқ менамояд.

Яке аз фарқиятҳои асосӣ дар он аст, ки асосии ҳуқуқии фаъолияти низоми байниамрикоии ҳимояи ҳуқуқи инсонро якбора се санад – Оинномаи Ташкилоти Давлатҳои Америкоӣ (ТДА), Эъломияи амрикоӣ оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои инсон ва Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ташкил медиҳанд. Вале, агар санади якум танҳо муқаррар намуда бошад, ки «давлатҳои амрикоӣ ҳуқуқҳои асосии шахсияти инсониро бидуни фарқгузорӣ аз рӯи нажод, миллат, эътиқод ва дин эълом медоранд»[10], пас ду санади дигар бевосита ба эътироф, кафолат ва ҳимояи ҳукуқҳои инсон бахшида шудаанд.

Муҳимияти Эъломияи амрикоии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои инсонро таъкид намуда, қайд намудан лозим аст, ки он аз рӯи мӯҳлат ҳатто 6 моҳ қабл аз ЭУҲБ қабул шудааст. Ин ҳолат ба мо имкон медиҳад, то иқрор бошем, ки Эъломияи амрикоӣ санади аввалинест, ки ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангиро дар ин сатҳ эълон намудааст.

Эъломия дар баробари муқаррар намудани ҳуқуқҳои асосии инсон, даҳ ӯҳдадории асосии вайро нишон додааст, ба монанди ӯҳдадориҳои нисбат ба чомеа, нисбат ба волидайн ва кӯдакон, ӯҳдадории таълим гирифтан, мутеи қонун будан, хидмат ба чомеа ва миллат, пардохти андоз, худдорӣ аз фаъолияти сиёсӣ дар давлати хоричӣ, меҳнат намудан ва ғ. Ба ин монанд нишондодҳо дар санадҳои Шӯрои Аврупо вучуд надоранд. Ин Эъломия таи 20 сол (аз с.1959 то с.1978), яъне то лаҳзаи қабули Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, асоси ҳуқуқии фаъолияти Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсонро ташкил менамуд. Ҳатто баъди қабули Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, низ ин Эъломия таъсири худро нигаҳ доштааст. Зеро Комиссияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, нисбати давлатҳои аъзои ТДА, ки Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсонро ба тасвиб нарасонидаанд, дар асоси татбиқи меъёрҳои Эъломия муносибат менамояд. Махсусияти низоми байниамрикоии ҳимояи ҳуқуқи инсон низ, маҳз дар ҳамин ифода меёбад. Яъне як мақом дар як маврид имкони баровардани ҳам ҳалномаҳои хусусияти тавсиявидошта (зимни ба роҳбарӣ гирифтани меъёрҳои Эъломия) ва ҳам хусусияти ҳатмидошта (зимни ба роҳбарӣ гирифтани меъёрҳои Конвенсия) –ро пайдо намудааст.

Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон 22 ноябри с.1969 ҳангоми баргузории Конференсияи дуюми махсуси байниамрикоӣ дар ш. Сан-Хосе (номи дуюми ин санад низ — Паймони Сан-Хосе аст.) қабул гардидааст ва 18 июли с.1978 эътибори қонунӣ пайдо кардааст. Ин шартнома ба мисли Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ шартномаи байналхалқии бисёрҷонибаи «навъи пушида» аст, ки ҳуқуқи имзо намудан, ҳамроҳ шудан ва ё ба тасвиб расонидани онро танҳо давлатҳои аъзои ТДА доранд.

Низоми ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ шудаанд, бо ПБҲШС ва Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ шабоҳати зиёде дорад. Вале ин низоми ҳуқуқҳо дар Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар тафовут аз Конвенсияи Аврупоӣ нисбатан васеътар арзёбӣ гаштаанд. Дар он аз ҷумла ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқ ба кӯдак, ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ, ҳуқуқ ба баробарӣ дар назди қонун ва ғ. муқаррар шудаанд.

Дар заминаи ин Конвенсия механизмҳои назоратӣ - Комиссяи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон созмон дода шудаанд. Тибқи муқаррароти Конвенсия ҳар як шахс ва ё гурӯҳи ашхос, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ оид ба ҳолтаҳои поймол шудани меъёрҳои он, ҳуқуқ доранд, ки бо шикоят ба Комиссия мурочиат намоянд. Комиссия нахуст масъалаи қабуляти шикоятро баррасӣ намуда, сониян аз рӯи он тафтишот мегузаронад. Баъди анҷом додани ин тадбир, Комисся маъруза омода намуда, дар он ҳолати вайрон гардидан ва ё нагардидани меъёрҳои Конвенсияро нишон медиҳад. Сипас, Комиссяи метавонад, ки маърӯзаи мазкурро ба Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҷиҳати баррасӣ ирсол намояд.

Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон бошад, мақоми худмухтори судӣ буда, салоҳияти татбиқ ва тафсири Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсонро дорад. Ҳуқуқи ирсол намудани парвандаро ба Суд танҳо давлатҳои аъзои Конвенсия ва Комиссия байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон доранд. Иҷроиши ҳалномаҳои судӣ барои тарафҳо ҳатмӣ буда, шикоятнопазиранд.

Суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳамзамон ваколатҳои машваратӣ низ дорад. Дар ин замина, Суд метавонад, муқаррароти чи Конвенсия ва чи санадҳои дигари дар кишварҳои қитъаи Америко хукмронро тафсир намояд. Аз ин бар меояд, ки доираи ваколатҳои суди байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон назар ба Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон васеътар будааст.

Бо вуҷуди ин, олимон натиҷаи фаъолияти мақомоти назоратии низоми байниамрикоии ҳимояи ҳуқуқи инсонро таҳлил намуда, онро «амалан бесамар» арзёбӣ намуданд. Аксарият бар он назаранд, ки шояд сабаби чунин ранг гирифтани ҳолат, айнан нухабардорӣ шудани мундариҷаи Конвенсияи Америкоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ дар Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон бошад. Яъне ҷорӣ намудани дастовардҳои як тамаддун дар минтақаи дигар сабаби рух додани чунин вазъият гаштааст. [11]

### Рӯйхати адабиёти истифодашуда


1. Права человека: Учебник для вузов. / Отв. ред. чл.корр. РАН, д.ю.н. Е.А. Лукашева. М.: Норма, 2004. С. 277522; Права человека: учебник. / А.Н. Головистикова, Л.Ю. Грудцына. М.: Эксмо, 2006. С. 263291; Холиков А.Г., Диноршоев А.М. Права человека: Учебник для вузов. / Под ред. д.ю.н., проф. Холикова А.Г. Душанбе, 2009. С. 611683; Карташкин В.А. Международные механизмы защиты прав человека. Как подать жалобу в международные органы. М.: Норма, 2003. 112с.; Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. Душанбе: Эҷод, 2007. 136с. ва ғ.
2. Сборник международных актов по правам человека. / Сборник для издания подготовили: Хамидов Х.Х., Надырова Ш.А., Додоев А.М. Душанбе: Конуният, 2001. 564 с.; Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳои инсон

(барои кормандони ҳифзи ҳуқуқ). Душанбе: МастерПринт, 2006. 484с.; Адлия (централизованный банк правовой информации РТ). Версия 6,0. ва ғ.
3. Муфассал ниг.: Международное гуманитарное право. Под ред. Капустина А.Я. М., 2009. С. 330-331, Карташкин В.А. Права человека: международная защита в условиях глобализации. М., 2009. С.139-148.
4. ҶТ ҳарчанд ба Конвенсияи зиди шиканҷа ҳамроҳ шуда бошад ҳам, вале шаҳрвандони он ҳуқуқи бо шикояти инифродӣ муроҷиат намудан ба онро надоранд. Зеро то ҳол ҶТ ваколатҳои Кумитаро дар алоҳидагӣ ба тасвиб нарасонидааст.
5. ҶТ Конвенсия оид ба рафъи табъизи нажодиро ба тасвиб расонидааст, вале ваколатҳои Кумитаро дар алоҳидагӣ имзо накардааст. Аз ин рӯ шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқи муроҷиат ба ин мақомро надоранд. Лекин дар ин ҷо ҳеҷ ҷои таасуф нест. Зеро масоили вобаста ба рафъи табъиз ҳамчунин дар ПБҲШС мустаҳкам гаштаанд. ҶТ ҳам ин санад ва ҳам ваколатҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсонро ба тасвиб расонидааст. Аз ин рӯ ҳангоми мушоҳида шудани ҳолатҳои табъиз аз рӯи аломати нажодӣ, шаҳрванди ҶТ метавонад ба Кумита оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат намояд. Айнан ҳамин гуфтаҳоро дар нисбати масъалаи манъи татбиқи шиканҷа изҳор дошта мумкин аст.
6. Муфассал ниг.: Международное гуманитарное право. Под ред. Капустина А.Я. М., 2009. С.335-365, Карташкин В.А. Права человека: международная защита в условиях глобализации. М., 2009. С.139-148.
7. Муфассал ниг.Энтин М.Л. Международные гарантии прав человека. Практика Совета Европы. М., 1992.
8. П.В. Чиков, Г.Н. Хадиева, А.Б. Мезяев, А.М. Насырова. Универсальные и региональные системы защиты прав человека и интересов государства. Казань 2003. С.83-85.
9. Дар ин бора муфассал ниг. ба: Европейские стандарты в области прав человека: теория и практика функционирования Европейской Конвенции о защите прав человека и основных свобод. Сомонаи: www1.umn.edu/humanrts/russian/hrtsbook/
10. Иқтибос аз китоби: Проблемы Латинской Америки и международное право. М., 1995. С. 124.
11. Карташкин В. А. Права человека в международном и внутригосударственном праве. С. 97

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

# ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОМЕРЦИИ

## МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗУИ “МАСОИЛИ МУБРАМИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР” 10 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024

## МАТЕРИЛЫ РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ ПО ТЕМЕ «АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ» 10 ДЕКАБРЯ 2024 ГОДА

Ба чопаш 18.01.2025 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/8. Қоғази офсетӣ.
Ҳуруфӣ Times New Roman Tj. Чопи афсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 10,4.
Адади нашр 100 нусха. Нархаш шартномавӣ

734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
Матбааи «Тоҷир»